# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ:336.77(575.3)
ТБК:65.9(2Т)261.6
Х-73

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Холов Абдулҳамид Мирзомадович**

**ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
(ДАР МАВОДИ ХОҶАГИҲО ВА КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ.

Душанбе – 2024

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
АИКТ - Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
АХД - Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
АИО - Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об
АА - Арзиши аслӣ
ААИ - Андози арзиши иловашуда
БМТ - Базаи моддию техникӣ
ВАО - Васоити ахбори омма
ВМКБ - Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ВХ - Вилояти Хатлон
ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ЗАИ - Занҷираи арзиши иловашуда
ИА - Иттиҳоди Аврупо
ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил
КАС - Комплекси агросаноатӣ
КАО - Комплекси агроозуқаворӣ
КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ
КВДҶ -Корхона воҳидии давлатии ҷумҳуриявӣ
КИТТК - Корҳои илмию техникӣ, таҷрибавию конструкторӣ
КИТ - Корҳои илмию таҳқиқотӣ
ККМК Корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ
ККТ - Кооперативи кишоварзию тиҷоратӣ
МТОК - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
МТМУ - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ
МТИ - Муассисаю ташкилотҳои илмӣ
МУК - Маҳсулоти умумии кишоварзӣ
ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
МХТ - Марказҳои хизматрасони техникӣ
МЗКЗК - Майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ
МЗАКД - Майдони заминҳои аҳамияти кишоварзидошта
МЗК - Майдони заминҳои кишт
НТҶ - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
ПИТ - Пешрафти илмию техникӣ
СММ - Созмони миллали муттаҳид
СМР - Стратегияи миллии рушд
СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо
СИИ - Самаранокии иқтисодии инвеститсияхо
ССА - Сармоягузориҳои сармояи асосӣ
ТБО - Таъмини бехатарии озуқаворӣ
ТУТ - Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
ФА(ФАК) - Фондҳои асосӣ(Фондҳои асосии корхона)
ФАИ - Фондҳои асосии истеҳсолӣ
ФАҒ - Фондҳои асосии ғайриистеҳсолӣ
ХДФ - Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
ЧКШ - Чорвои калони шохдор
ҶДММ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
ҶМЧ - Ҷумҳурии мардумии Чин
ҶСП - Ҷамъияти саҳомии пӯшида
ҶСК - Ҷамъияти саҳомии кушода
ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон
ШАМК - Шумораи аҳолии машғули кор
ШУК - Шумораи умумии кормандон

**МУНДАРИҶА**


**МУҚАДДИМА**...........................................................................................................4-14

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСУЛИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИҲО ВА КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ**

1.1. Ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор..........................................15-33

1.2.Хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш..................................33-48

1.3.Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС...............................48-65

**БОБИ II. АРЗЁБӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР** ХОҶАГИҲО ВА КОРХОНАҲОИ **ҶУМҲУРӢ ВА МИНТАҚАИ ХАТЛОН**

**2.1.**Ҳолат ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он...................66-78

**2.2.**Баҳодиҳии ҳолати таъмини сармоягузориҳо дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон.........................................................78-95

**2.3.**Арзёбии таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳою корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоб..............................96-113

**БОБИ III. САМТҲО ВА РОҲҲОИ БЕҲТАРГАРДОНИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ САНОАТИКУНОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ АГРАРӢ**

3.1. Танзими таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати кишоварзӣ дар доираи стратегия ва барномаҳои давлатӣ...............114-131

3.2. Сармоягузориҳо ба технологияи инноватсионӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ......................................................... 131-148

3.3. Таҷрибаи хориҷии рушди сармоягузориҳои бахши аграрӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар кишоварзии ҷумҳурӣ.....................148-166

**Хулосаҳо**...........................................................................................167-169

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии н**атиҷаҳо .................................170-172

**Рӯйхати адабиёт**...............................................................................173-186

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**.......................................186-187

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи муҳимтарин комплексҳои байнисоҳавии кишвар маҳсуб меёбад, таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва истиқлолияти воқеии мамлакат ва солимии ҷомеаи он аз бисёр ҷиҳат ба вазъ ва ҳолати рушди комплекси мазкур алоқамандии мустақим дорад. Аз ин лиҳоз, ду ҳадафи стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, яъне таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комплекси агросаноатии он, аз ҷумла ба соҳаи кишоварзӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ҳамзамон, амали гардидани ҳар ду ҳадафи номбурда ба таъмини сармоягузории рушди комплекси мазкур равобити бевосита дорад. Зеро таъмини сармоягузорӣ, бахусус сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ин таҳкими базаи моддию техникии рушди саноатикунонии корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла саноати хӯрокворӣи кишвар бо ашёи хоми ватанӣ, баландбардории рақобатпазирии маҳсулотҳои корхонаҳои агросаноатӣ кишвар, кам кардани маҳсулотҳои воридотӣ ва бештар истеҳсол намудани маҳсулотҳои ба содироат нигаронидашуда мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти ин мавзуъро аз замони соҳибистиқлолии кишвар дарк карда, барои рушду равнақи он ҳамаҷониба кӯшишҳо ба харҷ медиҳад. Аз ҷумла ҳаҷми маблағҳои буҷавӣ дар давраи солҳои 2011-2015 зиёда аз 1,7 млрд. сомониро ташкил дод. Дар 15 соли охир бошад, дар сектори аграрии ҷумҳурӣ 42 лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо маблағи беш аз 3,7 млрд сомонӣ амалӣ гардиданд. Бахусус дар соли 2014 дар ин бахши иқтисодиёти кишвар 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 550 млн.сомонӣ ба итмом расида, аз соли 2015 то соли 2021 дар соҳаи мазкур амалигардии 9 лоиҳа бо маблағи 1,5 млрд сомонӣ идома доштанд.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас дар самтҳои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ камбудиҳо низ мавҷуданд. Масалан,

дастгирии давлат аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷавӣ кам шуда, дар давраи таҳлил ҳиссаи хеле ками МУД-и ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор низ мушкилоти худро доранд. Ҳамчунин, ҳаҷми сармоягузориҳо ба капитали асосии кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба капитали асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ тамоюл ба пастравӣ дорад. Нишондиҳандаи бакордарории фондҳои асосии кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии фондҳои асосии дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ бакордаровардашуда дар солҳои охир ташвишовар арзёбӣ мегарданд.

Албатта, мушкилоти номбурда таъсири бевоситаи худро ба рушд, ҳаҷм ва сифати маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва умуман корхонаҳои агросаноатӣ мерасонад. Аз дигар ҷониб, кишоварзӣ соҳаи меҳнатталаб ва маблағталаб ба шумор меравад. Ва имрӯзҳо новобаста аз муваффақиятҳо истеҳсолоти агросаноатӣ талаботи аҳолии мамлакатро бо маводи озуқаворӣ таъмин карда наметавонад. Истеҳсолоти бузурги механиконидашудаи кишоварзии кишвар, ки то солҳои 1990-уми қарни гузашта амал мекард, ба истеҳсолоте табдил ёфтааст, ки аксари хоҷагиҳояш хурд буда, характери хоҷагиҳои хурди майдамолиро касб кардаанд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа қисмати зиёди заминҳои кишоварзӣ дар дараҷаҳои гуногуни эрозия қарор доранд. Шумораи мошинолотҳои асосии кишоварзӣ кам шуда, коэффисенти навкунии техникаи кишоварзӣ дар сатҳи аз меъёрҳои муқарраршуда паст қарор дорад. Аксари хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҶТ дар мавриди истифодаи нуриҳои минералӣ ва заҳрохимикатҳо танқисӣ мекашанд. Ҳамчунин, ба принсипҳо, вижагиҳо ва сиёсати истеҳлокӣ зимни сармоягузориҳо ва молиякунонии равандҳои инноватсионӣ диққати ҷиддӣ дода намешавад. Кулли мушкилоти номбурда ба кам будани сармоягузориҳо дар соҳаи мазкур алоқамандӣ доранд. Аз ин рӯ, таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати корхонаҳои агросаноатии

ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он яке аз мавзуъҳои муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии мушкилоти таъмини сармоягузориҳои корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои агросаноатӣ доимо мавриди диққати олимон- иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ қарор дошт ва дорад. Доир ба масъалаҳои рушди назарияи сармоягузориҳо олимони зиёди хориҷӣ, аз ҷумла Э.Дж. Долан, Д. Е.Линдсей, К.Р.Макконнелл, С.Л.Брю, Д. Рикардо, Л.Ҷ. Гитман, М.Д. Джонк, Ҷ. Доунс, Ҷ.Э. Гудман, У. Шарп, Г. Александер, Дж.Бэйли ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд.

Олимон-иқтисодчиёни зерини рус низ дар мавзуи сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ корҳои назаррас анҷом додаанд: Б.А.Райзберг, Л.Ш.Лозовский, Е.Б.Стародубцева, И.В.Липсиц, В.В.Коссов, Маслов Е.В., Я.С. Поташник., К. Минина, Андросов В.М., Шумарин А.Л., Макаркин Н.П., Леонтьев В. Е., Бочаров В. В., Ефимов В.С., Ушаков В.Я.,Ушачев И.Г., Сергеев И.В., Веретенникова В.В., Гуськова Н.Д., Краковская И.Н., Слушкина Ю.Ю., Маколов В.И., Струмилин С.Г., Хачатуров Т.С., Коваленко Н.Я., В.А. Добрынин, А.В.Беляев, Т.Ю. Сушкова, Старик Д.Э., Ковалев В.В., Ендовицкий Д.А., И.С.Санду, Мендели Л.Э., Васин В.А., Л.И. Волов, Н.Н. Воротилов, И.В. Ершов ва диг.

Аз олимони ватанӣ низ дар самти сармоягузориҳо ва масоили марбути он дар корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои агросаноатӣ олимони зерин кор кардаанд: Комилов С.Ҷ., Ғаниев Т.Б., Пиризода Ҷ.С., Одинаев Ҳ.А., Умаров Х., Низомова Т.Д., Исайнов Ҳ.Р., Давлатзода Қ.Қ, Файзуллоев М.К., Хушвахтзода Қ. Х., Низомов С.Ф., Шарипов Б.М., Улугхоҷаева Х.Р., Ҳикматов У.С., Солиев А.А., Бобоев А.А., Музаффаров Б.С., Арабов Ф. Шарипов У., Файзуллоев Т.Т. ва дигарон. Ҳамчунин, нуқтаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқшаванда дар асарҳои илмии Қурбонов А., Обидов Ф.С., Султонов З., Қодирзода Д.Б.,

Собирзода Н.М., Шарифов З.Р., Хоҷаев П.Д., Исроилов М.И., Додоматов Д.Н.ва дигарон мавриди баррасию арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар самти сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар масоили ҳалталаб аз қабили таҳқиқи механизмҳо, фишангҳо, самтҳо, роҳҳо, ҷустуҷӯйи сарчашмаҳо, методҳои муосири сармоягузориҳо, танзими молиявӣ ва сармоягузории равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз ҷониби давлат, истифодаи таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар самти таъмини сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои КАС, сармоягузории технологияи инноватсионӣ, усулҳои арзёбии самаранокии онҳо, сиёсати дурусти истеҳлокӣ ва молияи равандҳои инвеститсионӣ дар корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ҳанӯз аз масъалаҳое мебошанд, ки таҳқиқоти амиқу дақиқро тақозо доранд. Масоили номбурда дар сатҳи зарурии илмию методологӣ ҳал нашуда ва таҳия шудани монографияҳоро оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии КАС тақозо менамоянд, ки аҳаммият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии рисоларо муайян намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии мазкур бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаҳои миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (Стандарти байналмилалии Global G.A.P.) ва дигар консепсияҳою барномаҳои рушди соҳавию

байнисоҳавии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди соҳибкорӣ ва таъмини саноатикунонии босуъати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сармоягузориҳо барои солҳои 2021-2025» таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот и**н тақвият ва тавсеаи ҷанбаҳои назариявию услубӣ, баҳодиҳии вазъ ва коркарди тавсияю пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии ҶТ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Расидан ба ҳадафи мазкур гузориш ва ҳалли вазифаҳои зерини таҳқиқотро талаб менамояд:

- тақвият ва тавсеаи асосҳои назариявӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва методологии сармоягузориҳо, бахусус раванди сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ;

-ошкорсозии хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ таъсирбахш ва муайянкунии усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ;

-таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати кунунии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ;

-асосноккунии самтҳои рушди равандҳои таъмини сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, хусусан дар вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда;

-баҳодиҳии истифодаи самаранок ва дурнамои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат дар заминаи ҷорисозии инноватсияҳо, дар доираи КАС-и минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;

-коркарди тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба рушди ҷараёнҳои таъмини сармоягузории навҷорисозиҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқавории кишвар.

**Объекти таҳқиқот** низоми хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон маҳсуб меёбанд.

**Мавзуи таҳқиқот** фарогири муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошад, ки дар раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ зуҳур мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз ҳадафи чоруми СМТ ҶТ барои давраи то соли 2030 бармеояд. Яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва ба истеҳсолоти саноативу аграрӣ табдил додани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар навбати худ таъмини босуръату босуботи раванди сармоягузориҳо, махсусан сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатиро тақозо дорад. Дар рисолаи илмӣ дар амал тадбиқ гардидани ҳамин фарзия дар мисоли рушди раванди сармоягузориҳо ба соҳаҳои истеҳсолоти КАС таҳқиқу таҳлил гардидааст. Инчунин, фарзияи номбурда ва тамоюлҳои фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон бо мисолҳои мушаххас дар давраи солҳои 2017-2021 исбот шуда, натиҷагирию хулосабарорӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, амали шудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро исбот намуда, барои давра ба давра баҳогузорӣ намудани он мусоидат менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат дар заминаи

инноватсияҳо, дар доираи КАС ва минтақаҳои агросаноатии алоҳида ташкил медиҳанд. **Асосҳои методологии** таҳқиқи ҷараёнҳои сармоягузориҳоро дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои доираҳои КАС ва минтақаҳои агросаноатии он равишҳои ҳудудӣ ва системавию сохторӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқотро иттиллооти аввалияи маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ оид ба ташаккул ва равнақи раванди сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Аз рушди муқаррароти назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташаккулу равнақи раванд ва таъмини сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки навоварии илмии таҳқиқот мебошанд:

-асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуданд;

- хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш ошкор ва

усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ муайян ва арзёбӣ гардидаанд;

- ҳолати кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ таҳлил ва баҳодиҳӣ гардидаанд;

- самтҳои рушди таъмини равандҳои сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда асоснок ва арзёбӣ шуданд;

- таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат бо назардошти истифодаи самараноки сарчашмаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ ва дурнамо шуданд;

- оид ба рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон бо назардошти ба инобат гирифтани афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ ва молиявӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқавории кишвар матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявию методологӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии сармоягузориҳо ва таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;
- хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои ба таъмини рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ таъсирбахш ва омӯзиши усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосии онҳо;

- арзёбии вазъи кунунии равандҳои сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон;
- муқаррарсозии самтҳои рушди ҷараёнҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;
- дурнамои таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон;
- пешниҳодот ва коркардҳои илман асоснокшуда оид ба рушди равандҳои инвеститсионию инноватсионӣ ва фаъолгардонии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон дар асоси таҷрибаи хориҷӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои рушди ҷараёнҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ карда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон метавонанд ҳангоми асосноккунии таъмини рушди ҷараёнҳои сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва ҳамчунин, мавриди мониторинги вазъи сохторҳои сармоягузориҳо ва арзёбии самаранокии онҳо истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои

оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттиллооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи ҷараёнҳои сармоягузориҳоро, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон доир намояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз** мутобиқат мекунад: 2.2.Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.14.Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.4. Вижагиҳои рушди низоми захираҳои молиявии корхонаҳо дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёт; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя; 3.21. Принсипҳо, вижагиҳо ва афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ; 3.25.Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС», «Молия ва қарз» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» истифода бурда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳо ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб дар давраи солҳои 2019-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар таҷрибаи таъмини сармоягузории саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и

ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 10 кори илмии муаллиф, аз ҷумла дар 4 мақолаи дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 187 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дорои 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма мебошад.

## БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ УСУЛИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИҲО ВА КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ

### 1.1. Ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор

Комплекси агросаноатӣ яке аз комплексҳои байнисоҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини бехатарии озуқавории аҳолии ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад. Барои ин вазифаи таърихии худро иҷро намудан корхонаҳои агросаноатии кишвар бояд рақобатпазир бошанд. Дар рақобатпазирии корхонаҳои КАС нақши калидиро сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои асосӣ мебозанд. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳлили ин мафҳум ва моҳияту муайянкунии ҷанбаҳои мусбию манфии шаклҳои мухталифи он тақозо ва талаботи касбӣ барои мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисод ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисодиёти мамлакатҳои ғарбӣ ворид шудааст. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба ҷои мафҳуми «Сармоягузориҳо» мафҳуми «Маблағгузориҳои асосӣ»-ро истифода мебурданд, ки дар зери ин мафҳум гузориши сармоя ба такрористеҳсоли воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ва ҷамъи хароҷотҳо барои таъмири асосии онҳо фаҳмида мешуд.[1]

Дар навбати худ, мувофиқи ақидаҳои иқтисодчиёни муосир (Б.А.Райзберг, Л.Ш.Лозовский, Е.Б.Стародубцева) дар зери мафҳуми сармоягузориҳо гузоштани сармоя (дар ҳама шакли зуҳуроташ) бо мақсади гирифтани даромад дар оянда ё ин ки ҳалли масъалаҳои муайяни иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.[2]

Сармоягузориҳоро ҳамчун категорияи иқтисодӣ олимон ба тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, мо ақидаи олимони мактабҳои гуногуни хориҷию ватаниро оид ба мафҳуми сармоягузориҳо ба риштаи баҳс мекашем. Корҳои олимони хориҷиро доир ба мафҳуми

---

[1] Пириев Ҷ. С., Исайнов Ҳ. Р., Давлатов Қ. Қ., Тағоев Ҷ. Ҳ. Иқтисоди кишоварзӣ.-Душанбе: «Ирфон», 2005. - С.115.

[2] Современный экономический словарь / Б.А.Райзберг, Л.Ш.Лозовский, Е.Б.Стародубцева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2010. -С. 12.

сармоягузорӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки дар аксари онҳо принсипи умумӣ ин объекти фаъолияти сармоягузорӣ ва мақсади сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Як қатор олимон сармоягузориҳоро ҳам дар сатҳи микроиқтисодиёт ва ҳам дар сатҳи макроиқтисодиёт баррасӣ намудаанд. Аз ҳамин нуқтаи назар иқтисодчиёни машҳур Э.Дж. Долан ва Д.Е.Линдсей дар корҳои худ сармоягузориро дар сатҳи макроиқтисод ҳамчун зиёдкунии ҳаҷми сармояе, ки дар низоми иқтисодӣ фаъолият мекунад, маънидод мекунанд.[3]

Гурӯҳи дигари олимон К.Р. Макконнелл ва С.Л. Брю сармоягузориро дар сатҳи микроиқтисодиёт чунин муайян мекунанд: сармоягузорӣ ин хароҷотҳо барои сохтмони корхонаҳои нав, барои хариди дастгоҳҳо, таҷҳизотҳои муҳлати хизматашон дароз ва монанди инҳо ба ҳисоб меравад.[4]

Ба ақидаи Д. Рикардо – сармоягузорӣ ин як қисми маблағҳои ҷамъшудаест, ки ба такрористеҳсолӣ васеъ равона шудаанд ва афзоиши фоидаро таъмин хоҳанд кард.[5]

Олимони англис Гитман Л.Ҷ. ва Джонк М.Д. дар китоби худ “Основы инвестирования” қайд мекунанд, ки сармоягузорӣ - ин ҳама гуна воситаест, ки тавассути он шумо метавонед маблағро нигоҳ доред, ё ин ки зиёд кунед ва ё микдори мусбати даромадро таъмин кунед.[6]

Олимони дигари англис Ҷ. Доунс ва Ҷ.Э. Гудман доир ба мафҳуми сармоягузорӣ пешниҳод мекунанд, ки сармоягузорӣ ин истифодаи сармоя бо мақсади ба даст овардани маблағҳои иловагӣ бо роҳи гузориши сармоя дар лоиҳаҳои ҷолиби сармоягузорӣ ё ин ки иштирок дар лоиҳаи хавфнок, ки барои ба даст овардани фоида равона шудааст, фаҳмида мешавад.[7] Мувофиқи ақидаи иқтисодчиёни машҳур У. Шарп, Г. Александер ва Дж. Бэйли сармоягузориҳо - ин маблағҳое мебошанд, ки

[3] Долан Э. Дж., Линдсей Д. Е. «Рынок: микроэкономическая модель». - СПб, 1992. - С.13.
[4] Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс. - М.: ИНФРА-М. 2003. - С.388.
[5] С.А. Маковецкий. Инвестиции: сущность, функции и перспективы в Донецкой Народной Республике \\ Вестник института экономических исследований. - 2018. - № 1(9). - С.76.
[6] Гитман Л.Дж., Джонк М.Д. Основы инвестирования. Пер. с англ. - М.: Дело, 1999. - С. 67.
[7] Зви Боди, Алекс Кейн, Алан Дж. Принципы инвестиций. Спб.: Изд-во Уильямс. 2004.- С. 984.

имрӯз бо мақсади дар оянда гирифтани даромад мо аз онҳо ҷудо мешавем.[8]

Ҳамин тариқ, нуқтаи назари олимони хориҷии дурро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки дар ҳама таърифҳои ба мафҳуми сармоягузорӣ овардашудаи онҳо маблағҳои пулиро ҳамчун асоси сармоягузорӣ мешуморанд.

Дар баробари олимони хориҷӣ оиди мафҳуми сармоягузорӣ иқтисодчиёни рус низ таърифҳои зиёдеро пешниҳод менамоянд, ки якчанде аз онҳоро дида мебароем. Масалан, Борисов А. Б. дар китоби худ "Большой экономический словарь" қайд менамояд, ки нақши муҳимро дар баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ сармоягузориҳо иҷро мекунанд. Ҳамчунин, мафҳуми самоягузориро чунин маънидод мекунад: сармоягузорӣ ин воситаҳои пулӣ, маблағҳои мақсадноки бонкӣ, саҳмияҳо ва дигар намуди коғазҳои қиматнок, технологияҳо, мошинҳо, таҷҳизотҳо, дастгоҳҳо, литсензияҳо ва арзишҳои зеҳние мебошанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ё ин, ки ягон самараи иҷтимоӣ гузошта мешаванд.[9]

Иқтисодчии машҳури рус Косов Н. С. сармоягузориро дар сатҳи микроиқтисодиёт ҳамчун маблағгузорӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ ба мақсади гирифтани фоида дар оянда ва дар сатҳи макроиқтисодиёт онҳоро ҳамчун хароҷотҳое шарҳ додааст, ки дар фаъолияти хоҷагидории истеҳсолӣ истифода шуда ва ба зиёдкунии ҳаҷми ММД равона карда шудаанд. [10]

Масалан, аз рӯйи ақидаи Л.И. Юзвович, С.А. Дегтярева, Е.Г. Князевой сармоягузориҳо метавонанд ба сармояи гардон, воситаҳои гуногуни молиявӣ ва намудҳои мухталифи дороиҳои моддию ғайримоддӣ равона гарданд. Аз ин рӯ, маблағгузориҳои асосӣ мафҳуми

---

[8] Инвестиции: пер. с. англ. / У.Шарп, Г.Александер, Дж.Бэйли. – М.: ИНФРА-М, 2001. - С.541с.
[9] Борисов А.Б. Большой экономический словарь. М.: Книжный мир, 2004. - С. 272.
[10] Косов Н.С. Макроэкономический механизм активизации инвестиционного процесса в России. -М.: Высшая школа, 2001. - С. 12-13.

маҳдудтар аст ва метавонад танҳо ҳамчун яке аз шаклҳои сармоягузориҳо баррасӣ карда шавад.[11]

Демина Н. Ф., ки яке аз муҳаққиқони варзидаи ин мавзуъ ҳастанд, аз нуқтаи назари иқтисодӣ сармоягузориҳоро ҳамчун хароҷотҳо барои сохтан, азнавбарқароркунӣ, бо таҷҳизоти нав таъмин намудани сармояи асосӣ ва тағйир додани таркибу ҳаҷми сармояи гардон мешуморанд. Аз нуқтаи назари молиявӣ бошад, сармоягузориҳоро ҳамчун активҳо ё дороиҳое баҳо додааст, ки дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ бо мақсади дар оянда зиёд намудани ҳаҷми фоида гузошта шудаанд.[12]

М.Н. Дмитриев ва А.Н. Голубцов сармоягузориро ҳамаи намудҳои моликият ва арзишҳои зеҳнии ба объектҳои соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият гузошташуда арзёбӣ намудаанд, ки дар натиҷаи он фоида (даромад) ё самараи иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад. [13]

Ба ақидаи иқтисодчии дигари рус Г.В. Савицкая сармоягузориҳо – ин маблағгузориҳои дарозмуддатеанд, ки дар корхонаҳо ба мақсади васеъ намудани доираи фаъолияти истеҳсолӣ, баланд бардоштани дараҷаи даромаднокӣ ва барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона истифода мешаванд.[14]

Лукасевич И.Я. мафҳуми сармоягузориро ҳамчун як қисми ММД-и дар давраи ҷорӣ сарфнашуда (пасандозкардашуда) ва ба афзоиши умумии сармоя дар иқтисодиёт мусоидаткунанда, шарҳ додааст. Городецкий А.Е. ва Воронин А.А. сармоягузориро ҳамчун як категорияи иқтисодӣ, ки ифодакунандаи маблағгузориҳои дарозмуддат ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида баррасӣ мекунанд.[15]

---

[11] Инвестиции: Учебник для вузов / под ред. Л.И. Юзвович, С.А. Дегтярева, Е.Г. Князевой. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2016. - С. 62.

[12] Демина Н. Ф. Инновации и инвестиционная деятельность в АПК. Краснояр. гос. аграр. ун-т. - Красноярск, 2009. - С.400.

[13] Эффективность капитальных вложений: учебное пособие / М.Н.Дмитриев, А.Н.Голубцов. - Нижний Новгород: МИПК НИСИ, 1991. - С. 4.

[14] Экономический анализ: учебник / Г.В.Савицкая. – 14-е изд., перераб. и доп. – М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013. - С. 365.

[15] Берзон Н. Формирование инвестиционного климата в экономике // Вопросы экономики. - 2011. - №7. -С. 104 - 115.

Ақидаҳои олимони русро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар таърифҳои пешниҳоднамудаи онҳо оиди мафҳуми сармоягузориҳо, аксаран маблағгузориҳои дарозмуддатро ҳамчун сармоягузорӣ арзёбӣ намудаанд.

Олимон-иқтисодчиёни ватанӣ дар ин самт корҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд. Масалан, мувофиқи ақидаи Комилов С.Ҷ. ва Ғафуров Ф.М. сармоягузорӣ категорияи асосии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, нақши муҳимро дар системаи иқтисодиёт ифода мекунад: аввалан чун гузориши сармоя ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади афзоиши сармояи ибтидоӣ (дар шакли фоида), баъдан ҳамчун муносибатҳои пулӣ (молиявӣ) байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои гуногун (таҳиягарон, пудратчиён, бонкҳо, давлат).[16] Мироқилова И.Т. сармоягузориро ҳамчун гузоштани сармоя бо мақсади ба даст овардани даромад ё ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ, ки ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад, муайян менамояд.[17] Ба ақидаи Бобоев А.А. сармоягузориҳо маблағҳое (дар ҳама гуна шаклҳои истифодаи онҳо) мебошанд, ки борҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷалб карда шуда, ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба барқароршавии молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, беҳтар шудани сифат ва ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолии деҳот мусоидат мекунанд.[18] Ҳамчунон, дар робита оид ба муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ Бобоев А.А. чунин мешуморад, ки сармоягузорӣ ин хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ ба амволи ғайриманқул, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои молиявӣ мебошад, ки бо мурури замон дар шакли даромад ё зарар натиҷаҳои

---

[16] Комилов С. Дж., Гафаров Ф.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/1 (217). - С.13.

[17] Миракилова Н. Т. Экономическая эффективность инвестиционных вложений в мелиорацию сельскохозяйственных земель Таджикистана. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. –Душанбе, 2009. - С. 6.

[18] Бобоев А. А. Оценка инвестиционной привликательности сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан) Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. -Душанбе, 2010. - С. 4.

мусбӣ ё манфӣ ба бор меоранд.[19] Ба фикри Узакова Г.М. сармоягузорӣ хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ ба амволи ғайриманқул, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои молиявӣ мебошад, ки бо мурури замон дар шакли даромад ё зарар натиҷаҳои мусбӣ ё манфӣ ба бор меоранд.[20]

Албатта, эътироф бояд кард, ки назари олимон ба мафҳуми номбурда дар он замон мухталиф буд ва ҳар нафар натиҷаи дарки худро иброз медошт. Масалан, Эргашев А.А. менависад, ки сармоягузорӣ гузориши сармояест, ки бояд нигоҳдорӣ ё афзоиши арзиши сармояро таъмин кунад ва даромади мусбат ба бор орад. Воситаҳои пулии озод сармоягузорӣ ба ҳисоб намераванд, зеро арзиши пули нақд метавонад тавассути таваррум беқурб шуда, даромад оварда наметавонанд.[21]

Бозоров Р.Б. пешниҳод менамояд, ки сармоягузорӣ ба тариқи зайл шарҳ дода шавад: сармоягузорӣ арзиши моддӣ ва зеҳнии ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ё дигар самараи мусбӣ, ки бо хавфи муайян алоқаманд аст ва дар муҳлати муайян маҳдуд карда шудааст.[22]

Тағоев Ҷ.Ҳ. мафҳуми сармоягузориро ба таври зерин шарҳ медиҳанд: "Сармоягузорӣ – ин гузориши сармоя (дар ҳама шакли зуҳуроташ) ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) ё ягон самараи иҷтимоӣ, экологӣ мебошад".[23]

Ба ақидаи Мирзоева Е.К. сармоягузорӣ гузоштани сармояро дар соҳаҳои гуногун ва бахшҳои иқтисодиёт, ба объектҳои соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият бо мақсади ба даст овардани фоида (даромад),

---

[19] Бобоев А. А. Оценка инвестиционной привликательности сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан) Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. - Душанбе, 2010. - С. 4.

[20] Узакова Г. М. Формирование источников инвестиций в национальной экономике Таджикистана в переходный период. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. –Худжанд, 2011. - С. 7.

[21] Эргашев А. А. Повышение эффективности использования инвестиций в сельском хозяйстве Таджикистана. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. -Душанбе, 2010. - С. 7.

[22] Бозоров Р.Б. Инвестиционное право: Учебник. - Душанбе: ТГНУ, 2008. - С. 408.

[23] Тагоев ДЖ.Х. Проблемы активизации инвестиционной деятельности предприятий (на материалах аграрного сектора Республики Таджикистан). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. - Душанбе, 2004. - С. 7.

инчунин ноил шудан ба самараи иқтисодӣ ё ғайрииқтисодӣ, ки ба омилҳои вақт ва хатар вобастаанд, ифода мекунад.[24]

Илова бар ин, бо гузаштани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисодиёти плонӣ ба муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ, бори аввал таърифи сармоягузориҳо дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ" чунин шарҳ дода шуда буд: "Тамоми намудҳои сарватҳои моддию маънавие, ки барои истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз ҷониби инвесторони хориҷӣ гузошта шуда, дар натиҷаи он фоида (даромад) ё самараи иҷтимоӣ ба даст меояд, инвеститсия (сармоягузорӣ) мебошанд".[25] Баъдан, мафҳуми сармоягузорӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" (аз 30.04.2007) чунин шарҳ дода шудааст: "Сармоягузорӣ - ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқи молу мулкӣ (ба истиснои молу мулке, ки ба истифодабарии шахсӣ ва ё бо фаъолияти фурӯши мол бе коркарди он алоқаманд аст), бо шумули маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию-технологӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯи ҳуқуқи моликият мансубанд ва аз тарафи ӯ ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок гузошта шудаанд".[26] Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" мафҳуми зеринро пешкаш мекунад. "Сармоягузорӣ - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида мебошад".[27]

Умуман, мафҳуми иқтисодии сармоягузориҳоро муҳаққиқон шартан ба чанд гурӯҳ ҷудо карданд. Ба гурӯҳи аввал муаллифоне дохил мешаванд, ки сармоягузориро ҳамчун маблағгузории асосӣ муайян

---

[24] Мирзоева Е. К вопросу об экономической сущности инвестиций / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2013. - № 2/2 (107). - С. 117.
[25] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инвестисияҳои хориҷӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Шурои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон соли 1992, №8, мод. 118).
[26] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №5, мод. 365).
[27] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016, №3, мод. 152).

мекунанд. Аммо, аксар муаллифон шаклҳои сармояро нишон намедиҳанд ва ё маҳдуд намекунанд, зоҳиран сармояро дар ҳама шаклҳои имконпазир пешбинӣ мекунанд. Гурӯҳи дуввум якчанд муаллифони ғарбиро дар бар мегиранд, ки моҳияти сармоягузориро тавассути хароҷот шарҳ медиҳанд ва ишора мекунанд, ки мо имрӯз дар бораи сарф кардани пул барои манфиатҳои оянда сухан меронем. Ҳамин тариқ, В.Ф. Шарп, Д.Д. Александр, Ҷ.В. Бейли менависанд, ки сармоягузорӣ дар маънои нисбатан васеаш, маънои ҷудо шудан аз пулҳоро дар имрӯз барои гирифтани даромади зиёд дар оянда мебошад. Гурӯҳи сеюми иқтисодчиён сармоягузориҳоро тавассути объектҳое муайян мекунанд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд.[28]

Ғайр аз ин, дар асарҳои муаллифон бархӯрдҳои гуногун, як қатор ҷанбаҳои иловагии сармоягузориҳоро нишон медиҳанд. Масалан, баъзе муҳаққиқон дар бораи ба даст овардани фоидаи ҳатмӣ ҳамчун ҳадафи сармоягузорӣ менависанд. К. Маркс қайд кардааст, ки ҳаракати маблағҳо дар ҷомеаи капиталистӣ дар маҷмуъ мақсади ба даст овардани сармояро пайгирӣ мекунад, яъне дар ҳама ҳолатҳо вақте, ки сухан дар бораи ҳаракати сармоя меравад, ҳадаф барои ба даст овардани фоида вуҷуд дорад.[29]

Муаллифони дигар чунин идома медиҳанд ва қайд мекунанд, ки ҳадаф метавонад на танҳо фоида, балки инчунин нигоҳ доштани арзиши пул бошад, зеро "арзиши пули нақд метавонад тавассути таваррум" хурда шавад.[30] Инчунин, як нуқтаи назари дигаре низ арзи вуҷуд дорад, ки мувофиқи он ҳадафи сармоягузорӣ ҳама гуна манфиатҳои оянда аст. Масалан, ба ақидаи Никонова Я.И. сармоягузориҳо ҳамчун арзишҳои моддӣ, ки дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, фаҳмида мешаванд. Ҳамчунин, дар корҳои илмӣ чунин активҳо дар

[28] Ивасенко А. Г., Никонова Я. И. Инвестиции: источники и методы финансирования. - М.: «Омега-Л», 2009. - С. 15.
[29] Маркс К. Г. Капитал. Т. 1. Кн. I: Процесс производства капитала. М., 1949. - С. 158.
[30] Гитман Л.Дж., Джонк М.Д. Основы инвестирования. Пер. с англ. - М.: Дело, 1999. - С. 10.

чорчӯбаи чараёнҳои сармоягузорӣ, ҳаракат ва истифодабарии онҳо бо ин ё он мақсад, дида баромада мешавад.[31]

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тараққиёти базаи моддӣ-техникии ба талаботи соҳа мувофиқро тақозо менамояд. Зиёдшавии микдори фондҳои асосии истеҳсолӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои иловагӣ дар шакли воситаҳои моддӣ-пулие ба амал меояд, ки ба самти васеъкунии нерӯи истеҳсолии кишоварзӣ равона карда шудаанд. Тараққиёти босуботи кишоварзӣ дар шароити барқароршавии муносибатҳои бозорӣ фаъолияти самараноки сармоягузориро талаб мекунад. Сармоягузорӣ ин гузориши сармоя (дар ҳамагуна шакли зуҳуроташ) ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият (ба шарте, ки ба қонун ва қонунгузориҳои амалкунанда мухолифат накунад) ба мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ё ягон манфиати иҷтимоӣ, экологӣ мебошад.[32] Бо ибораи дигар, сармоягузорӣ ин гузориши маблағҳои пулӣ, арзишҳои моддӣ-маънавии давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои бунёди корхонаҳои нав, васеъкунӣ, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда, харидкунии моликияти ғайриманқул, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қимматнок ба мақсади ба даст овардани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ-экологӣ мебошад.

Сармоягузорӣ нисбат ба маблағгузориҳои асосӣ мафҳуми васеъ мебошад. Сармоягузориҳоро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: сармоягузориҳои молиявӣ ва сармоягузориҳои реалӣ (воқеӣ). Сармоягузориҳои молиявӣ ин гузориши сармоя ба саҳмияҳо, облигатсияҳо ва дигар намуди қоғазҳои қимматнок мебошад. Ҳангоми сармоягузориҳои молиявӣ сармоягузор сармояи молиявии худро зиёд намуда аз ҳисоби қоғазҳои қимматноки хариднамудааш соҳиби даромад (дивиденд) мегардад.[33]

---

[31] Никонова Я. И. Инвестиции: источники и методы финансирования. -М.: «Омега-Л», 2009. - С. 15.
[32] Пириев Ҷ.С. ва диг. Иқтисоди кишоварзӣ -Душанбе: «Ирфон», 2005. -С.115.
[33] Комилов С. Дж., Гафаров Ф.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/1 (217). - С.13.

Сармоягузориҳои реалӣ (воқеӣ) ин гузориши сармоя дар бунёди корхонаҳои нав, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда мебошад. Зимни сармоягузориҳои реалӣ (воқеӣ) сармоягузор сармояи истеҳсолии худро зиёд менамояд. Яъне сармоягузор дар ин ҳолат фондҳои асосии истеҳсолии худ ва воситаҳои гардони барои амалкарди муътадили онҳо зарурро зиёд мекунад.

Зимни баҳисобгириҳои оморӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ сармоягузориҳои реали (воқеӣ)-ро сармоягузориҳои сармоясоз низ меноманд. Ба ин намуди сармоягузориҳо унсурҳои зеринро дохил мекунанд:

- сармоягузориҳо ба капитали асосӣ;
- хароҷотҳо барои таъмири капиталӣ;
- сармоягузориҳо барои харидкунии қитъаи замин ва ё ягон объекти истифодаи захираҳои табиат;
- сармоягузориҳо ба активҳои ғайримоддӣ (патентҳо, литсензияҳо, тадқиқотҳои илмӣ-техникӣ ва ғ.);
- сармоягузориҳо барои харид ва пурракунии фондҳои гардон.[34]

Дар сохтори ин намуди сармоягузориҳо мавқеи асосиро сармоягузориҳо ба капитали асосӣ ишғол менамоянд. Сармоягузориҳо ба капитали асосӣ ин гузориши сармоя барои сохтмонҳои нав, азнавбарқароркунӣ, васеъкунӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунандаи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, савдо ва ғайра мебошад. Аз ин ҷост, ки олимон миёни мафҳумҳои сармоягузориҳо ба капитали асосӣ ва маблағгузориҳои асосӣ аломати баробар мегузоранд.[35]

Паташник Я.С. низ ақида дорад, ки сармоягузорӣ ба сармояи асосиро ҳамчун як ҷузъи сармоягузориҳо ба намудҳои зерин ҷудо менамояд: - сармоягузориҳо ба биноҳо ва иншоот; - сармоягузорӣ ба мошинҳо, таҷҳизот, инчунин арзиши насби таҷҳизот дар ҷои кори доимии он, санҷиш ва озмоиши сифати насби воситаҳои нақлиёт;

[34]Мирсаидов М.Н. ва диг. Фаъолияти сармоягузорӣ- Душанбе: «ПРОМЭКСПО», 2016. - С.23.
[35] Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. – Душанбе, 2015. -С. 269.

сармоягузориҳо барои пармакунии чоҳҳои нафту газ, обҳои гарм, хароҷот барои шинонидан ва парвариши зироатҳои бисёрсола, оид ба ташаккули чорвои корӣ, истеҳсолӣ, зотӣ ва ғ.[36]

Ба фикри инҷониб, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ маҷмуи хароҷотро барои сохтмон, азнавсозии (аз ҷумла вусъатдиҳӣ ва азнавсозӣ) иншооте, ки ба болоравии арзиши аввалияи онҳо, хариди техника, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, инвентарҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ ва ташаккули парвариши зироатҳои бисёрсола нигаронида шудаанд, фаҳмида мешаванд.

Сармоягузориҳо (инвеститсии) ҳамчун категорияи иқтисодӣ як қатор функсияҳои муҳимро иҷро мекунанд, ки бидуни онҳо тараққиёти муътадили иқтисодиёти ҳамагуна давлат ғайриимкон мебошад. Сармоягузориҳо дар дараҷаи макроиқтисодӣ барои иҷрои корҳои зерин асос мебошанд:

- ҷорӣ намудани сиёсати такрористеҳсоли васеъ;

- суръат бахшидан ба ПИТ, беҳтаргардонии сифати маҳсулотҳои ватанӣ ва таъмини рақобаттобоварии онҳо;

- азнавсозиҳои сохторӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва тараққиёти баробари ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ;

- сохтмонҳои инфиродӣ, тараққиёти маориф, маданият, тандурустӣ ва ҳалли дигар проблемаҳои иҷтимоӣ;

- ҳалли проблемаҳои бекорӣ;

- таъмини бехатарию муҳофизати давлат ва ҳалли як қатор проблемаҳои дигари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ.

Сармоягузориҳо дар дараҷаи микроиқтисодӣ низ нақши ниҳоят муҳимро мебозанд. Дар ин дараҷа сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, барои иҷрои мақсадҳои зерин заруранд:

- васеъкунӣ ва тараққиёти истеҳсолот;

---

[36] Я.С. Поташник., К. Минина. Сущность и классификация инвестиций // Вестник Минского университета. - 2014 – №1. -С.74.

- роҳ надодан ба фарсудашавии аз меъёр зиёди ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосӣ;

- баланд бардоштани дараҷаи техникии истеҳсолот;

- баландбардории сифати маҳсулот ва ба рақобат тобоварии корхонаҳо;

- ҷорӣ намудани чорабиниҳои муҳофизати муҳити табиӣ;

- харидкунии қоғазҳои қимматнок ва гузориши сармоя дар активи дигар корхонаҳо;

- таъмини амалкарди мунтазами корхона дар оянда, вазъи муътадили молиявӣ ва ба даст овардани фоидаи максималӣ.[37]

Ҳамин тариқ, сармоягузориҳо ҳамчун категорияи муҳими иқтисодӣ дар дараҷаи макро-микроиқтисодӣ барои такрористеҳсоли оддию васеъ, азнавсозиҳои сохторӣ ва ба даст овардани фоидаи максималӣ нақши калон бозида, дар ҳамин асос ба ҳалли як қатор проблемаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Аммо вазъи ноороми умумииқтисодӣ, суръати баланди таваррум ва фоизи баланди қарзҳо (меъёри фоизи қарзҳо аз дараҷаи даромаднокии корхонаҳо баланд аст) дар солҳои охир таъсири бевоситаи худро ба камшавии ҳаҷми сармоягузориҳо расониданд. Таҳлилу таҳқиқҳо нишон доданд, ки ҳолати фаъолияти сармоягузориро дар иқтисодиёти мамлакат динамикаи нишондиҳандаҳои зерин тавсиф мекунанд:

- ҳаҷми умумии сармоягузориҳо;

- ҳиссаи сармоягузориҳо дар МУД;

- ҳиссаи сармоягузориҳои реалӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо;

- бузургии умумии сармоягузориҳои реалӣ (воқеӣ);

- ҳиссаи сармоягузориҳо ба капитали асосӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои реалӣ.

---

[37] Т.Т. Файзуллоев, Дж.Х. Тагоев. Сущность инвестиционных проектов и их классификация Таджикский национальный университет // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/5 (117). - С.289.

Ҳамчунин, вазъи фаъолияти сармоягузориро дар иқтисодиёти мамлакат суръати афзоиши нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии зерин ба таври ғайримустақим, аммо объективона тавсиф мекунанд:

- даромади миллӣ;
- МУД ва МУМ;
- ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ;
- истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ;
- ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва ғ.

Объективияти ин нишондиҳандаҳо зимни баҳодиҳии фаъолияти сармоягузорӣ дар он зуҳур мекунад, ки рушди нишондиҳандаҳои номбурда бидуни сармоягузориҳо маъно надорад. Аз ин ҷост, ки ин нишондиҳандаҳо то дараҷаи муайян самаранокии истифодаи сармоягузориҳоро инъикос менамоянд. Ва агар суръати афзоиши ин нишондиҳандаҳо аз суръати афзоиши сармоягузориҳо бартарӣ дошта бошад, он гоҳ ин ҳолат аломати баландшавии истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад ва баръакс.

Инак, мо зимни як сайри хеле мухтасар дар доираи мафҳуми сармоягузориҳо ба моҳияти иқтисодӣ, вазифаҳо, намудҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии истифодаи онҳоро тавсифдиҳанда шинос шудем. Ҳамзамон, дар ин раванд фарқияти асосии миёни мафҳуми сармоягузориҳо (инвестиции) ва маблағгузориҳои асоси (капитальные вложения)-ро дарк намудем. Қобили қайд аст, ки дар ҷумҳурии мо раванди сармоягузориҳо, асосан, дар шакли маблағгузориҳои асосӣ, яъне сармоягузориҳо ба капитали асосӣ сурат мегиранд. Ин хусусияти дар иқтисодиёти мамлакат зуҳурнамуда дар соҳаи кишоварзӣ низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, дар қисматҳои баъдина мо омӯзиши худро дар доираи маблағгузориҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ давом медиҳем.

Дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хӯрдашавии мунтазами фондҳои асосӣ ба амал меояд, ки зимни он фондҳои асосӣ

оҳиста-оҳиста аз кор мебароянд. Ин ҳолат зарурияти такрористеҳсоли оддӣ ва ҳангоми васеъкунии истеҳсолот такрористеҳсоли васеи воситаҳои истеҳсолотро ба миён меоварад. Ба сифати яке аз сарчашмаҳои асосии такрористеҳсоли воситаҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ маблағгузориҳои асосӣ баромад мекунанд. Маблағгузориҳои асосӣ ин хароҷотҳо барои сохтмони фондҳои асосии нав, васеъкунӣ, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди фондҳои асосии амалкунандаи корхона мебошанд. Мувофиқи аҳаммияташон дар ҷараёни истеҳсолот маблағгузориҳои асосиро ба 2 гурӯҳ ҷудо мекунанд:

- маблағгузориҳои асосии аҳаммияти истеҳсолидошта;
- маблағгузориҳои асосии аҳамияти истеҳсолинадошта.

Аксари муҳаққиқон ба ин ду мафҳум шарҳи якхела додаанд, ки мо муҳтавои онро дар чунин шакл баён намудем. Маблағгузориҳои асосии аҳаммияти истеҳсолидошта ин хароҷотҳои ба истеҳсоли маҳсулот алоқамандии бевосита доштаро меноманд. Хароҷотҳо барои харидкунии тракторҳо, комбайнҳо, мошинаҳои кишоварзӣ, таҷҳизотҳо, чорвои корӣ ва маҳсулдеҳ, бунёди боғу токзорҳои нав ва сохтмони бинову иншоотҳои аҳаммияти истеҳсолидошта ба ин намуди маблағгузориҳо мансубанд.

Ба таркиби маблағгузориҳои аҳаммияти истеҳсолӣ надошта хароҷотҳо барои сохтмони биноҳои истиқоматӣ, маданӣ-маишӣ, тиббӣ-тандурустӣ дохил мешаванд. Маблағгузориҳои асосии аҳаммияти истеҳсолинадошта асосан барои такрористеҳсоли фондҳои асосие равона карда мешаванд, ки ба тараққиёти инфрасохтори иҷтимоии корхона алоқамандӣ доранд. Ҳамин тариқ, гарчанде онҳо дар ҷараёни истеҳсолот мустақиман иштирок надошта бошанд ҳам, аммо ба натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот таъсири амалии худро мерасонанд.

Маблағгузориҳои асосӣ аз рӯйи моҳияти иқтисодии худ дар оянда фондҳои асосӣ мебошанд. Маблағгузориҳои асосӣ ин хароҷотҳои то замони бакордарории ин ва ё он объект мебошанд. Бинобар ин, аз маблағгузориҳои асосӣ ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ситонида намешавад. Ҳангоми таҳлилу омӯзиши маблағгузориҳои асосӣ одатан

мафҳуми маблағгузориҳои асосии умумӣ ва маблағгузориҳои асосии ҷузъи (ҷудогона)-ро ҷудо мекунанд. Агар ба ин мафҳумҳо дар доираи корхона баҳо диҳем, он гоҳ кулли маблағгузориҳои асосӣ дар фосилаи муайяни вақт маблағгузориҳои асосии умумӣ номида мешаванд. Маблағгузориҳои асосии ҷузъӣ (ҷудогона) ин суммаи маблағҳои гузошташуда ба воҳиди маҳсулоти кишоварзӣ, ба ҳар як гектар замини кишт, ба ҳар як сар чорво ва ғ. мебошанд.

Дар сохтори маблағгузориҳои асосии кишоварзӣ вазни қиёсии хароҷотҳо барои сохтмони объектҳои истеҳсолӣ-иҷтимоӣ, харидкунии техника ва воситаҳои нақлиёт бартарӣ доранд. Вобаста аз махсусгардонии хоҷагиҳо ҳиссаи (хароҷотҳо) маблағгузориҳои асосӣ ба объектҳои номбаршуда тағйир меёбанд. Масалан, дар хоҷагиҳои ба парвариши зироатҳои ғалладонагӣ махсусгардонидашуда вазни қиёсии хароҷотҳо барои хариди тракторҳо, комбайнҳо, мошинаҳои кишоварзӣ ва сохтмони анборҳо бартарӣ доранд. Дар хоҷагиҳои ба истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ махсусгардонидашуда маблағгузориҳои асосӣ асосан барои хариди чорвои маҳсулдеҳ, зарфҳо, яхдонҳо, сохтмони биноҳои нигоҳдории чорво равона карда мешаванд. Маблағгузориҳои асосии кишоварзӣ ба самтҳои зерин равона карда мешаванд, (Расми 1).

**САМТҲОИ АСОСИИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ АСОСӢ ДАР КИШОВАРЗӢ**

- Сохтмон ва азнавбарқароркунии объектҳои аҳамияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолидошта
- Харидкунии таҷҳизотҳо, инвентарҳое, ки ба таркиби сметаи сохтмон дохил мегарданд
- Харидкунии тракторҳо, комбайнҳо, воситаҳои нақлиёт, мошинаҳои кишоварзӣ
- Ташкили подаи асосии чорвои маҳсулдеҳ ва корӣ
- Бунёди боғҳо, токзорҳо ва дигар дарахтони бисёрсола
- Чорабиниҳои мелиоративӣ-техникӣ оид ба беҳтар кардани сифати заминҳо
- Корҳои тадқиқотӣ-лоиҳакашӣ
- Васеъкунии истеҳсолоти амалкунанда ва тараққӣ додани истеҳсолоти нав

**Расми 1. - Самтҳои асосии маблағгузориҳои асосӣ дар кишоварзӣ**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Ҳамзамон, ба ақидаи аксари олимон барои таҳлилҳои амиқи иқтисодӣ ва муайянкунии самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ таснифоти онҳо низ нақши муҳимро мебозанд. Сармоягузорӣ ҳамчун яке аз категорияҳои муҳимтарин ба ҳисоб рафта, дар рушду равнақи иқтисодиёт нақши ҳалкунандаро мебозад. Тағйирёбии таносуби ҳаҷми сармоягузориҳо ба ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва шуғли аҳолӣ, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт, рушди соҳа ва бахшҳои иқтисод оварда мерасонад. Барои самаранок истифодабарии сармоягузориҳо дар доираи корхонаҳои агросаноатӣ лозим аст, ки оид ба таснифоти амиқ ва дурусти сармоягузориҳо маълумот дошта бошем. Вобаста ба таснифоти сармоягузориҳо олимон-иқтисодчиён ақидаҳои мухталиф пешниҳод менамоянд. Масалан, олими рус, В.Г. Воронин чунин таснифоти сармоягузориҳоро пешниҳод менамояд:1) Сармоягузории моддӣ ва воқеӣ (сармоягузорӣ ба объектҳои моддӣ); 2) Сармоягузории молиявӣ дороиҳои молиявии молик, ки ба коғазҳои қиматнок сармоягузорӣ кардааст; 3) Сармоягузориҳои ғайримоддӣ (сармоягузорӣ ба шароити умумии такрористеҳсол, ташаккули бозор тавассути лоиҳаҳои таблиғотӣ, илмию техникӣ, баландбардории дараҷаи тахассуси кормандон, чорабиниҳои иҷтимоӣ).[38]

Ҳамчунин, Ю.А.Бабичева таснифоти зерини сармоягузориҳоро пешниҳод мекунад: 1) Сармоягузории мустақим (сармоягузорӣ ба истеҳсол, хариди амволи воқеӣ); 2) Сармоягузории қарзӣ (пешниҳоди маблағҳо бо қарзи дарозмуддат (сандуқи қарзҳо) бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ (сандуқи асъорӣ); 3) Сармоягузории портфелӣ (дар шакли хариди коғазҳои қиматнок) [39].

Олимон А.Ю. Андрианов, С.В. Валдайцев, П.В. Воробьев таснифоти сармоягузориҳо вобаста ба муҳлати амалашон чунин гурӯҳбандӣ кардаанд: 1) Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат, гузоштани сармояи асосӣ ба муҳлати на зиёда аз як сол (масалан, дар лоиҳаҳои

---

[38] Воронин В. Г. Организация и финансирование инвестиций. - Омск: Изд-во ОмГУПС, 1999. – С. 212.
[39] Банковское дело: Справочное пособие / Под ред. Ю.А. Бабичевой. - М.: Экономика, 1994. - С. 144.

тиҷоратии зуд амалишаванда, пасандозҳои кӯтоҳмуҳлат ва ғайра); 2) Сармоягузориҳои дарозмуддат, гузориши сармоя ба муҳлати зиёда аз як сол (чун қоида ба лоиҳаҳои бузургу дарозмуддати сармоягузорӣ). Дар таҷрибаи ширкатҳои сармоягузорӣ ва бонкҳо сармоягузориҳои дарозмуддатро ба муҳлатҳои зерин пешниҳод менамоянд: то ду сол, аз ду то се сол, аз се то панҷ сол ва зиёда аз панҷ сол.[40]

Олими дигари рус Савитская Г.В. барои таҳлили фаъолияти сармоягузории корхона, сармоягузориҳоро ба сармоягузориҳои умумӣ ва холис ҷудо менамояд.[41] И.В. Липситс ва В.В. Коссов сармоягузориҳоро ба намудҳои зерин тасниф мекунанд: а) ба дороиҳои (воқеӣ) - биноҳо ва иншооти истеҳсолӣ, инчунин ҳама гуна механизмҳо ва таҷҳизот бо мӯҳлати истифодаашон зиёда аз як сол; б) ба дороиҳои пулӣ - ҳуқуқи гирифтани пул аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ҷойгиркунии маблағҳо дар пасандозҳои бонкӣ, хариди саҳмияҳо, вомбаргҳо ва ғайра); в) ба дороиҳои ғайримоддӣ - арзишҳое шомил мешаванд, ки корхона дар натиҷаи бозомӯзӣ ё таълими касбии кормандон, рушди тамғаҳои молӣ, гирифтани литсензияҳо ва ғайра ба даст оварда шудаанд.[42] Маслов Е.В. бошад, чунин таснифоти сармоягузориҳоро пешниҳод менамояд: а) сармоягузориҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ; б) сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ; в) сармоягузориҳои давлатӣ, коллективӣ, хусусӣ, хориҷӣ ва муштарак (аз рӯйи шакли моликият); г) сармоягузории умумӣ ва сармоягузории холис (аз рӯйи табиати ташаккул) [43].

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлилу омӯзиши таснифи сармоягузориҳо мо низ як таснифоти муаллифии сармоягузориро аз рӯйи аломатҳо коркард намуда, дар ҷадвали 1.1.1 пешниҳод намудем. Таҳқиқи гузаронида нишон дод, ки барои таҳлил ва баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи

[40] Инвестиции: учебник. Отв. Ред. В.В. Ковалев, В.В. Иванов. 2е изд. Перераб. И доп. / А.Ю. Андрианов, С.В. Валдайцев, П.В. Воробьев. - М.: Проспект, 2011. - С. 592.
[41]Экономический анализ: учебник / Г.В.Савицкая. – 14-е изд. – М.: ИНФРА-М, 2013. –С. 649.
[42] Экономический анализ реальных инвестиций: учебное пособие / И.В.Липсиц, В.В.Коссов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Экономистъ, 2007. – С.347.
[43] Маслов Е.В. Методология статистической оценки и анализ инвестиций в основной капитал России. Автореф. диссер. па соискание ученой степени кандидата экопомических наук. – М., 2000 г.- С. 8.

**Ҷадвали 1.1.1. - Таснифоти сармоягузориҳо**

| | |
|---|---|
| 1) Аз рӯйи объекти гузориш<br>а) Сармоягузориҳои реалӣ<br>б) Сармоягузориҳои молиявӣ<br>в) Сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ | 2) Аз рӯйи иштирок дар раванди сармоягузорӣ<br>а) Сармоягузориҳои мустақим<br>б) Сармоягузориҳои ғайримустақим |
| 3) Аз рӯйи манбаи сармоягузорӣ<br>а) Воситаҳои худӣ<br>б) Воситаҳои карзию ҷалбшуда<br>в) Давлатӣ, хусусӣ, хориҷӣ | 4)Аз рӯйи сфераи истеҳсолот<br>а) Сармоягузориҳо ба сфераи истеҳсолоти моддӣ<br>б) Сармоягузориҳо ба сфераи ғайриистеҳсолӣ |
| 5) Аз рӯйи дараҷаи таваккал<br>а) Сармоягузорӣ бо таваккали паст<br>б) Сармоягузорӣ бо таваккали миёна<br>в) Сармоягузорӣ бо таваккали баланд | 6) Аз рӯйи муҳлат<br>а) Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат<br>б) Сармоягузориҳои миёнамуҳлат<br>в) Сармоягузориҳои дарозмуддат |
| 7) Аз рӯйи сатҳи истифодабарӣ<br>а) Дар сатҳи микро (корхонаҳо)<br>б) Дар сатҳи мезо (минтақа, саноат ва ғ)<br>в) Дар сатҳи макро (хоҷагии халк) | 8) Аз рӯйи соҳаи иқтисодиёт<br>а) Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат<br>б) Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ<br>в) Сармоягузориҳо ба дигар соҳаҳои … |
| 9) Аз рӯйи аломати ҳудудӣ<br>а) Сармоягузориҳои дохилӣ<br>б) Сармоягузориҳои беруна | 10) Аз рӯйи шакли моликият<br>а) Сармоягузориҳои давлатӣ<br>б)Сармоягузориҳои хусусӣ<br>в) Сармоягузориҳои коллективӣ |
| 11) Аз рӯйи сарчашмаи молиякунонӣ<br>а) Сармоягузориҳои бучавӣ<br>б)Сармоягузориҳои ғайрибуҷавӣ | 12) Аз рӯйи ҳаҷми сармояи гузошташаванда<br>а) Сармоягузориҳои калон<br>б)Сармоягузориҳои миёна<br>в) Сармоягузориҳои хурд |
| 13) Аз рӯйи миқёси лоиҳаҳои сармоягузорӣ<br>а) мегалоиҳаҳо б) макролоиҳаҳо<br>в) мезолоиҳаҳо г) микролоиҳаҳо<br>д) минилоиҳаҳо | 14) Аз рӯйи таъсирашон ба дигар л/сармоягузорӣ<br>а) Сармоягузориҳои мустақил<br>б)Сармоягузориҳои дигар л/сармоягузорӣ вобаста<br>в) Сармоягузориҳо бо самараи синергетикӣ |
| 15)Аз рӯйи хусусияти иштирок дар раванди сармоягузорӣ<br>а) Сармоягузориҳои аввалия<br>б)Сармоягузориҳои дуввумбора<br>в) дезинвеститсияҳо | 16) Аз рӯйи соҳибони сармояи гузошташуда<br>а) Сармояи давлат<br>б) Сармояи шахсони ҳуқуқӣ<br>в) Сармояи шахсони воқеӣ |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҷамъоварӣ ва таҳлилшуда**

микроиқтисодиёт гурӯҳбандии илман асосноки сармоягузориҳо зарур аст.Таснифи дуруст ва аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи сармоягузорҳо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мусбию манфии онҳо ба таври дуруст ба назар гирифта, дар ин асос самаранокии истифодаи сармоягузориҳо таъмин карда шаванд. Ҳамин тариқ, аз ҷамъбасти зербоби мазкур чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

1.Истилоҳи сармоягузорӣ аз калимаи лотинии "invest" гирифта шуда маънояш гузоштан мебошад, ки ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз адабиётҳои иқтисодии давлатҳои аврупои ғарбӣ ворид гардидааст;

2.Сармоягузориҳо ҳамеша бо мақсади муайян анҷом дода мешаванд. Мақсади сармоягузорӣ ноил шудан ба ҳадафҳои муайян аст,

ки ин ҳадафҳо метавонанд иқтисодӣ (гирифтани фоида, зиёд намудани ҳаҷми сармоя) ва ғайрииқтисодӣ (самараи иҷтимоӣ ё экологӣ) бошанд;

3.Сармоягузориҳо бевосита ба омили вақт алоқаманд аст. Вобаста ба ин сармоягузорӣ имрӯз бо мақсади манфиатҳои оянда амали карда мешавад;

4.Маблағгузориҳои асосӣ як навъи сармоягузориҳо ба шумор мераванд, ки танҳо ба фондҳои асосӣ равона карда мешаванд. Дар адабиёти иқтисодии солҳои охир онҳоро сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ низ меноманд;

5.Моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо дар он зуҳур мекунад, ки онҳо барои рушди иқтисодиёт нақши “локоматив”-ро мебозанд;

6.Сармоягузориҳо дар доираи макро ва микроиқтисодиёт вазифаҳои ба худ хосро иҷро мекунанд;

7.Сармоягузориҳо дар корхонаҳо, фаъолияти соҳибкорӣ ва умуман дар иқтисодиёт дар шаклу намудҳои гуногун гузошта мешаванд, ки ҳар як навъи сармоягузорӣ бо хусусиятҳои хос ва ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии худ фарқ мекунанд;

8.Дар натиҷаи мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор додани мафҳуми сармоягузориҳо мо ба хулосае омадем, ки сармоягузорӣ ин гузориши воситаҳои моддию ғайримоддӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ мебошад.

## 1.2. Хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои меҳнатталаб ва маблағталаби иқтисодиёт ба шумор меравад. Сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза дар шакли маблағгузориҳои асосӣ сурат мегиранд. Имрӯзҳо ба ҷои мафҳуми маблағгузориҳои асосӣ мафҳуми сармоягузориҳо ба сармояи асосиро низ истифода мебаранд. Мувофиқи таҳқиқотҳои аксари олимон маблағгузории асосӣ ин сармоягузориҳое мебошанд, ки танҳо барои сохтмон, азнавбарқароркунӣ, таҷдид ва

васеъкунии фондҳои асосии корхонаҳо равона карда мешаванд. Ҳамчунон, дар адабиёти солҳои пешин маблағгузориҳои асосиро ҳамчун хароҷотҳои дарозмуддате муаррифӣ менамуданд, ки танҳо барои такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо равона карда мешаванд. Шарҳи ба мафҳуми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ додаи муҳаққиқони муосир низ фарогири нуқтаҳои дар таърифҳои боло номбаршуда мебошанд.

Рушди истеҳсолоти аграрӣ ва умуман иқтисодиёти КАС-ро бидуни фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, маблағгузориҳои асосӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро ба инобат нагирифтани вазъи фондҳои асосии корхонаҳои агросаноатӣ ва саривақт маблағгузорӣ нашудани онҳо истеҳсолоти мазкурро метавонад ба истеҳсолоти кӯҳнашуда табдил диҳад. Чунин ҳолат дар истеҳсолоти аграрии мо дар солҳои 1990-ум то солҳои 2000-ум ба таври бараъло мушоҳида карда мешуд. Ва имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки даҳҳо корхонаҳои агросаноатии кишвар (аз қабили ҶДММ «Иттиҳодияи Истеҳсолии Нассоҷии Тоҷик», ҶСП «Комбинати гӯшту консерва», КВД «Коргоҳи мошинсозӣ» ва ғ.) бо ин сабаб ба истеҳсолоти кӯҳнашуда табдил ёфтаанд ё муфлис шудаанд. Сабаб дар он аст, ки истеҳсолоти кӯҳнашуда молу маҳсулоти ҷавобгӯйи талабот ва рақобатпазир истеҳсол карда наметавонад.

Дар ин радиф як нуқта қобили қайд аст, ки мафҳумҳои «сохтмони капиталӣ» ва «маблағгузориҳои асосӣ» миёни ҳам алоқамандии зич доранд, аммо онҳо баробар нестанд. Сохтмони капиталӣ ин яке аз шаклҳои такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо ба шумор меравад. Мавриди зикр аст, ки такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо дар доираи сохтмони капиталӣ бо роҳи сохтмонҳои нав, азнавбарқароркунӣ, васеъкунӣ ва таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда сурат мегиранд.[44]

Дар ин замина аз нуқтаи назари аксари муҳаққиқон маблағгузориҳои асосӣ сарчашмаи молиякунонии сохтмонҳои капиталӣ

[44] Рахимов Ш.М. Инвестиционная политика Республика Таджикистан. -Душанбе, 2001. -С. 20-38.

ба шумор мераванд. Бо ибораи дигар, такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо маҳз тавассути маблағгузориҳои асосӣ анҷом мепазирад. Ҳамзамон аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки тамоми самтҳои маблағгузориҳои асосӣ дар доираи сохтмони капиталӣ бо роҳи сохтмони нав, азнавбарқароркунӣ, васеъкунӣ ва таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда сурат мегирад.[45]

Ҳамин тариқ, мо тавассути таҳлилу баррасии маводи дар боло овардашуда мафҳуми маблағгузориҳои асосиро дар маънои маҳдуд ва васеаш шарҳ додем ва ба фикри аксари муҳаққиқон розӣ ҳастем, ки маблағгузориҳои асосиро ҳамчун гузоришҳое маънидод мекунанд, ки барои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ равона карда шудаанд. Аммо новобаста аз ин маблағгузориҳои асосӣ як навъи сармоягузориҳо ба шумор мераванд ва мақсад аз гузориши онҳо, пеш аз ҳама, ба даст овардани фоида мебошад. Аз ин рӯ, мо дар ин зербоб кӯшиш ба харҷ додем, ки хусусиятҳо, присипҳо ва омилҳои ба ин навъи сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсирбахшро мавриди таҳлилу таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор диҳем. Дар мавриди истеҳсолоти аграрӣ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки ин истеҳсолот дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва ин хусусиятҳо ин соҳаи иқтисодиётро аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт фарқ мекунонад. Ҳамзамон, хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ ба пешрафти ин соҳа ва самаранокию натиҷаҳои ниҳоии он таъсири мустақим доранд. Қайд кардан лозим аст, ки ин хусусиятҳо дар аксари ҳолатҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои аграрӣ таъсир мерасонанд. Яъне пеш аз он ки сармоягузор дар соҳаи кишоварзӣ сармоягузорӣ кунад, ӯ ҳатман ин хусусиятҳоро меомӯзад. Мо оиди таъсири баъзе аз ин хусусиятҳо ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла маблағгузориҳои асосии онҳо чунин натиҷагириҳо намудем: 1) Самаранокии иқтисодии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ аз бисёр

[45] Музаффаров Б.С. Анализ инвестиции в основные фонды аграрного сектора региона // Кишоварз - Душанбе, 2013. - № 2. -С.91-94.

ҷиҳат ба шароитҳои таббиию иқлимӣ вобастагӣ дорад. Чунин раванд гирифтани фаъолияти хоҷагидорӣ ва сармоягузории он на ба ҳама сармоягузорон писанд аст; 2) Дар ҷараёни истеҳсолоти кишоварзӣ организмҳои зинда иштирок мекунанд, ки аз рӯйи қонуниятҳои биологӣ инкишоф меёбанд, яъне суръат бахшидан ва кӯтоҳ намудани вақти истеҳсол ва дар ин замина баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ кори хело мушкил аст ва ин на ҳама вақт сармоягузоронро қаноатманд месозад. Зеро сармоягузорон доимо дар фикри бозгашти ҳарчӣ зудтари маблағҳояшон ҳастанд; 3) Дар кишоварзӣ вақти корӣ ба вақти истеҳсол мувофиқат намекунад; 4) Истеҳсолоти кишоварзӣ хусусияти мавсимӣ дорад; 5) Истеҳсолоти кишоварзӣ дар масоҳатҳои калон ва шароитҳои гуногуни табиӣ ҷойгир шудааст, ки ин хароҷотҳои иловагиро барои кашонидан, нигаҳдории қисмҳои эҳтиётӣ тақозо менамояд; 6) Баъзе аз намудҳои техникаи кишоварзӣ, ки бо маблағҳои калон харид мешавад, дар давоми сол ҳамагӣ 90-100 рӯз истифода мешаванду халос; 7) Ҳамчунон дар кишоварзӣ махсусгардонии чуқури меҳнат ҷой дошта наметавонад. Зеро истеҳсолоти соҳаи растанипарварӣ ва заминҳои кишт ба киштгардон ниёз доранд; 8) Ба сифати воситаи доимӣ ва ивазнашавандаи истеҳсолот дар кишоварзӣ замин баромад мекунад, ки дорои ҳосилхезии табиӣ мебошад ва баландбардории ҳосилхезии иқтисодии он дар навбати худ маблағгузориҳои иловагиро тақозо дорад; 9) Ҳамчунин, рушди истеҳсолоти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ аз мавҷудияти заминҳои шудгор ва обёрии табиӣ заминҳои дар ихтиёрашон қарордошта вобастагии мустақим дорад. Зеро даромаднокии як гектар замини шудгори обӣ дар нисбати як гектар замини шудгори лалмӣ дар таносуби 1/12 қарор дорад.[46]

Албатта, ҳамаи ин хусусиятҳои номбаршуда ва боз дигар хусусиятҳои иловагии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҷалб ва фаъолии фаъолияти сармоягузории корхона ва хоҷагиҳои кишоварзӣ таъсири

[46] Коваленко И.Я. Экономика сельского хозяйства – М.: «Тандем», 1999. -С. 9-11, С. 251-253.

мустақим ва ғайримустақим дорад. Чунин нуқтаи назарро дигар муҳаққиқони ин мавзуъ низ дастгирӣ мекунанд.[47] Базаи моддӣ-техникии корхонаҳову хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки яке аз самтҳои асосии маблағгузориҳои асосӣ ба шумор мераванд, низ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва онҳо дар маҷмуъ ба сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

Аз ин хотир, роҳбарияти корхонаву ташкилотҳои агросаноатиро лозим меояд, ки ҳангоми коркарди сиёсати сармоягузории худ ба хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳамчунон ба хусусиятҳои базаи моддӣ-техникии корхонаву ташкилотҳои номбурда диққати ҷиддӣ диҳанд. Яъне таносубҳои оқилонаи маблағгузориҳои асосӣ ва ташкилу бунёди фондҳои асосиву фондҳои гардони корхонаҳои мазкур бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ мақсади ҳама гуна намуди фаъолият, аз ҷумла фаъолияти сармоягузорӣ ба даст овардани фоида мебошад. Дар корхонаҳои пешқадам барои дар ин самт ба мақсад расидан сиёсати сармоягузории худро коркард мекунанд, ки он дар заминаи сиёсати сармоягузории давлат таҳия мегардад.[48] Қобили қайд аст, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ яке аз навъҳои аз ҳама васеъ паҳншудаи сармоягузориҳои корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурии мо ба шумор меравад ва дар сохтори сармоягузориҳои корхонаҳои агросаноатӣ вазни қиёсии онҳо зиёдтар аст. Аз ин ҷиҳат, соҳибкорон - сармоягузорон ва ҳамчунон роҳбарони корхонаҳо зимни коркарди сиёсати сармоягузории корхонаҳо маҳз ба ҳамин намуди сармоягузориҳо диққати асосӣ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки дар мавриди коркарди сиёсати сармоягузорӣ корхонаҳо якчанд принсипҳоро ба назари эътибор мегиранд. Ба инобат гирифтани онҳо ба босуботӣ, истифодаи мақсаднок ва самаранокии сармоягузориҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои КАС мусоидат мекунанд.

---

[47] Одинаев Ш.Т., Раҷабов Ш.Х. ва диг. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения // Вестник ТНУ – Душанбе, 2013. -№215- С.256-258.

[48]Шарипов Р.С., Исвалиев С.Д. Трансформация госрегулирования инвестиционной деятельности в условиях формирование аграрных кластеров // Управления. -2016. -№4(62). -С.22.

Муҳимтарини ин принсипҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

1. Сиёсати сармоягузории корхона ба стратегияи рушди корхона, вазъ ва суботи молиявии корхона бояд мувофиқат намояд. Яъне ҳангоми банақшагирии маблағгузориҳои асосӣ роҳбарияти корхона нақшаҳои стратегӣ ва вазъи молиявии корхонаҳоро бояд ба назар гирифта, баъдан оид ба самту объекти сармоягузоришаванда қарор қабул намоянд;

2. Ҳангоми банақшагирии маблағгузории асосӣ дар ин ва ё он объекти корхона дараҷаи таваррум ва хатарҳои сармоягузорӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Зеро ба инобат нагирифтани ин принсип дар сармоягузориҳое, ки хусусияти миёнамуҳлат ва дарозмуддат доранд, ки боиси сари вақт ба итмом нарасидани объектҳои сармоягузоришаванда ё ба объектҳои нотамом табдил ёфтани онҳо мегардад;

3. Истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди молиякунонии лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳо. Ин принсип маънои онро дорад, ки агар барои амалигардонии лоиҳаи сармоягузорӣ маблағҳои худии корхона кифоягӣ накунад он гоҳ корхона бояд амалигардонии сармоягузориҳои худро аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳое анҷом диҳанд, ки соҳибони онҳо ашхоси ҳуқуқию воқеии боэътимод бошанд. Яъне то анҷоми объекти сохтмонӣ, бо талаб кардани сармояи худ корхонаи мазкурро дар ҳолати ногувор нагузорад;

4. Принсипи дигаре, ки зимни коркарди сиёсати сармоягузории корхонаҳо бояд ба инобат гирифта шавад, ин аз нигоҳи илмию техникӣ ва иқтисодӣ асоснок будани лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳо мебошад. Ба ибораи дигар, роҳбарияти корхона ҳангоми сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаи худ бояд, пеш аз ҳама, ба самаранокии иқтисодии сармоягузории номбурда боварӣ дошта бошанд. Яъне мутахассисони корхона бояд дар марҳилаи пешазсармоягузорӣ лоиҳаи мазкурро асоснок намоянд, то ин ки дар онҳо мутаносибии таносубҳо (таносуби байни фондҳои асосию гардон, таносуби байни саршумори чорво ва базаи хӯроки чорвои хоҷагӣ, таносуби байни саршумори чорво ва ғунҷоиши бинои фермаи чорводорӣ ва ғ.) бояд ба эътибор гирифта

шуда бошанд. Зеро дар ҳолати баръакс дар механизми фаъолияти объекти сармоягузоришуда ё субъекти хоҷагидории ташкилшуда нуқсонҳо пайдо мегарданд, ки онҳо дар маҷмуъ метавонанд ба субот ва самаранокии фаъолияти корхона халал ворид созанд;

5. Ҳамчунон мавриди сармоягузориҳо дар корхонаҳои агросаноатӣ принсипи амалигардонии сармоягузориҳо ё худ лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобаста аз муҳимияташон бояд риоя карда шаванд. Яъне, сараввал дар корхона бояд сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ё лоиҳаҳои сармоягузорие амалӣ гардонида шаванд, ки барои афзоиши маҳсулоти корхона, баландбардории сифати маҳсулоти он ва рақобатпазирии истеҳсолоти корхона нигаронида шудаанд. Зеро маҳз натиҷаҳои чунин сармоягузориҳо боиси афзоиши фоидаи корхонаҳо мегардад ва аз ҳисоби он корхона метавонад дигар чорабиниҳои хусусияти иҷтимоӣ ва экологидоштаро сармоягузорӣ кунанд;

6. Дар баробари принсипҳои дар боло номбаршуда қоидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки ба сиёсати сармоягузории корхонаҳо, идоракунии сармоягузориҳои онҳо таъсири мустақим мерасонанд. Ин принсипро дар аксари адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ истифодаи мақсадноки сармоягузориҳо номгузорӣ кардаанд ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ва боздеҳии саривақтии онҳо ба риояи ҳамин принсип вобастагӣ дорад.[49]

Ҳамчунон, ки дар боло қайд карда шуд, аз ҷониби дигар муҳаққиқон низ ин мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Баъзе аз онҳоро ба мақсади васеъ ва амиқ гардонидани манбаъҳои маълумотӣ барои хулосабарорӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Масалан, аз ҷониби Макаркин Н.П. принсипҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ чунин арзёбӣ гардидаанд:

1. Мустақилият. Яъне мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналхалқӣ дар мавриди қабули қарор оид ба фаъолияти

---

[49] Андросов В.М., Шумарин А.Л. Регулирование инвестиционной деятельности в регтоне. – Томск, ТГУ, 2000. -С.26-29.

сармоягузорӣ (сармоягузории ин ва ё он объект, лоиҳаи сармоягузой, агар ин амал ба қонунгузорӣ мухолифат накунад ва фаъолияти сармоягузоришаванда ғайриқонунӣ набошад) корхона мустақил аст ва давлату дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба ин навъи фаъолияти корхона набояд дахолат намоянд;

2. Озодӣ. Ин принсип маъноии онро дорад, ки корхона зимни интихоби сармоягузор, метод ва сарчашмаи сармоягузорӣ, навъи сармоя, ҳаҷм ва муҳлати сармоягузорӣ озод аст, яъне бо майлу хоҳиши худ нисбати нуқтаҳои дар боло номбаршуда қарор қабул мекунад;

3. Хусусияти ихтиёрӣ. Дилхоҳ шахси ҳуқуқию воқеӣ дар мавриди анҷом додани фаъолияти сармоягузорӣ соҳибихтиёр аст. Яъне анҷом додани фаъолияти сармоягузорӣ хусусияти ҳатмӣ будани ин фаъолият ба шумор намеравад;

4. Ҳуқуқи баробари ҳама иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ. Яъне шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки дар фаъолияти сармоягузорӣ ё амалигардонии ин ва ё он лоиҳаи сармоягузорӣ иштирок мекунанд, дар маҷмуъ баъди анҷоми фаъолияти сармоягузорӣ, бакордарорӣ ва фоидаоварии объекти сармоягузорӣ (вобаста ба саҳмашон дар ин намуди фаъолият) ҳуқуқҳои баробар доранд;

5. Шартнома ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи муносибатҳои миёни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ маҳсуб меёбад.[50]

Муҳаққиқони дигари ин мавзуъ (Леонтьев В. Е., Бочаров В. В., Радковская Н. П.) зимни таҳлилу баррасӣ чунин принсипҳоеро ҷудо мекунанд, ки онҳоро дар маҷмуъ принсипҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) номгузорӣ намудаанд. Муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Низоми будани фаъолияти сармоягузорӣ. Яъне миёни аъзоён, иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ бояд як занҷираи мустаҳкам ва оддии муносибатҳо бунёд карда шавад;

[50] Макаркин Н.П. Эффективность реальных инвестиций: учебное пособие / Н. П. Макаркин; Мордов. гос. ун-т. – Саранск, 2011. –С.72.

2. Принсипи қоидаи тиллоии бонкӣ. Ин принсип маънои назорати қатъиро аз болои воситаҳои пулии ба ташкилот воридшаванда ва аз он хориҷшавандаро дорад, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда анҷом пазируфтанд ва ҳамзамон оид ба вазъи молиявии ташкилот дар рӯзи таҳлил баҳои объективӣ медиҳад;

3. Мувозинати хатарҳо - ин принсип маънои онро дорад, ки корхона ҳангоми сармоягузориҳо ба масъалаи даромадҳо ва хатарҳои сармоягузориҳо бояд диққати ҷиддӣ диҳанд, яъне миёни онҳо мувозинат барқарор бошад. Махсусан, ҳангоми интихоби сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузориҳо;

4. Принсипи ҳудуди самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ. Маънои ин принсип дар он зуҳур мекунад, ки гузориши сармоя то он замоне самаранок ҳисоб мешавад, ки агар хароҷотҳои истеҳсоли маҳсулот аз маблағ аз фурӯши он хурд бошад;

5. Принсипи банд шудан. Ин принсип маънои онро дорад, ки озодии сармоягузор то замони интихоби вариянти сармоягузорӣ мебошад, вақте сармояи ӯ бо фаъолият фаро гирифта мешавад, сармоя банд мешавад;

6. Принсипи мувофиқаткунонии хароҷотҳо. Яъне сармоягузор баъди гузориши сармоя яку якбора соҳиби даромадҳо ва фоидаи зиёд намегардад, балки хароҷотҳои худро дар доираи бизнеси нав меомӯзад, маҳсулоти навро тарҳрезӣ мекунад ё барои баландбардории дараҷаи касбияти коркунонаш хароҷотҳо мекунад. Ва ин ҳама албатта, вақту хароҷотро тақозо дорад ва баъди мувофиқаткунонии хароҷотҳо дар ягон фосилаи вақти муайян сармоягузор ба гирифтани даромад шуруъ менамояд.

7. Принсипи самараи мултипликативӣ, яъне ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ, рушди дигар соҳаҳо ва умуман рушди иқтисодиёт таъсири худро мерасонад.[51]

[51] Леонтьев В. Е., Бочаров В. В., Радковская Н. П. Инвестиции. -М.: «Юрайт», 2017 –С.189.

Дар дигар адабиёти иқтисодӣ олимон В.С. Ефимов ва В.Я. Ушаков принсипҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ-инвеститсионии корхонаҳоро таҳлил намуда, чунин принсипҳои ин намуди фаъолиятро ҷудо намудаанд:

1. Принсипи ҳудуди самаранокии сармоягузориҳо;

2. Принсипи банд гардидан;

3. Принсипи мувофиқати меъёрҳои молиявӣ ва техникии баҳодиҳии самаранокии маблағгузориҳои асосӣ;

4. Принсипи мувофиқатгардонии хароҷотҳо;

5. Принсипи самараи мултипликатор.[52]

Қобили қайд аст, ки ин принсипҳо ба принсипҳое, ки дар сарчашмаҳои дар боло нишондодашуда қариб, ки бо пуррагӣ мувофиқат мекунанд. Ин далел гувоҳи он аст, ки миёни олимони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ дар мавриди принсипҳои бунёдии фаъолияти сармоягузорӣ мухолифатҳо қариб, ки ҷой надоранд. Дар баъзе сарчашмаҳои дигар принсипҳои дигари сармоягузорӣ низ ба назар мерасанд, ки аксаран ба фикри инҷониб, ба олимони хориҷӣ дахл доранд, баъзе аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

1. Принсипи хусусияти дарозмуддатӣ доштани сармоягузориҳо;

2.Принсипи омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолият, яъне омӯзиши корхонае, ки дар он сармоягузорӣ кардан мехоҳад;

3. Принсипи мавҷудияти фикру андешаи мустақили сармоягузор;

4. Принсипи иродаи қавии инвестор дар мавридҳои бурду бохти фаъолияти сармоягузорӣ;

5. Принсипи ба иштибоҳкорӣ роҳ надодан ҳангоми бастани шартномаҳои соҳибкорӣ;

6. Принсипи ба ҳайси объекти сармоягузорӣ интихоб намудани ягон ширкати байналхалқӣ;

7. Принсипи ҷустуҷӯйи саҳмияҳои фоидаовар;

---

[52] Ефимов В.С., Ушаков В.Я. Общие положения и основные принципы инновационно-инвестиционной деятельности предприятий. // Вестник МГУ им. С. Ю. Витте. Экономика и управление •2015'3(14)-С.31.

8. Принсипи ба сохтордарорӣ ва ба низом даровардани сармоягузориҳо ва бурду бохти онҳо;

9. Принсипи таърих муҳим аст;

10. Принсипи имрӯз сармоягузорӣ мекунам то ин ки фардо сармояи зиёдтаре ба даст орам.[53]

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки мавриди сармоягузориҳо, аз ҷумла, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ сармоягузор ё корхонаву ташкилотҳои ба ин намуди фаъолияти сармоягузорӣ машғулшаванда бояд, ба принсипҳои сармоягузорӣ диққати ҷиддӣ диҳанд.




**Расми1.2.1. -Принсипҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Зеро онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти сармоягузорӣ метавонанд, таъсир расонанд. Албатта, дар ин маврид бояд дар хотир дошт, ки баъзе аз ин принсипҳо асосӣ ё бунёдӣ мебошанд (диққати ҷиддӣ

---
[53] Арабов Ф.П., Шарипов У.А. Асосҳои сармоягузорӣ. -Душанбе, 2022. - С. 11-34(475с.).

металабанд), қисмати дигар принсипҳои иловагӣ ба ҳисоб мераванд ва мавриду вақти истифодаи худро доранд. Қисмати сеюм принсипҳое ҳастанд, ки онҳо хусусияти тависиявӣ дар шароити бозор доранд, яъне хуб мешуд, ки онҳо низ ба инобат гирифта шаванд, аммо ба инобат нагирифтани онҳо низ ба корхона ё сармоягузор зарар намеоранд, аммо фосилаи вақти барои қабули қарори дурусту зарур, тӯл мекашад. Дар ин ҳошия мо низ кӯшиш намудем, ки принсипҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ таъсирбахшро бо назардошти муҳиммияташон, ки дар боло арзёбӣ намудем, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намоем, (Расми 1.2.1).

Сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ яке аз навъҳои асосии сармоягузориҳои кишоварзӣ ба шумор меравад, ки танҳо ба фондҳои асосии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ равона карда мешавад. Дар ин раванд як нуқтаро қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари хусусиятҳо ва принсипҳои сармоягузорӣ ба фаъолияти сармоягузории корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамчунин омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ таъсирбахш миқдоран зиёд буда, навъҳои гуногун доранд ва таъсирашон низ ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо мухталиф аст. Дар таҷрибаи хоҷагидории корхонаву ташкилотҳои КАС ва ҳамчунон дар адабиёти иқтисодии ин бахш муҳаққиқон омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ таъсирбахшро ба тарзҳои гуногун таснифот намудаанд. Ҳамзамон омӯзиши ин таснифотҳо нишон доданд, ки аксари муҳаққиқон омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо таъсирбахшро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудаанд:

1. Омилҳои макроиқтисодӣ;
2. Омилҳои микроиқтисодӣ.

Ба омилҳои макроиқтисодӣ дохил мегарданд:

- Дараҷаи мукаммалии низоми андозситонӣ;
- Таъмини ҳуқуқӣ-меъёрии фаъолияти сармоягузорӣ;

- Дараҷаи тавварум, касри буҷаи давлат;
- Дараҷаи иштироки давлат дар фаъолияти сармоягузорӣ;
- Ҳолат ва динамикаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат;
- Дараҷаи мукаммалии сиёсати моливӣ-қарзӣ;
- Сиёсати иқтисодӣ ва сармоягузории давлат;
- Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа;
- Бунёди шароитҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ;
- Дараҷаи хатари гузориши сармоя дар иқтисодиёти мамлакат;
- Дастгирии давлат аз фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва ғайра.

Қобили қайд аст, ки омилҳои номбурда омилҳое мебошанд, ки корхонаҳо ба онҳо таъсир расонида наметавонанд. Бо ибораи дигар, таъсири манфии ин омилҳоро корхонаҳои кишоварзӣ ё агросаноатӣ дар алоҳидагӣ бартараф карда наметавонанд. Ҳамин нуқтаи назар дар асарҳои Андросов В.А., Шумарин А.Л., Бард В.С., Бланк И.А., Бочаров В.В., Эндовитский Д.А., Игошин Н.В., Сергеев И.В., Веретенникова В.В. вомехӯранд.[54]

Ҳамчунон, муҳаққиқони ин мавзуъ омилҳои дохилифирмавӣ ва дохиликорхонавиро, ки ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо таъсир мерасонад, ҷудо мекунанд. Дар адабиёти солҳои охир ин омилҳоро омилҳои микроиқтисодӣ низ меноманд. Аз олимони ватанӣ Музафаров Б., Исвалиев С.Д., Мирсаидов М.Н., Тағоев Ҷ.Ҳ., Сафаров А.А. ба омилҳои микроиқтисодии ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахш, омилҳои зеринро дохил намудаанд:

- Андозаи корхонаҳо;
- Вазъи молиявии корхона;
- Усулҳои ҳисобкунии ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ;
- Сиёсати илмӣ-техникии корхона;
- Сиёсати сармоягузории корхона;
- Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ;

---
[54] Сергеев И.В., Веретенникова В.В. Организация и финансирование инвестиций. -М.: Финансы и статистика, 2000. - С. 13-21.

- Самаранокии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона;
- Сифат ва рақобатпазирии маҳсулот;
- Сатҳи истифодаи воситаҳои асосӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ;
- Дараҷаи истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда дар корхона.[55]

Ҳамчунин, дар адабиёти иқтисодӣ коршиносони ин бахш омилҳои объективӣ ва субъективии ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо таъсирбахшро низ ҷудо мекунад.[56] Ба омилҳои обективӣ дохил мегарданд: шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, мавҷудияти захираҳои ашёи хом, баромад ба баҳр, мавқеи ҷуғрофӣ, майдони заминҳои шудгоршаванда, офатҳои табиӣ, вазъи демографӣ ва ғ. Хусусияти хоси омилҳои демографӣ дар он зуҳур мекунанд, ки онҳоро тағйир додан ғайриимкон аст ё ин ки тағйирдиҳиву дигаргунсозии онҳо захираҳо ва вақти зиёдро тақозо доранд.[57]

Дар мавриди омилҳои субъективии ба фаъолияти сармоягузориҳои корхонаҳо таъсирбахш ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон оид ба таркиби онҳо ҳамфикр ҳастанд. Яъне аксари муҳаққиқон омилҳои субъективӣ гуфта, омилҳоеро дар назар доранд, ки ба фаъолияти инсонҳо, корхонаҳо, давлат алоқаманд мебошанд. Бо ибораи дигар, муҳаққиқони ин бахш дар зери мафҳуми омилҳои субъективӣ омилҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодиро мефаҳманд.[58] Дар шакли нақшавӣ ин омилҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст, (Расми 1.2.2). Ҳамин тариқ, омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахшро таҳлил намуда ба хулосае омадем, ки таъсири омилҳо ба сармоягузорӣ ва фаъолияти корхонаҳои ин комплекс назаррас буда, коршиносони бахши сармоягузории корхонаҳоро лозим меояд, ки

[55] Тағоев Ҷ.Ҳ., Мирсаидов М.Н., Сафаров А.А. Фаъолияти сармоягузорӣ. Воситаи таълимӣ. - Душанбе: «ПРОМЭКСПО», 2016. - С.27-28.
[56] Файзуллоев Т.Т. Факторы, влияющие на инвестиционные проекты предприятий АПК / Стратегические подходы государственного и местного управления в условиях глобализации. Матер. респуб. научно-практ. конф. ТНУ. -Душанбе, 2019. -С.205-207.
[57] В. М. Аскинадзи, В. Ф. Максимова. Инвестиции: учебник для вузов /. — 3-е изд., перераб. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2023. –С.254-262.
[58] Гуськова Н.Д., Краковская И.Н., Слушкина Ю.Ю., Маколов В.И. Инвестиционный менеджмент. - М.: КНОРУС, 2013. - С.17-27.

ҳангоми коркарди сиёсати инвеститсионии корхонаҳо ба онҳо диққат диҳанд.




**Расми 1.2.2. -Омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахш**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Дар маҷмуъ таҳлилу баррасии хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба фаъолияти сармоягузориҳои корхонаҳои КАС таъсирбахш ба мо имкон дод, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз равзанаи асосноки илмӣ баҳодиҳӣ намуда, оид ба ин навъи фаъолият чунин натиҷагириҳо намоем:

1. Сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаҳои КАС яке аз намудҳои нисбатан паҳншудаи сармоягузориҳо ба шумор меравад, ки зимни он сармоягузорӣ асосан хусусияти дарозмуддатро касб карда, танҳо ва танҳо ба фондҳои асосии корхонаҳо равона карда мешаванд;

2. Сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар таҷрибаи ватанӣ маблағгузориҳои асосӣ меноманд. Ҳангоми маблағгузориҳо дар корхонаҳои КАС як қатор хусусиятҳо мавҷуданд, ки ҳам сармоягузорон ва ҳам роҳбарони корхонаҳои агросаноатӣ, аз ҷумла кишоварзӣ онҳоро бояд донанд ва ҳангоми ин намуди фаъолияти сармоягузорӣ ба онҳо диққати ҷиддӣ диҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари ин

хусусиятҳо аз хусусиятҳои худи истеҳсолоти кишоварзӣ ва агросаноатӣ бармеоянд;

3. Таҳқиқи саволи гузошташуда нишон дод, ки ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ оғоз намуда, пеш аз ҳама, ба принсипҳои асосии ин намуди фаъолият аҳамият додан лозим меояд. Баъзе аз ин принсипҳо бунёдӣ буда, баъзе дигар иловагӣ ва баъзе дигар бозорӣ номгузорӣ шудаанд. Принсипҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои КАС дар шакли нақшавӣ пешниҳод гардидааст.

4. Аз таҳқиқи маълумоти ҷамъовардашуда ба хулосае омадем, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ, аз ҷумла, кишоварзӣ омилҳои гуногун таъсири мухталиф мерасонанд. Дар матни зербоб таснифоти омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо таъсирбахш оварда шудааст.

5. Дар хотимаи зербоб вобаста аз натиҷаҳои бадастомада ба хулосае омадем, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳо категорияи мураккаби иқтисодӣ буда, ҷанбаҳои мухталиф дорад ва барои ташкили оқилона ва истифодаи самараноки ин навъи сармоягузориҳо паҳлӯҳои гуногуни онро мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор додан лозим меояд.

## 1.3. Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС

Масоили истифодаи самараноки сармоягузориҳо ҳама вақт яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёти корхонаҳо ба шумор мерафт ва меравад. Зеро ҳар як соҳибкор роҳбари корхона ё худ сармоягузор мехоҳад донад, ки ҳамин сармояе, ки ӯ дар ин ё он намуди фаъолият мегузорад ё гузоштааст барояш чӣ қадар фоида меорад ё оварда истодааст. Бо ибораи дигар, ҳар як сармоягузор, соҳибкор самаранокии иқтисодии сармояи гузошташавандаро қабл аз оғози сармоягузорӣ баҳисобгирӣ менамоянд. Дар амалияи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои агросаноатӣ ҳангоми муайян кардани

самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо аз усулҳо ва нишондиҳандаҳои гуногун истифода менамоянд. Азбаски предмети омӯзиши мо сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатӣ мебошад. Бинобар ин, мо таҳқиқоти худро минбаъд дар доираи ҳамин навъи сармоягузориҳо идома медиҳем.

Дар таҷрибаи давлатҳои собиқ шуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ маблағгузории асосӣ номида мешуданд ва танҳо барои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ равона мегардиданд. Дар он замон дар ин бахш оид ба муайян кардани самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, олимони зиёде корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом дода, нуқтаи назар, усулҳо ва нишондодҳои муайянкунии самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосиро пешниҳод намудаанд.

Дар адабиётҳои иқтисодии замони шуравӣ аввалин мақолаҳо ва тадқиқотҳои илмӣ оид ба самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ дар солҳои 1920 шуруъ гардида буданд. Дар он мақолаҳо Е.Г.Либерман ба сифати нишондиҳандаи самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ҳосилнокии меҳнат ва сарфаи хароҷотҳоро пешниҳод намуда буданд, Ковалевский Н.А. ба ҳайси нишондиҳандаи мазкур боздеҳии фондҳо ва Фельдман Г.А. таносуби байни даромади миллӣ ба фондҳои асосиро пешниҳод намудаанд. Ҳамчунин, дар ин давра ба сифати нишондиҳандаи мазкур арзиши аслӣ ва сармояғунҷоиш пешниҳод гардида буданд. То солҳои 1928 ин баҳсҳо давом доштанд. С.Г. Струмилин дар соли 1928 навиштааст, ки бо сабаби коркард нашудан ва набудани нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ ҳангоми баҳодиҳии нишондиҳандаи панҷсолаи якум иқтисодчиён ба баҳои мутахассисону коршиносони техникии истеҳсолот такя намудаанд.[59]

Баъдтар, бо рушди сохтмонҳои азими давлати шуравӣ зарурат ба асосноккунии лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ боз ҳам афзунтар гардид.

[59] Струмилин С.Г. К дискуссии о пятилетке Госплана. - М.: Большевик, 1928, №13-14.

Дар ин марҳила асарҳои илмии И.Г. Александров, Б.Е. Веденеева, С. Кукель-Краевкого, М.М. Протидьяконова, К.А. Оппенгейма ва дигарон аз чоп баромаданд, ки асосноккунии объектҳои сохтмонӣ ба монанди роҳҳои оҳан, нерӯгоҳи барқии обӣ, заводҳои бузург бахшида шуда буданд. Аксари ин олимон намояндаи илмҳои техникӣ буданд, ки ба масъалаҳои самаранокии иқтисодии лоиҳаҳо рӯй оварда буданд.[60]

Масъалаҳои истифодаи нишондиҳандаҳои арзишӣ ҳангоми қиёс намудани самаранокии маблағгузории асосӣ дар солҳои баъдиҷангӣ рушд кард. Намояндагони асосии ин методикаи муайянкунии самаранокии иқтисодии қиёсии сармоягузориҳо А.Л. Лурье, Л.А. Ваага, С.С. Захарова, В.О. Чернявского, И.С. Малышева буданд. Марҳилаи асосӣ дар рушди назария ва амалияи самаранокии маблағгузории асосӣ, конфронси умумиитифоқии илмию техникии соли 1958 ба ҳисоб меравад, ки маърӯзаи асосӣ дар он ба Хачатуров Т.С. тааллуқ дошт.[61] Ин маърӯза дар оянда, яъне солҳои 1959-1960 асоси методикаи муайянкунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳоро ташкил дод. Худи ҳамин сол методикаи намунавии ҳисобкунии самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ ва техникаи нав аз чоп баромад, ки онро Госплани ИҶШС, Гостехникаи ИҶШС ва Академияи илмҳои ИҶШС тасдиқ карда буданд. Солҳои 1962 методикаҳои муайянкунии самаранокии иқтисодии техникаи нав, механизатсия ва автоматикунонии истеҳсолот дар саноат ва соли 1964 методикаи самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз чоп баромаданд.[62] Соли 1967 бошад, дар натиҷаи кори гурӯҳи байналхалқии оид ба самаранокии маблағгузориҳои асосӣ методикаи муайянкунии самаранокии маблағгузории асосӣ барои давлатҳои аъзои СЭВ интишор гардид. Ҳамчунин, солҳои 1969-1977 методикаи муайянкунии самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ, техникаи нав, кашфиётҳо ва пешниҳодҳои навоварона аз чоп баромаданд, ки аз ҷониби Госплани

---

[60] Хачатуров Т.С. Эффективность капиталных вложений. -М.: Экономика, 1979. С. 15.
[61] Экономическая эффективность капитальных вложений и новой техники. /Под ред. Т.С. Хачатурова. - М., Соцэкгиз, 1959, с. 12-14.
[62] Хачатуров Т.С. Эффективность капиталных вложений. -М.: Экономика, 1979. С. 17.
Типовая методика определения экономической эффективности капиталных вложений и новой техники в народном хозяйстве СССР. -М.: Госпланиздат, 1960.

ИҶШС тасдиқ шуда буданд.[63] Аз ҷумла дар ин методикаҳо қайд шудааст, ки самаранокии иқтисодии истифодаи мошинҳо, агрегатҳо ё комплекси онҳоро бо ёрии нишондиҳандаҳои арзишӣ метавон муайян намуд: ҳосилнокии меҳнат; хароҷоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ) барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ва ё корҳои иҷрошуда; арзиши коркарди хоки 1 га замин; ҷамъоварии ҳосил; хароҷотҳои овардашуда ба ҳар як сентнер маҳсулот ва ё ба ҳар як гектар замин; муҳлати худхаридкунии сармоягузориҳо, ки барои хариди техникаи нав равона шудааст.

Корхонаи кишоварзӣ техникаи навро харидорӣ менамояд. Самаранокии иқтисодии истифодаи онро аз рӯйи кам шудани бузургии харҷи меҳнат ва дигар воситаҳо нисбати мошинаҳо ва агрегатҳои амалкунанда тибқи нишондиҳандаҳои зерин муайян мекунанд:

а) камшавии хароҷоти меҳнат: $C_t = \frac{T_к - T_н}{T_к} \cdot 100\%$ [1.3.1]

дар ин ҷо $C_t$ – кам шудани хароҷоти меҳнат, %.

$T_к$ – хароҷоти меҳнат ҳангоми иҷрои корҳо бо техникаи куҳна ё комплекси агрегатҳои мавҷуда;

$T_н$- хароҷоти меҳнат ҳангоми истифодаи техника ва комплекси агрегатҳои нав.

б) камшавии хароҷоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ),

$$C_э = \frac{Э_к - Э_н}{Э_к} \cdot 100\% \qquad [1.3.2]$$

дар ин ҷо $C_э$ – камшавии хароҷоти эксплуататсионӣ, %;

$Э_к$ – хароҷоти эксплуататсионӣ бо техника ва комплекси мошинаҳои куҳна;

$Э_н$ – хароҷоти эксплуататсионӣ бо техника ва комплекси мошинаҳои нав.

Хароҷоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ) – ин хароҷот барои музди меҳнат, дархостҳои иҷтимоӣ, истеҳлок, таъмири ҷорӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, энергияи барқ мебошанд.

в) коэффитсенти самаранокии маблағгузориҳои асосӣ

$$C_к=(C_0-C_1)/(K_1-K_0) \qquad [1.3.3]$$

дар ин ҷо: $C_к$ –коэффитсенти самаранокии маблағгузориҳои асосӣ, %;

$K_0$ – маблағгузорӣ ҳангоми истифодаи техникаи куҳна, сомон/га;

[63] Основные положения определения экономической эффективности использования в народном хозяйстве новой техники, изобратений и рационализаторких предложений. - М., Экономика, 1977.

$K_1$– маблағгузорӣ ҳангоми истифодаи техникаи нав, сомон/га.

г) Муҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои иловагӣ бо техникаи нав

$$T = \frac{K_1 - K_0}{C_0 - C_1}, \qquad [1.3.4]$$

дар ин ҷо Т – муҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои иловагӣ барои харидкунӣ, оварда расонидан ва бакордарории техникаи нав, сол;

$K_0$, $K_1$ – маблағгузориҳо бо техникаи куҳна, нав ва ё комплекси онҳо, сомон/га;

$C_0C_1$ - хароҷоти истеҳсолот мувофиқан бо техникаи куҳна ва нав ё комплекси онҳо, сомон/га.

Ҳангоми истифодаи техникаи нав нишондиҳандаҳои иловагиро низ истифода мебаранд, ки шароити меҳнат ва энергияғунҷоишро тавсиф медиҳанд. Дар шароити имрӯза меъёри баҳодиҳии техникаи нав ин беҳтаршавии шароити меҳнат, камшавии аз кор рафтани мутахассисони кишоварзӣ, миграцияи аҳолии хоҷагии қишлоқ мебошад[64].

Қобили қайд аст, ки ба ақидаи аксари муҳаққиқони ин мавзуъ самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ин муқоисаи самараи бадастовардашуда ба андозаи сармояи гузошташуда мебошад. Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ҳангоми интихоби самт ва вариантҳои беҳтарини аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардидаи тараққиёти соҳа ва истеҳсолот, ҳангоми сохтмони объектҳои нав ва таҷдиди объектҳои амалкунанда, мавриди дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи прогрессивӣ муайян карда мешавад. Дар амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ҳисоб карда мешавад:

-дар дараҷаи хоҷагии халқ;

-дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ: саноат, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва ғ.;

-ҳангоми ҳалли проблемаҳои алоҳидаи тараққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;

-ҳангоми баҳодиҳӣ ба иҷрои нақшаҳои сохтмони асосӣ ва дигар чорабиниҳо.

Дар мавриди асосноккунии иқтисодии маблағгузориҳои асосии мақсаднок самараи онҳоро натанҳо дар соҳаи мазкур, балки дар миқёси

[64] Коваленко И.Я. Экономика сельского хозяйства – М.: «Тандем», 1999. -С.157.

хоҷагии халқи мамлакат муайян кардан зарур аст. Бинобар ин, самаранокии маблағгузориҳои асосиро дар кишоварзӣ ба самаранокии маблағгузориҳои асосӣ дар дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ муқоиса кардан лозим меояд. Зеро самаранокии маблағгузориҳои асосӣ дар сфераҳои гуногуни КАС аз якдигар вобастагии бевосита доранд.

Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ дар самтҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

- ҳангоми васеъкунӣ, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда;

- дар сфераи ғайриистеҳсолӣ: сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, объектҳои маданӣ-маишӣ, таълимӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ғ.;

- муҳофизати муҳити атроф;

- дар сфераи муомилоти маҳсулоти истеҳсолшуда (тайёркунӣ, кашонидан, фурӯш ва ғ.);

- корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ба мақсади аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок намудани самти истифодаи онҳо, интихоби вариантҳои беҳтарини тараққиёти соҳаи кишоварзӣ, сохтмону бунёди корхонаҳои нав, васеъкунӣ ва азнавбарқароркунии корхонаҳои амалкунанда, ҷорӣ намудани ҷараёнҳои нави технологӣ гузаронида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки базаи методологии муайянкунии самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ, ки аз ҷониби олимони машҳури ҳамон давра барои иқтисодиёт ва соҳаҳои он коркард шуда буданд, аслан аз ду методика иборат буд.

1. Самаранокии иқтисодии умумии маблағгузориҳои асосӣ;

2. Самаранокии иктисодии қиёсии маблағгузориҳои асосӣ.

Самаранокии иқтисодии умумии маблағгузориҳои асосӣ дар дараҷаи хоҷагии халқ, дар дараҷаи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва дар дараҷаи корхонаҳо муайян карда мешавад. Ба ҳайси нишондиҳандаи асосӣ дар ин методика коэффисенти самаранокии иқтисодии

маблағгузории асосӣ истифода бурда мешавад. Ҳангоми муайян кардани ин нишондиҳанда дар дараҷаҳои номбурда аз формулаҳои зерин истифода мебаранд.

1.Коэффисиенти самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ дар дараҷаи хоҷагии халқ:

$$E_{xx}=\frac{\Delta ДМ}{К} \qquad [1.3.5]$$

дар ин ҷо: $E_{xx}$-коэффисиенти самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ дар дараҷаи хоҷагии халқ; ΔДМ-Афзоиши даромади миллӣ; К-маблағгузории асосӣ ки даромади номбурдаро ба вуҷуд оварданд.

2.Коэффисиенти самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ дар дараҷаи соҳаи иқтисодиёт:

$$E_{c}=\frac{\Delta МС}{К} \qquad [1.3.6]$$

дар ин ҷо: ΔМС-афзоиши маҳсулоти софи соҳа.

3.Коэффисиенти самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ дар дараҷаи корхонаҳо:

$$E_{к}=\frac{\Delta Ф}{К} \qquad [1.3.7]$$

дар ин ҷо: ΔФ-афзоиши фоидаи корхона.[65]

Ҳамин тариқ, методикаи муайянкунии самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ нишон медиҳад, ки коэффисиенти самаранокии ин маблағгузориҳо чӣ қадар аст. Дар амалияи хоҷагидорӣ дар доираи хоҷагии халқи собиқ давлати шуравӣ коэффисиенти нормативии самаранокии иқтисодии маблағгузории асосӣ дар ҳудуди 0,12 қабул гардида буд. Ин маънои онро дошт, ки дар маҷмуъ маблағгузориҳои асосие ки дар доираи иқтисодиёти мамлакат гузошта мешуданд, коэффисиенти самаранокии иқтисодиашон бояд аз 0,12 кам намешуд, дар акси ҳол чунин сармоягузорӣ маънои онро дошт, ки маблағгузориҳои асосӣ дар ин ё он соҳа, корхона ҷоришуда ғайрисамаранок истифода бурда мешавад. Яъне коэффисиент ҳудуди поёнии самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ дар хоҷагии халқ ба ҳисоб мерафт.

---

[65] Типовая методика определения эффективности капитальных вложений. –М.: Экономика, 1969. -С.14.

Қобили қайд аст, ки танҳо ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ иҷозат дода мешуд, ки маблағгузориҳои асосиеро, ки коэффисиенти самаранокиашон аз 0,12 пастар аст, дар амал ҷорӣ намоянд. Бо ибораи дигар, барои маблағгузориҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ҳудуди поёнии коэффисиенти самаранокии иқтисодии нормативӣ 0,07 ташкил медиҳад. Ин гузашт бо сабаби хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки нишондиҳандаҳои баръакси коэффисиенти самаранокии иқтисодии умумии маблағгузориҳои асосӣ муҳлати худхаридшавии ин маблағҳо дар дараҷаи хоҷагии халқ, соҳа ва корхона маҳсуб меёбад. Нуқтаи дигари мавриди таваҷҷуҳ он аст, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ки дараҷаи таваррум ба арзиши сармоягузориҳо аз ҷумла маблағгузориҳои асосӣ таъсир мерасонад, нишондиҳандаҳои номбурда саҳеҳияти худро аз даст медиҳанд.[66] Ҳамчунин, дар методикаи самаранокии иқтисодии умумии сармоягузориҳо ба сифати критерияҳои баҳодиҳӣ нишондиҳандаҳои зерин низ истифода бурда мешаванд:

1.Дараҷаи боздеҳии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ:

$$Д_б = \frac{Ф}{К} \times 100\% \qquad [1.3.8]$$

дар ин ҷо: Ф-фоида; К-сармоягузориҳо.

2.Баҳисобгирии меъёрии фоида:

$$М_ф = \frac{Ф}{АФА+АВГ} \times 100\% \qquad [1.3.9]$$

3.Муҳлати харидшавии маблағгузории асосӣ. Ин нишондиҳанда дар се зина баҳисобгирӣ карда мешавад.

- Дараҷаи хоҷагии халқ: $Т_{хх}$=К/ΔДм [1.3.10]
- Дар дараҷаи соҳа: $Т_с$ =К/ΔМС [1.3.11]
- Дар дараҷаи корхона: $Т_к$ =К/ΔФ [1.3.12]

Ҳамин тариқ, маънои иқтисодии самаранокии иқтисодии умумӣ ин муқоиса намудани суммаи афзоиши солонаи маҳсулоти соф, даромади соф, фоида ё сарфаи хароҷотҳои ҷорӣ ба маблағгузориҳои асосӣ

---

[66] Сергеев И.В., Веретеникова И.И. Организация и финансирование инвестиций. -М.: Финансы и статистика, 2000. С.137-140.

мебошад, ки ин афзоишҳо ва сарфаи хароҷотҳои ҷориро ба вуҷуд овардаанд. Ин нишондиҳандаҳо инъикоскунандаи меъёрҳои умумии самаранокӣ, рушди ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд. Барои муайян намудани самаранокии умумии маблағгузориҳои асосӣ дар ҳар як ҳолати конкретӣ нишондиҳандаҳои бо он хос истифода бурда мешаванд. Ҳамчунон, барои муайян кардани самаранокии иқтисодии умумии маблағгузориҳои асосӣ нишондиҳандаҳои иловагӣ, ба монанди арзиши маҳсулоти умумӣ ба ҳар як воҳиди пулии хароҷотҳои капиталӣ, ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслӣ, вазни қиёсии маблағгузориҳои асосӣ дар маҳсулоти умумӣ истифода мешаванд.

Методикаи дигаре, ки то солҳои 1990 дар ҷумҳурии мо ва собиқ давлатҳои шуравӣ истифода бурда мешавад, ин самаранокии иқтисодии қиёсии маблағгузориҳои асосӣ ба шумор меравад. Тибқи ин методика асосан самаранокии техникаву технологияи нав дар вариантҳои гуногун аз рӯйи хароҷотҳои эксплуататсионӣ ба сармояи гузошташаванда қиёс карда мешавад. Дар шакли формулавӣ ин методика намуди зеринро дорад:

$$C_i + Е_н * К_i \rightarrow min.^{67} \qquad [1.3.13]$$

Дар ин ҷо $C_i$-арзиши аслии маҳсулот дар варианти додашуда;

$Е_н$-коэфисенти нормативии самаранокии маблағгузории асосӣ;

$К_i$-маблағгузориҳои асосӣ дар вариянти додашуда.

$Т_{нх}$ – муҳлати нормативии худхаридкунии маблағгузориҳои асосии иловагӣ мебошад, ки ба бузургии баръакси коэффитсиенти нормативии самаранокии иқтисодӣ-қиёсии маблағгузориҳои асосӣ баробар аст.

$Т_н$-ро бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$T_н = \frac{1}{E_н} \qquad [1.3.14]$$

Нишондиҳандаҳои хароҷотҳои ҷорӣ ($C_i$) ва маблағгузориҳои асосиро ҳам дар шакли суммаи пурраашон ва ҳам ба таври хароҷотҳои ҷудогона истифода намудан мумкин аст: ба 1га замини кишт ба як воҳиди маҳсулот, ба як сар чорво ва ғ.

[67] Ковалиенко Н.Я. Экономика сельского хозяйства. – М.: «ТАНДЕМ-ЭКМОС», 1998. -С. 226.

Дар мавриди маҳдуд будани миқдори вариантҳо онҳоро дар якҷоягӣ муқоиса намудан мумкин аст. Дар ин ҳолат самаранокии маблағгузориҳои асосӣ чунин муайян карда мешавад:

$$E = \frac{C_1 - C_2}{K_1 - K_2} \quad \text{ё} \quad T = \frac{K_2 - K_1}{C_1 - C_2}, \qquad [1.3.15]$$

дар ин ҷо E – коэффитсиенти самаранокии қиёсии маблағгузориҳо;
$C_1$, $C_2$ – арзиши аслӣ дар вариантҳои муқоисашаванда, сомонӣ;
$K_1$, $K_2$ – маблағгузориҳои асосӣ дар вариантҳои муқоисашаванда, сомонӣ;
T – муҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои асосии иловагӣ, сол.

Агар $E > E_n$ ва $T < T_н$ бошад, он гоҳ маблағгузориҳои асосии иловагӣ самаранок мебошанд. Аз ин ҷо варианти сармояғунҷоишаш баланд варианти беҳтарин шумурда мешавад.

Моҳияти ин методика дар он зуҳур мекунад, ки мувофиқи формулаи пешниҳодшуда самаранокии ҷори намудани техникаву таҷҳизотҳои нав дар ҳар як варианти алоҳида аз рӯйи хароҷотҳои овардашудаи онҳо муқоиса карда мешавад. Дар натиҷаи муқоиса якчанд варианти ҷори намудани техникаву технологияи нав аз рӯйи хароҷотҳояшон пайдо мешавад. Тибқи қоидаҳои ҷойдошта коршиносон дар ин мавридҳо аз вариантҳои номбурда варианти барои корхонаашон мувофиқро (хароҷотҳояш камтар) интихоб мекунанд. Коршиносон дар ин методика низ камбудиҳоро пайдо намуданд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ на хароҷотҳои овардашуда, балки фоида аз ҷорикунии техникаву технологияи нав бояд мавриди қиёсу баҳогузорӣ қарор гирад.

Аз дигар ҷониб, методикаи мазкурро барои асосоноккунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳое, ки барои беҳтаргардонии сифати маҳсулот равона шудаанд, истифода намудан ғайриимкон аст. Зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти босифат захираҳои моддию техникӣ ва технологияи муосир зарур мегардад. Чунин техникаву технологияро албатта, бо нархи гарон дастрас мекунанд ва нархи баланди онҳо дар навбати худ, хароҷотҳои истеҳсолу фурӯши маҳсулоти корхонаро афзун мегардонад. Маълум аст, ки чунин вариант бо чунин хароҷотҳо дар методикаи мазкур қобили қабул

шуморида намешавад. Зеро харочотҳои он ба min ва max майл намекунанд. Яъне ин вариант гарчанде, ки аз нигоҳи беҳтаргардонии сифати маҳсулоти корхона варианти қобили қабул бошад ҳам, аммо вақте ки дар доираи методикаи номбурда баҳисобгирӣ карда мешавад, варианти беҳтарин ба ҳисоб намеравад. Дар бораи методикаи мазкур ва камбудиҳои он мо ақидаи олимон Игошин Н.В., Старик Д.Е., Веретенникова И.И., Лимитовский М.А., Сергеев И.В.[68] ва дигаронро ҷонибдорӣ намуда, чунин натиҷагирӣ намудем:

- Методикаи номбурда танҳо барои муайянкунии самаранокии иқтисодии ҷорикунии техникаи нав мувофиқат мекунад;
- Дар методикаи номбурда меъёри интихоби техникаи нав бузургии харочотҳои овардашуда ва миқдори маҳсулоти бо техникаи нав истеҳсолшуда маҳсуб мешавад.

Суръати баланди ПИТ ва таваррум тақозо мекунад, ки ҳангоми ҳисобкуниҳо ва таҳлили маблағгузориҳои асосӣ дар сохтмон фосилаи байни вақти гузориши сармоя ва вақти гирифтани самара ба ҳисоб гирифта шавад. Агар ин фосилаи вақтро нишондиҳанда гӯем, он гоҳ ин нишондиҳандаро дар забони иқтисодӣ **<u>лага</u>** меноманд. Ин нишондиҳанда (лага)-ро ба лагаи сохтмон ва азхудкунӣ ҷудо мекунанд. Лагаи сохтмон ин вақти барои сохтмони объект ва таҷҳизонидани он зарурро меноманд.

Лагаи сохтмон аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Л = \frac{K_1 \times H + K_2 \times (H-1) + ...K_n \times (H-N)}{100}, \qquad [1.3.16]$$

дар ин ҷо: $К_1$, $К_2$, $К_n$ – ҳиссаи маблағгузориҳои асосӣ дар солҳои сохтмони объект, бо % нисбати арзиши сметавӣ; Н – вақти умумии сохтмони объект, сол.

Лагаи сохтмонро бо формулаи зерин низ ҳисоб кардан мумкин аст:

$$Л_c = \frac{a_1 \cdot n + a_2(n-1) + a_3(n-2) + ...a_n \cdot 1}{K}, \qquad [1.3.17]$$

дар ин ҷо $a_1$, $a_2$, $a_3$ … $a_п$ – суммаи маблағгузориҳои асосӣ дар 1,2,3,П-ум соли сохтмони объект, сомонӣ;

[68] Сергеев И.В., Веретенникова И.И. Организация и финансирование инвестиций. -М.: Финансы и статистика. 2000.-С.137-145.

n – вақти умумии давомоти сохтмони объект, моҳ, сол;
К – суммаи умумии маблағгузориҳои асосӣ барои сохтмони объект, сомонӣ.[69]

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ меъёри асосии фаъолияти корхонаҳои хусусӣ ба даст овардани фоидаи максималӣ ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки мавқеи корхона дар бозор, имидж, фоида ва дараҷаи фоиданокии истеҳсолоти он аз рақобатпазирии истеҳсолоти корхона вобастагӣ дорад, ки он дар навбати худ бо фаъолияти сармоягузории корхона дар алоқамандии мустақим қарор дорад. Аз ин рӯ, махсусан барои корхонаҳои КАС-и ҷумҳурии мо, ки дар марҳилаи ташаккули муносибатҳои бозорӣ қарор доранд, интихоби методи дурусти муайянкунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ шарти муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар назди олимон иқтисодчиён ҳалли мушкилоти муҳим, яъне коркарди асосҳои методологии асосоноккунии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ истодааст.

Дар таҷрибаи хоҷагидории корхонаҳо дар давлатҳои пешрафта ин масъала ҳалли худро ёфтааст. Яъне методҳои гуногуни баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо мавҷуданд, ки тавассути як қатор нишондиҳандаҳо бо назардошти ба инобат гирифтани омили вақт, дараҷаи таваррум ва хатарҳои сармоягузорӣ дар ҳама давраҳои амалигардонии маблағгузориҳои асосӣ, самаранокии иқтисодии онҳо муайян карда мешавад. Аммо дар ҷумҳурии мо дар сатҳи Ҳукумат, айни ҳол, чунин як методикае, ки нишондиҳандаҳои дар боло номбаршударо фарогир бошад, коркард нашудааст ва чунин методика мавриди истифодаи умум қарор надорад. Дар Федератсияи Руссия дар ин самт олимони зиёде ба монанди Шеремет А.Д., Бард В.С., Хицков И.Ф., Ендовицкий Д.А., Гиляровская Л.Т., Сергеев И.В., Игошин Н.В., Старик Д.Е., Веретеникова И.И., Лимитовский М.А. ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд. Аз олимони ватанӣ дар ин самт яъне дар мавзуи муайянкунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо бо назардошти

[69] Экономика сельского хозяйства. В.А. Добрынин, А.В.Беляев и др.-М.: Агропромиздат, 1990. -С.103.

нишондиҳандаҳои ҷавобгӯйи талаботи иқтисодиёти бозорӣ, олимони зерин Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М., Мустафоев А.А., Сафоев А.К., Тағоев Ҷ.Ҳ., Сафаров С.Г. ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд. Қобили қайд аст, ки методикаи муайянкунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва олимони рус асосан ба сармоягузориҳои реалӣ (сармоягузориҳои сармоясоз) ё сармоягузориҳои воқеӣ нигаронида шудааст. Таҳқиқоти мо доираи сармоягузориҳо ба сармояи асосиро фарогир мебошад, бинобар ин мо самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳоро маҳз дар ҳамин доира мавриди баррасӣ қарор додем. Нуқтаи дигари муҳими ин масъала дар он зуҳур мекунад, ки сармоягузориҳо дар шароити ҷаҳони муосир асосан дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ амали гардонида мешаванд. Маълум аст, ки лоиҳаи сармоягузорӣ ин нақшаи гузориши сармоя ба мақсади ба даст овардани фоида мебошад, ки аксари муҳаққиқон ин шарҳи лоиҳаи сармоягузориро қобили қабул мешуморанд.[70]

Лоиҳаи сармоягузорӣ одатан се марҳиларо дарбар мегирад: марҳилаи пешазсармоягузорӣ; марҳилаи сармоягузорӣ; марҳилаи истеҳсолӣ (боздеҳӣ ва натиҷагирӣ).

**Марҳилаи пешазсармоягузорӣ** марҳилаи аз ҳама асосӣ ё худ калидии амалигардонии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Ин марҳила гузориши зиёдтарини қобилиятҳои фитриро тақозо мекунад, чунки маҳз дар ҳамин марҳила ҷараёни қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба амалигардонии лоиҳаи сармоягузорӣ сурат мегирад.

**Марҳилаи сармоягузорӣ** - марҳилаи бевоситаи гузориши сармоя мебошад. Дар ин марҳила бакордарории иқтидорҳои истеҳсолии корхона сурат мегирад.

**Марҳилаи истеҳсолии лоиҳаи сармоягузорӣ.** Дар ин марҳила истеҳсоли мол (кор ва хизматҳо) оғоз меёбад. Ин марҳила марҳилаи

[70] Т.Ю. Сушкова. Системная организация инвестиционной деятельности в региональном АПК: вопросы теории, методологии, практики. - Ульяновск, 2009. –С. 14.

боздеҳии сармоягузориҳо, пурракунии захираҳои сармоягузорӣ ва гирифтани даромадҳо ба ҳисоб меравад.

Дар давлатҳои тараққикардаи иқтисоди бозорӣ барои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ низоми нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди зеринро истифода менамоянд:

-арзиши софи дисконтиронидашуда (NPV);

-индекси даромаднокӣ ($I_{pi}$);

-муҳлати худхаридкунӣ;

-меъёри дохилии даромаднокии сармоягузориҳо (IRR).[71]

Асоси методикаи мазкурро ҳисобкунии нишондиҳандаҳои номбурда дар асоси бузургиҳои дисконтиронидашуда ташкил медиҳад. Дисконтиронӣ ин ба як фосилаи муайяни вақт овардани ҳам сармояи гузошташуда ва ҳам суммаи даромадҳои гирифташаванда мебошад. Дар миёни нишондиҳандаҳои номбурда мавқеи асосиро арзиши софи дисконтшуда (NPV) ишғол менамояд.Арзиши софи дисконтиронишуда бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$NPV = -K + \frac{\Phi_1}{(1+E)} + \frac{\Phi_2}{(1+E)^2} + \frac{\Phi_3}{(1+E)^3} + ... + \frac{\Phi_n}{(1+E)^n}; \quad [1.3.18]$$

$$NPV = -K + \frac{\Phi_1 + XИ_1}{(1+E)} + \frac{\Phi_2 + XИ_2}{(1+E)^2} + \frac{\Phi_3 + XИ_3}{(1+E)^3} + ... \frac{\Phi_n + XИ_n}{(1+E)^n}; \quad [1.3.19]$$

Ин яке аз нишондиҳандаҳои васеъ паҳншудаи муайянкунии самаранокии сармоягузориҳо ба шумор меравад. Дар бештари ҳолатҳо он ҳамчун нишондиҳандаи мустақил ва ягона баромад мекунад[72]. Асоси онро муқоисаи арзиши софи дисконтиронидашуда (NPV) бо сармоягузориҳои реалӣ (К) ташкил медиҳад. В-агар:

NPV> K> 0 - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул карда мешавад;

NPV <K=0 - лоиҳаи сармоягузорӣ на фоидаовар асту на зараровар;

NPV <K <0 - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул карда намешавад.

**Индекси даромадноки ($I_{pi}$).** Ин нишондиҳанда натиҷаи NPV мебошад ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

---

[71] Старик Д.Э. Как рассчитать эфективность инвестиций. -М.: Финстатинформ, 1996. -С.46-52.

[72] Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозайственных предприятий РТ) –Душанбе.: «Ирфон», 2009. С.43.

$$J_{P1} = \frac{Д_0}{K}. \qquad [1.3.20]$$

Аммо дар нисбати NPV ин нишондиҳанда нишондиҳандаи қиёсӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкурро ҳангоми интихоби лоиҳаи беҳтарин аз як зумра лоиҳаҳои сармоягузорие, ки тахминан дорои NPV якхела мебошанд, истифода мебаранд. Нишондиҳандаи $I_{pi}$ ба сифати меъёр барои қабули лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода бурда мешавад:

PI> 1 - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул карда мешавад;

PI <1 - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул карда намешавад;

PI=1 - лоиҳаи сармоягузорӣ на фоидаовар ва на зараровар аст.

Меъёри дохилии даромаднокӣ (IRR) - ин нишондиҳандаро меъёри фонднокии сармоягузориҳо низ меноманд. Нишондиҳандаҳои мазкур ҳамон ставкаи дисконтирониро мефаҳмонад, ки зимни он NPV=0 мебошад. В-агар:

IRR> CC - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул мешавад;

IRR <CC - лоиҳаи сармоягузорӣ қабул намешавад;

IRR = CC - лоиҳа на фоидаовар ва на зараровар мебошад.[73]

Ҳамин тариқ, ба ақидаи аксари муҳаққиқони ин мавзуъ кулли нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳои реалӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

-нишондиҳандаҳое, ки омили вақтро ба ҳисоб намегиранд (статикӣ);

-нишондиҳандаҳое, ки омили вақтро ба инобат мегиранд (динамикӣ).[74]

Инак, паҳлӯҳои мусбию манфии нишондиҳандаҳои динамикӣ ва статикиро дар доираи адабиёти таҳриршуда натиҷагирӣ намуда, ба хулосае омадем, ки нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ, ки дар таҷрибаи корхонаҳои ватаниву хориҷӣ истифода мешавад, чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст, (Расми 1.3.1).

---

[73] Ковалев В.В. Финансовый анализ: Управлениие капиталом. Выбор инвестиций. Анализ отчетности. -М.: Финансы и статистика, 1995. С.154.

[74] Ендовицкий Д.А. Анализ и оценка эффективности инвестиционной политики коммерческих организаций: методология и методика. -Воронеж: Изд-во ВГУ, 1998. -С.176.

Нишондиҳандаҳои статикӣ ва нишондиҳандаҳои динамикии самаранокии истифодаи сармоягузориҳо метавонанд содда ва мураккаб бошанд, 1 сол ё ягон фосилаи дигари вақтро фаро гиранд, ё ин ки дар ягон давраи муайяни таҳлилӣ, ки аз якчанд марҳила иборат аст, истифода шаванд.




**Расми 1.3.1. -Таснифоти нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Нишондиҳандаи дигари муайянкунии самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ ин муҳлати худхаридшавии маблағҳои дар лоиҳаи сармоягузорӣ мебошанд. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда яке аз нишондиҳандаҳои хело ҳам содда ва васеъ паҳншудаи асоснокkунии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ дар таҷрибаи ҷаҳонии баҳисобгирию таҳлили сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи муҳлати худхаридшавии сармоягузориҳо, ки бидуни дисконтиронӣ, яъне бе назардошти ба инобат гирифтани омили вақт ҳисоб карда мешаванд, хело ҳам одӣ мебошад. Аммо ин нишондиҳанда дорои камбудиҳо мебошад, ки ҳангоми таҳлили лоиҳаи сармоягузорӣ ба онҳо диққат додан лозим аст. Махсусан, мавҷуд набудани фарқиятҳо дар

суммаи сармоягузориҳои дар оғоз ва анҷоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ баҳисобгиришуда.

Аз ин хотир, коршиносон ва муҳаққиқони ин мавзуъ пешниҳод менамоянд, ки муайянкунии муҳлати харидшавии сармоягузориҳо бо назардошти бузургиҳои дисконтиронидашуда муайян карда шавад. Яъне барои муайянкунии муҳлати худхаридшавии сармоягузориҳои лоиҳаи сармоягузорӣ ҳам даромадҳо ва ҳам сармояи гузошташаванда бояд дисконтиронида шаванд.[75]

Ҳамин тариқ, равишҳои гуногуни асосноккунии иқтисодии сармоягузориҳоро таҳлил намуда, мо ба хулоса омадем, ки дар миёни усулҳои мухталифи баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ (воқеӣ) дар шароити имрӯза усули ба нишондиҳандаҳои дисконтиронидашуда асосёфта бартарӣ дорад, ки ҷавҳари онро қиёси дохилшавӣ ва хориҷшавии маблағҳои пули воқеӣ ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар, асоси ин усулро таҳлили ҷараёнҳои пулӣ (cash-fiows) ташкил медиҳад. Ибораи cash-fiows аз забони англисӣ баромада, тарҷумаи таҳтулафзиаш маънои ҷараёни пулиро медиҳад.[76] Нуқтаи муҳимтарини ин усул дар нишондиҳандаи NPV арзиши софи дисконтиронидашуда инъикос меёбад. Мувофиқи ин усул муҳлати харидшавии сармоягузориҳои реалӣ ҳамон фосилаи вақте маҳсуб меёбад, ки зимни он суммаи маблағҳои аз фаъолияти истеҳсолии корхонаи сармоягузоришуда ба суммаи хароҷотҳои сармоягузории он баробар шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми коркарду пешниҳоди методикаҳо оид ба баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ бояд принсипҳои асосие, ки дар давлатҳои тараққикарда ба кор бурда мешавад, ба инобат гирифта шаванд. Принсипҳои асосии баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ дар доираи усулҳои давлатҳои пешқадам истифодашаванда инҳоянд: - таҳлил ва баҳисобгирии вазъи молиявии корхонаи талабгори сармоя; -дараҷаи

---

[75] Старик Д.Э. Как рассчитать эфективность инвестиций. -М.: Финстатинформ, 1996. -С. 57.
[76] Сергеев И.В., Веретенникова И.И. Организация и финансирование инвестиций. -М.: Финансы и статистика, 2000. -С. 149.

боваринокӣ ба фаъолияти касбии роҳбари корхона; - баҳисобгирии ҷараёни ҳаракати маҳсулот, захираҳо ва маблағҳои пулӣ; - муайянкунии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳои реалӣ бо нишондиҳандаҳои дисконтиронидашуда; - ба як фосилаи вақт овардани ҳам даромадҳо ва ҳам хароҷотҳои корхона аз фаъолияти сармоягузорӣ, яъне дисконтиронии нишондиҳандаҳо; - баҳисобгирии дараҷаи таваррум ва дигар омилҳои ба арзиши сармояи истифодашаванда таъсирбахш; - ба инобат гирифтан ва баҳисобгирӣ кардани номуайяниҳо ва хатарҳое, ки ба амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд.

# БОБИ 2. АРЗЁБӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР ХОҶАГИҲО ВА КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРӢ ВА МИНТАҚАИ ХАТЛОН

## 2.1. Ҳолат ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он

Иқтисодиёти дилхоҳ кишвар пайваста ба рушду равнақи равандҳои сармоягузорӣ ниёз дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин ҳолат барканор нест. Идоракунии равандҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурии мо аз замони соҳибистиқлолии он сурат мегирад, зеро дар замони иттиҳоди шуравӣ ин амал ба таври марказонидашуда ба тариқи нақшавӣ анҷом дода мешуд. Имрӯзҳо ҳар як давлати соҳибистиқлол ин амалро мустақилона дар доираи иқтисодиёти худ ва минтақаву соҳаҳои он ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, мо низ дар ин зербоб кӯшиш ба харҷ додем, ки вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, минтақаи Хатлон ва соҳаи аграрии минтақаи мазкурро баҳогузорӣ намоем.

**Ҷадвали 2.1.1.-Тамоюлҳои рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ( млн.сомонӣ,%)**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МУД-и ҶТ | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 | +44,6% |
| Q андӯхт дар МУД, млн. сомонӣ | 19284,9 | 26479,1 | 27995,9 | 28105,0 | 33122,1 | +13837,2 1,7 мар. |
| Q сармоягузориҳо дар Qандухт, % | 59,0% | 50,5% | 44,7% | 41,9% | 45,7% | -13,3 б.ф |
| Q сармоягузорӣ дар МУД, % | 17,6% | 18,8% | 15,8% | 14,3% | 15,3% | -2,3 б.ф |
| Q сарм. дар икт. ҶТ, аз ҷумла, млн.сомонӣ | 11371,6 100% | 13361,0 100% | 12517,8 100% | 11775,5 100% | 15124,9 100% | +26,1% - |
| -Вилояти Суғд | 2008,4 17,7% | 1514,8 11,3% | 1736,0 13,9% | 1321,5 11,2% | 1793,6 11,9% | -10,7% -5,3 б.ф |
| -Вилояти Хатлон | 2185,1 19,2% | 2802,6 21,0% | 2623,0 21,% | 2404,9 20,5% | 3840,1 25,4% | +75,7% -6,2 б.ф |
| -ВМКБ | 439,6 3,9% | 519,2 3,9% | 257,4 2,05% | 368,2 3,15% | 508,8 3,4% | +15,7% +0,5 б.ф |
| -НТҶ | 3905,4 34,3% | 5695,4 42,6% | 4666,5 37,3% | 4405,2 37,4% | 4246,3 28,0% | +8,7% -6,3 б.ф |
| - ш.Душанбе | 2839,1 25,0% | 2829,0 21,2% | 3234,9 25,8% | 3275,8 27,8% | 4736,1 31,3% | +66,8% -6,3 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе, 2022. -С. 207-209 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Тамоюлҳои рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он дар ҷадвали 2.1.1.

оварда шудааст. Дар ин радиф, яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои арзёбии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ин ҳаҷми онҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, маҳсулоти умумии дохилӣ ва дар буриши минтақаҳо ба шумор меравад. Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.1.1. бармеояд, ки дар давраи таҳлил МУД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 44,6% афзоиш ёфтааст. Афзоиши ҳаҷми андӯхт дар ин давра 1,7 маротиба ва сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар МУД 15,3%-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давра ҳаҷми сармоягузориҳо дар андӯхт ба андозаи 13,3 банди фоизӣ тамоюл ба пастравӣ дорад. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар МУД-и кишвар аз 17,6%(2016) то ба 15,3% (2021) кам шудааст, ки -5,1 банди фоизиро ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки дар давраи таҳлил дар ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар миқёси минтақаҳо низ тағйиротҳо ба назар мерасад. Масалан, дар соли 2021 нисбати соли 2017 ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии вилояти Суғд -10,7%, вилояти Хатлон +75,7%, ВМКБ +15,7%, НТҶ +8,7% ва ш.Душанбе +66,8% тағйиротҳо ба назар мерасанд. Ҳамчунон, қайд кардан бамаврид аст, ки аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11,9% ба вилояти Суғд, 25,4% ба вилояти Хатлон, 3,4% ба ВМКБ, 28,0% ба НТҶ ва 31,3% ба ш.Душанбе рост меояд. Аз ин таҳлил ҳамчунин бармеояд, ки аз рӯйи ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии вилояти Хатлон дар миқёси ҷумҳурӣ ҷойи сеюмро ишғол мекунад.

Қобили қайд аст, ки дар соли 1991 ҳаҷми сармоягузориҳо дар ҷамъи андӯхти кишвар 37,5% ва дар МУД-и ҷумҳурӣ 16,4%-ро ташкил менамуданд. Ҳамчунин, ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ 27,2%-ро ташкил медод.[77]

Дар ин радиф як нуқта мавриди зикр аст, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ яке аз навъҳои сармоягузорӣ ба шумор мераванд, ки

[77] Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентиии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. - С.225, 339.

асосан ба фондҳои асосӣ равона карда шудааст. Динамикаи рушди фондҳои асосии дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар ҷадвали 2.1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.2.-Динамикаи рушди фондҳои асосӣ дар иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| АМФА икт. ҶТ (млн. сомонӣ), аз ҷумла: | 72 913,7<br>100% | 78 997,0<br>100% | 97 177,4<br>100% | 100 798,6<br>100% | 114362,9<br>100% | +36,2%<br>- |
| -вилояти Хатлон | 10645,4<br>14,6% | 34047,7<br>43,1% | 34789,5<br>35,8% | 31449,2<br>31,2% | 37053,6<br>32,4% | +3,5 мар-ба<br>+17,8б.ф |
| -вилояти Суғд | 16770,1<br>23% | 9005,6<br>11,4% | 14673,8<br>15,1% | 22578,9<br>22,4% | 22872,6<br>20% | +26,7%<br>-3б.ф |
| -ВМКБ | 7728,9<br>10,6% | 1105,9<br>1,4% | 2429,5<br>2,5% | 2620,7<br>2,6% | 3316,5<br>2,9% | -2,3 мар-ба<br>-7,7 б.ф |
| -ш.Душанбе | 31425,8<br>43,1% | 31598,9<br>40% | 36052,8<br>37,1% | 36690,7<br>36,4% | 42428,6<br>37,1% | +25,9%<br>-6 б.ф |
| -НТҶ | 6343,5<br>8,7% | 3238,9<br>4,1% | 9231,8<br>9,5% | 7459,1<br>7,4% | 8691,6<br>7,6% | +27%<br>1,1 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси ҳисоботи омории шакли №11-ВА (Ҳисобот дар бораи мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ) ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Аз ҷадвали номбурда маълум мегардад, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми фондҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ 36,2% афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон, Суғд, ш. Душанбе ва НТМ мувофиқан 3,5 маротиба, 26,7%, 25,9% ва 27,0% тамоюл ба афзоиш дорад. Нишондиҳандаи мазкур дар вилояти ВМКБ – 2,3 маротиба коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи фондҳои асосии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар суммаи фондҳои асосии дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҷадвали боло баҳисобгирӣ карда шудааст. Аз ҳисобкуниҳо бармеояд, ки дар соли 2021 фондҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ 32,4% дар вилояти Хатлон, 20% дар вилояти Суғд, 2,9% дар ВМКБ, 37,1% дар ш.Душанбе ва 7,6% дар НТМ ҷойгир шудаанд.

Ҳамчунин маълум аст, ки саноатикунонии иқтисодиёти кишвар аз ҷумла иқтисодиёти аграрӣ ба сохтор ва навкунии фондҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар буриши соҳаҳо алоқамандии зич дорад, аз ин хотир мо сараввал ба сохтори фондҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар буриши соҳаҳо шинос гардида баъдан, вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар буриши минтақаҳо мавриди таҳлилу барраси қарор

медиҳем. (ниг. Ҷадвали 2.1.3.). Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.1.3. нишон медиҳад, ки аз суммаи умумии фондҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ 44,0%-ро фондҳои асосии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ташкил дода, 56,0%-ро фондҳои асосии соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.3. -Сохтори фондҳои асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буриши соҳаҳо (млн сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| АМФА дар икт. ҶТ, аз ҷумла: | 72 913,7<br>100% | 78 997,0<br>100% | 97 177,4<br>100% | 100 798,6<br>100% | 114362,9<br>100% | +36,2%<br>- |
| 1) АМФА дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ | 29165,5<br>40% | 35548,6<br>45,0% | 42758<br>44,0% | 45359,4<br>45,0% | 50319,7<br>44,0% | +42%<br>+4 б.ф |
| -саноат | 15311,8<br>21% | 18880,2<br>23,9% | 20990,3<br>21,6% | 23486,1<br>23,3% | 25274,2<br>22,1% | +39,4%<br>-1,1 б.ф |
| сохтмон | 6197,6<br>8,5% | 9558,6<br>12,1% | 12535,8<br>12,9% | 12499<br>12,4% | 14295,4<br>12,5% | +56,6%<br>+4б.ф |
| -кишоварзӣ | 802,1<br>1,1% | 157,9<br>0,2% | 194,3<br>0,2% | 302,4<br>0,3% | 343,1<br>0,3% | -57,2%<br>-0,8б.ф |
| -нақлиёт | 5249,7<br>7,2% | 4818,8<br>6,1% | 6608,1<br>6,8% | 6955,1<br>6,9% | 7891,1<br>6,9% | +33,4%<br>-0,3б.ф |
| -савдо | 1604,2<br>2,2% | 2132,9<br>2,7% | 2429,4<br>2,5% | 2116,8<br>2,1% | 2515,9<br>2,2% | +36,2 мар-ба<br>- |
| 2) АМФА дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла: | 43748,2<br>60,0% | 43448,3<br>55,0% | 54419,3<br>56% | 55439,2<br>55,0% | 64043,2<br>56,0% | +31,6%<br>-4б.ф |
| - объектҳо ва иншооти давлатӣ ва мудофиа | 10718,3<br>14,7% | 10664,5<br>13,5% | 14382,2<br>14,8% | 15321,4<br>15,2% | 17383,1<br>15,2% | +38,3%<br>+0,5б.ф |
| -объектҳои хоҷагии манзил ва коммуналӣ | 17718<br>24,3% | 17853,3<br>22,6% | 21476,2<br>22,1% | 20966,1<br>20,8% | 23787,5<br>20,8% | +25,5%<br>-3,5 б.ф |
| -маориф, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ | 8676,7<br>11,9% | 9637,6<br>12,5% | 13118,9<br>13,5% | 14313,4<br>14,2% | 16239,5<br>14,2% | +1,8 мар-ба<br>2,3 б.ф |
| - дигар объект. ғ/ истеҳ-лӣ | 6635,1<br>9,1% | 5055,8<br>6,4% | 5441,9<br>5,6% | 4838,3<br>4,8% | 5489,4<br>4,8% | -17,3%<br>-4,3 б.ф |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси ҳисоботи омории шакли №11-ВА (Ҳисобот дар бораи мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ) ва маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе, 2023. -С. 322 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи таҳлил фондҳои асосии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.1.3. аз ҷониби муаллиф баҳисобгирӣ шудааст. Масалан, мувофиқи таҳлилҳои пешниҳодшуда суммаи фондҳои асосии кишоварзӣ 0,3%-и суммаи фондҳои асосии дар соҳаи истеҳсолоти моддии ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда ниҳоят ташвишовар аст.

Таҷрибаи мамолики рушдкарда нишон медиҳад, ки саноатикунонии истеҳсолоти агросаноатӣ ин пеш аз ҳама маънои бунёди фондҳои асосии навро дар истеҳсолоти номбурда дорад. Албатта, дар ин

раванд накши муҳимро ҳаҷм ва истифодаи самаранокии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ мебозанд. Зеро бидуни мавҷудияти ин навъи сармоягузориҳо фондҳои навро бунёд ва фондҳои асосии мавҷударо дар ҳолати корӣ ва рақобатпазир нигоҳ доштан ғайриимкон мебошад. Яъне сармоягузориҳои номбурда сарчашмаи молиякунонии такрористеҳсоли одӣ ва васеъи корхонаҳо ба шумор мераванд. Бо ин мақсад мо сохторҳои ҷузъии сармоягузорӣ ба сармояи асосиро мавриди таҳлил қарор додем. Ҳадаф равшанӣ андохтан ба вазъи сармоягузориҳо дар иқтисодиёти кишвар ва бурийши минтақаву соҳаҳои он мебошад. Масалан, яке аз ин сохторҳо сохтори соҳавии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ мебошад, ки дар ҷадвали зерин мавриди таҳлил қарор дода шудааст, (Ҷадвали 2.1.4.)

**Ҷадвали 2.1.4. -Сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн сомонӣ**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми С/СА дар иқтисодиёти ЧТ, аз ҷумла | 11371,6 (100%) | 13361,0 (100%) | 12517,8 (100%) | 11775,5 100% | 15124,9 (100%) | +24,8% - |
| 1. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ | 8387,2 73,7% | 11166,6 83,5% | 9581,1 76,5% | 8742,6 74,2% | 9093,2 60,1% | +7,8% -13,1б.ф |
| -саноат | 5991,6 52,7% | 7974,2 59,6% | 6119,7 48,8% | 5683,5 48,3% | 5649,5 37,3% | -5,7% -15,4 б.ф |
| -кишоварзӣ | 98,7 0,8% | 23,1 0,2% | 33,2 0,2% | 12,7 0,1% | 15,3 0,1% | -6,4 мар. -0,7 б.ф |
| -нақлиёт ва алоқа | 1202,7 10,5% | 1152,1 8,6% | 1049,3 8,3% | 1084,9 9,2% | 1612,2 10,7% | +25,4% +0,2 б.ф |
| - сохтмон ва саноати сохтмони конструктсия ва қисмҳои бинокорӣ | 957,5 8,4% | 1906,7 14,2% | 2031,4 16,2% | 1804,4 15,3% | 1464,8 9,7% | -34,6% +1,3б.ф |
| -савдо ва хӯроки умумӣ | 136,7 1,2% | 110,5 0,8% | 347,5 2,7% | 157,1 1,3% | 351,4 2,3% | +2,6мар. +1,1 б.ф |
| 2.Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 2091,3 18,3% | 1327,7 9,9% | 2936,7 23,4% | 3033 25,8% | 6031,7 39,9% | +2,9 мар. +21,6 б.ф |
| -сохтмони манзил | 1106,7 9,7% | 488,0 3,6% | 1754,5 14,0% | 2378,7 20,2% | 4261,7 28,2% | +3,8 мар. +18,5 б.ф |
| -хоҷагии коммуналӣ | 44,9 0,4% | 15,7 0,1% | 175,0 1,3% | 105,1 0,9% | 1130,9 7,5% | +25,2 мар. +7,1 б.ф |
| -тандурустӣ | 220,0 1,9% | 323,2 2,4% | 347,4 2,7% | 163,2 1,4% | 169,9 1,1% | -22,8% -0,8 б.ф |
| -маориф | 719,7 6,3% | 500,8 3,7% | 659,8 5,2% | 386,0 3,3% | 469,2 3,1% | -34,8% -3,2 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии оморӣ назди ПҶТ, 2022. -С.330 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили маводи ҷадвали 2.1.4 бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар давраи таҳлил 24,8% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ дар ҳамин давара 7,8% тамоюл ба рушд дорад ва ҳиссаи онҳо дар соли 2021 дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ 60,1%-ро ташкил дода, нисбати соли 2017 13,1 банди фоизи тамоюл ба афзоиш дорад. Мавриди зикр аст, ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи сохтмон 3,8 маротиба, нақлиёту алоқа +25,4% савдо ва хӯроки умумӣ 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Аммо сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳамин давра -6,4 маротиба тамоюл ба пастравӣ дорад. Махсусан вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ ташвишовар арзёбӣ мегардад. Масалан, дар солҳои 2019, 2020, 2021 ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармрояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мувофиқан ба солҳо 0,2%; 0,1%; 0,1%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар давраи таҳлил ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 2,9 маротиба афзудааст. Ҳиссаи ин сармоягузориҳо дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2021 39,9%-ро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2017 21,6 банди фоизи тамоюл ба афзоиш дорад. Ҳиссаи сармоягузориҳо дар соҳаҳои алоҳидаи ғайриистеҳсолии ҷумҳурӣ нисбати ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҷадвали номбурда баҳисобгирӣ карда шудааст.

Сохтори дигаре, ки дар бораи вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва нақши онҳо дар такрористеҳсолоти одию васеи фондҳои асосии корхонаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ маълумот медиҳад, ин сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба шумор меравад. Маълумотҳои омории ҷумҳуриро истифода намуда, мо сохтори такрористеҳсолии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар чунин шакл баҳисобгирӣ намудем, (Ҷадвали 2.1.5.). Аз сохтори такрористеҳсолӣ

сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иншоотҳои таъиноти истеҳсолии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳаҷми ин навъи сармоягузориҳо дар давраи таҳлил 0,9% тамоюл ба афзоиш дорад. Дар соли 2021 аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иншоотҳои таъиноти истеҳсолидоштаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ 22,8% барои таҷдиди корхонаҳо 1,7% барои васеъкунии корхонаҳо 68,6% барои сохтмонҳои нав ва 6,8% барои азнавбарқароркунии корхонаҳои амалкунанда равона карда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.5. -Сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иншоотҳои таъиноти истеҳсолии иқтисодиёти ҶТ, млн сомонӣ**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иншоотҳои таъиноти истеҳсолидоштаи иқтисодиёти ҶТ, аз ҷумла:** | 7560,4 (100%) | 9259,9 (100%) | 7549,7 (100%) | 6938,3 (100%) | 7628,4 (100) | +0,9% - |
| **-таҷдиди корхонаҳо** | 1874,7 24,8% | 587,0 6,3% | 791,8 10,4% | 1036,5 15,0% | 1745,3 22,8% | -6,9% -2 б.ф |
| **-васеъкунии корхонаҳо** | 97,9 1,3% | 6,1 0,06% | 76,7 1% | 228,2 3,3% | 128,4 1,7% | +23,7% +0,4 б.ф |
| **-сохтмони нав** | 4804,7 63,5% | 7548,5 81,5% | 5871,1 77,7% | 5191,6 74,8% | 5234,9 68,6% | +8,2% +5,1 б.ф |
| **-азнавбарқароркунӣ** | 783,1 10,3% | 1118,3 12% | 810,1 10,7% | 482,0 6,9% | 519,8 6,8% | -33,6% -3,5 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ/Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии оморӣ назди ПҶТ, 2022. -С.295 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Қобили қабул аст, ки дар давраи таҳлил ин навъи хароҷотҳои сармоягузорӣ ба такрористеҳсоли фондҳои асосӣ равона карда шудааст, ки ин нисбати соли 2017 мувофиқан -6,9%, -+23,7%, +8,2% ва -33,6% тағйир ёфтаанд. Ҳамчунин, мавриди зикр аст, ки ҳаҷми ин навъи сармоягузориҳо дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соли 2021 60,1%-ро ташкил дода, нисбати соли 2017  ба миқдори 13,1 банди фоизӣ тағйир ёфтааст.[78]

Дигар сохтори сармоягузориҳо, ки дар бораи истифодаи самаранокии онҳо маълумот дода метавонад, ин сохтори технологии сармоягузории ба сармояи асосӣ ба шумор меравад. Дар амалияи фаъолияти сармоягузории корхонаву ташкилотҳо ба инобат гирифтани

[78] Омори солонаи ҶТ/Маҷмуаи оморӣ - Душанбе: *Агентии омори назди ПҶТ, 2022. – С.329.*

ин сохтор ва натиҷагирӣ намудан аз ҳисобкуниҳои пешакии анҷомпазируфта дар ин самт метавон натиҷаҳои мусбиро соҳиб гардид. Зеро дар доираи сохтори технологӣ асосан се гурӯҳи хароҷотҳоро ҷудо мекунанд: хароҷотҳои барои корҳои сохтмонию васлкунӣ; хароҷотҳои барои харидкунии техникаву таҷҳизоти корхона ва васлкунии онҳо; дигар хароҷотҳои капиталӣ. Баррасии ҳиссаи хароҷотҳо дар арзиши сметавии объект нишон медиҳад, ки чӣ сохта шуда истодааст ва кадом дараҷаи техникиву технологиро доро мебошад.

**Ҷадвали 2.1.6. -Сохтори технологии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн сомонӣ**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Q сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҶТ, аз ҷумла барои:** | 11371,6 (100%) | 13361,0 (100%) | 12517,8 (100%) | 11775,5 (100%) | 15124,9 (100%) | +24,8% - |
| **- корҳои сохтмону васлгарӣ** | 8647,0 76,0% | 10583,6 79,2% | 10666,1 85,2% | 9892,0 84,0% | 12870,8 85,1% | +32,8% +9,1 б.ф |
| **-харидкунии техникаву таҷҳизот ва асбобу анҷом** | 2358,5 20,7% | 2118,2 15,8% | 1464,5 11,6% | 1143,2 9,8% | 1194,3 7,9% | -49,4% -12,8 б.ф |
| **-дигар корҳои асосӣ ва хароҷот** | 366,1 3,3% | 659,2 5% | 387,2 3,1% | 720,4 6,2% | 1059,8 7,0% | +34,5%% +3,7 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ/Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии оморӣ назди ПҶТ, 2022. -С.294 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Муайянкунии ин сохтор дар дараҷаи иқтисодиёти мамлакат низ аз манфиат холӣ нест, зеро бо ёрии он мо муайян менамоем, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба кадом таносубҳо истифода бурда шудаистодаанд бо ин мақсад ҷадвали 2.1.6-ро пешниҳод менамоем. Аз сохтори технологии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мегардад, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми ин сармоягузориҳо 24,8% афзоиш ёфтаанд. Хароҷотҳо барои корҳои сохтмонию васлгарӣ дар давраи таҳлил 32,8% афзоиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар арзиши сметавии объектҳо дар соли 2021 нисбати соли 2017 - 9,1 б.ф тамоюл ба афзоиш доранд. Ҳамин тариқ, хариди таҷҳизот ва асбобу анҷом -49,4% ва -12,8 б.ф тамоюл ба пастравӣ доранд. Ҳаҷми дигар хароҷотҳо дар ин давра то 65,4% афзоиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар арзиши сметавии объектҳо дар соли 2021 нисбати соли 2017-ум 3,7 б.ф афзоиш ёфтааст. Нуқтаи дигари ташвишовар он аст, ки дар объектҳои сохтмонии

ҳамин давра корҳои сохтмонию васлкунӣ ба ҳисоби миёна зиёда аз 85,1%-ро ташкил дода хароҷотҳои барои харидкунии техника ва таҷҳизот ба ҳисоби ҳамин давра 7,9% ҳиссаи арзиши сметавии объектҳои номбурдаро ташкил медиҳад. Яъне дар ҷумҳурӣ истеҳсолоти дараҷаи баланди техникаву технологӣ рушд накарда истодааст.

**Ҷадвали 2.1.7. -Сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосии маҷмуаи агросаноатӣ аз рӯйи сарчашмаҳои молиякунонӣ, ҳаз. сомонӣ**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҚС/СА КАС (ҳаз. смн), ҳамагӣ, аз ҷумла:** | 99562 (100%) | 23127 (100%) | 33208 (100%) | 12729 (100%) | 15267 (100%) | -84,6% - |
| **- давлатӣ** | 54145 54,3% | 16150 69,8% | 17130 51,5% | - - | - - | - - |
| **-хоҷагиҳои деҳқонӣ** | 34240 34,3% | 5971 25,8% | 15535 46,7% | 7088 55,7% | 11729 76,8% | -65,7% +42,5 б.ф |
| **-дигар сарчашмаҳо** | 11177 11,2% | 1006 4,3% | 543 1,6% | 5641 44,3% | 3538 23,2% | -68,3% -12 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар дар асоси маълумоти омори сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. -С.25. ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Сохтори сармоягузориҳо, ки дар бораи вазъи сармоягузориҳо дар КАС маълумот дода метавонад, ин сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои КАС аз рӯйи сарчашмаҳои молиякунонии онҳо мебошад. Аз таҳлили ҷадвали 2.1.7. бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо дар комплекси номбурда дар соли 2021 нисбати соли 2017 кам шудааст. Дар ҳиссаи сарчашмаҳои сармоягузориҳо низ тағйиротҳо ба вуқуъ пайвастанд. Масалан, дар соли 2017 ҳиссаи сармоягузориҳои давлатӣ дар ин комплекс 88,2%-ро ташкил медиҳад, яъне 36,7 б.ф коҳиш ёфтааст. Дар ҳамин фосилаи вақт ҳиссаи сармоягузориҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 34,3% то 76,8% дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар соҳаҳои КАС афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи дигар сарчашмаҳо дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои КАС тамоюл ба пастравӣ дорад. Масалан, дар ҳамин давра ин нишондиҳанда 68,3% кам шудааст ва ҳиссаи он низ дар ҳаҷми умумии ин сармоягузориҳо нисбати соли 2017 ба 12 б.ф поён фаромадааст. Чунин тамоюлҳо аз як ҷониб, аз рушди истеҳсолоти бозорӣ гувоҳӣ медиҳад. Аммо аз ҷониби дигар, ғайри хоҷагиҳои деҳқонӣ

рушд накардани дигар сарчашмаҳои сармоягузорӣ ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар ва манотиқу соҳаҳои он диққати ҳамаҷониба медиҳад. Масалан, мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 68 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла 25 лоиҳаи грантӣ, 14 лоиҳаи қарзӣ ва 29 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарзу грант ба маблағи умумии 24,9 млрд сомонӣ (баробар ба 2,82 млрд. доллари ИМА) мавриди амал қарор доштанд. Аз ҷумла дар ҳамин сол дар доираи лоиҳаҳои амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ 8,6 млн доллар (5,3 млн. доллари ИМА), ирригатсия 23,6 млн. доллар (24,5 млн. доллари ИМА) аз худ шуда буд.[79]

Ҳамчунин, дар солҳои минбаъда низ ин иқдомот мунтазам идома ёфта истодааст. Чунончӣ, мувофиқи ахбороти ҳамин мақомот дар соли 2018 маҷмуи лоиҳаҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ аз 69 адад (23 лоиҳаи грантӣ, 12 лоиҳаи қарзӣ ва 34 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарзу грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 30,5 млрд. сомонӣ (3,23 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медод. Дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда дар соли 2018 3,9 млрд. сомонӣ (418,6 млн. доллар) азхуд карда шуда буд. Аз ҷумла дар соҳаҳои ирригатсия/обёрӣ дар доираи 5 лоиҳа бо маблағи 181,0 млн. сомонӣ (19,2 млн. доллар) ва дар кишоварзӣ дар доираи 4 лоиҳа маблағи 112,2 млн. сомонӣ (11,9 млн. доллар) азхуд карда шуда буд.[80]

Албатта, дар ин муддат баъзе лоиҳаҳо ба итмом мерасанд ва ҳамзамон бо кӯшишу талошҳои Ҳукумати кишвар лоиҳаҳои нав дар амал татбиқ мегарданд. Маҷмуи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 бо назардошти ба

[79] Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017.- С.5-15.( 38 саҳ.).
[80] Ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018.-С.6-17(52 саҳ.).

анҷом расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳо ва оғоз гардидани лоиҳаҳои нав аз 65 адад (22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 32,1 млрд. сомонӣ (3,32 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2019 дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда 3,16 млрд. сомонӣ (326,1 млн. доллар) азхуд карда шуд. Аз ҷумла дар соҳаҳои - ирригатсия/обёрӣ дар доираи 5 лоиҳа 26,1 млн. доллар (252,6 млн. сомонӣ) ва дар кишоварзӣ дар доираи 3 лоиҳа 8,7 млн доллар (84,2 млн сомонӣ) .[81]

Мавриди зикр аст, ки лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар пешрафти иқтисодиёти кишвар соҳаҳо ва минтақаҳои он нақши муҳиму калидӣ доранд. Маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз 70 адад (29 лоиҳаи грантӣ, 6 лоиҳаи қарзӣ ва 35 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 39,9 млрд сомонӣ (3,53 млрд доллари ИМА)-ро ташкил медод.[82,83] Дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда дар ҳамин сол 3,6 млрд сомонӣ (319,5 млн. доллар) азхуд карда шуд. Аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ дар доираи 3 лоиҳа 17,2 млн доллар (194,4 млн сомонӣ) ва ирригатсия/обёрӣ дар доираи 4 лоиҳа 12,7 млн доллар (143,5 млн сомонӣ)[84]

Маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар ҷумҳурӣ соли 2022 аз 72 адад иборат мебошад, ки аз ин ба лоиҳаҳои грантӣ - 58,3 фоиз (42 лоиҳа), қарзӣ - 5,5 фоиз (26 лоиҳа) ва омехта – 36,1 фоиз (26 лоиҳа) рост омада истодааст. Ҳаҷми умумии маблағгузории лоиҳаҳо доираи 40,0 млрд. сомони (3,89 млрд. доллар)-ро ташкил дод.

[81] Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019.- С.3-7 ( 121 саҳ.).
[82] Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.- С.12-16( 78 саҳ.).
[83] Ҳисботи Вазорати Рушди Иқтисод ва Савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. С. 40 (51).
[84] Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.- С.23( 78 саҳ.).

Азхудкунии маблағҳо дар давраи соли 2022 бо ифодаи маблағӣ ба 5 313,0 млн. сомонӣ (523,4 млн. доллар) баробар мебошад, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ 2 лоиҳа 148,0 млн сомонӣ (14,5 млн доллар) ирригатсия/обёрӣ 3 лоиҳа 217,2 млн. сомонӣ (21,3 млн. доллар) иҷро гардидааст.[85]

Маълумоти овардашударо таҳлил намуда, мо лоиҳаҳо, ҳаҷми сармоягузории онҳо ва дараҷаи азхудкунии маблағҳои гузошташударо дар ҷадвали зерин нишон додем, (ҷадвали 2.1.8.)

**Ҷадвали 2.1.8. - Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбати 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ЛС,(адад) | 68 | 68 | 68 | 68 | 70 | +2,9% |
| Маблағи сармояи ЛС | 24,9 | 32,3 | 32,1 | 39,9 | 40,0 | +60,6% |
| Азхудкунии маблағҳо, аз ҷумла дар: | 3,12 | 3,9 | 3,16 | 3,6 | 5,3 | +69,9% |
| -соҳаи кишоварзӣ | 5,3 | 182,2 | 252,6 | 194,4 | 148 | +27,9 маротиба |
| -соҳаи ирригатсия | 23,6 | 181,0 | 84,2 | 143,5 | 217 | +9,2 маротиба |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар дар асоси маълумоти Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017- 2022 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.8 бармеояд, ки дар давраи таҳлил шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ 2,8% афзоиш ёфтааст. Маблағи лоиҳаҳои сармоягузори нисбати соли 2017 37,7% ва азхудкунии маблағҳо 41,1% тамоюл ба афзоиш дорад. Нишондиҳандаҳои зикргардида дар соҳаи кишоварзӣ ва ирригатсия мутаносибан 27,9 ва 9,2 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили маводи дар зербоби мазкур мавриди омӯзиш қарордодашуда бармеояд, ки вазъи фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ на дар ҳама бахшҳои он мувофиқи мақсад аст. Бо ин мақсад, ба фикри инҷониб, барои беҳтаргардонии вазъи сармоягузорӣ ба сармояи асосии

[85] Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022.- С.8-10 ( 37 саҳ.).

истеҳсолоти кишоварзӣ, дар маҷмуъ, дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст. Зеро чорабиниҳои номбурда, аз ҷумлаи масоили ҳалталаби иқтисодиёти аграрии кишвар маҳсуб меёбанд ва як корхона ё худ даҳ корхона дар алоҳидагӣ аз уҳдаи иҷро ё бартараф намудани онҳо намебароянд. Муҳимтарини чорабиниҳои номбурда инҳоянд:

1. Аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ, ҳамчун мақомоти амаликунандаи сиёсати аграрии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳои воқеӣ додан ба вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ;

2. Дарки муҳиммияти сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамчун фондҳои асосии истеҳсолии оядаи онҳо ва нақши онҳо дар рушду равнақи оядаи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

3. Иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ба мақсади барқарор намудани базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ва рақобатпазир гардонидани он дар шароити пуршиддат гардидани вазъи бозори агроозуқаворӣи ҷаҳони муосир. Махсусан, бунёди марказҳои хизматрасонии техникӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ дар ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ;

4. Бунёду барқарорсозии инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла шабакаи роҳҳои ноҳиявию байни деҳоти ҷумҳурӣ, сохтмону бунёди шабакаи нигаҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ дар сатҳи ноҳияву вилояту ҷумҳурӣ (яхдонҳо, элеваторҳо ва ғ);

5. Ташкилу бунёди  стансияҳои моддию техникии давлатӣ, ки бо нархҳои муътадил хоҷагиҳои хурду миёнаи кишоварзиро бо хизматрасониҳои техникӣ, нақлиётӣ, агрономӣ, бойторӣ, зоотехникӣ, тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва чорво таъмин менамоянд;

6. Барқарор ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ гардонидани иншоотҳо, шабака ва иқтидорҳои мелиоративию ирригатсионии барои соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ хизматрасон;

7. Ба танзим даровардан ва сода намудани низоми қарздиҳии хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба мақсади барқарор ва пуррагардонии саривақтии фондҳои гардони хоҷагиҳои кишоварзӣ.

Амали гардидани чорабиниҳои дар боло номбаршуда аз ҷониби сохторҳои идоракунии соҳаи кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи Ҳукумати давлатӣ дар ноҳияву минтақаҳо барои беҳтаргардонии вазъияти соҳаи мазкур мусоидат намуда, имкон медиҳанд, ки соҳаи кишоварзӣ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда барояд:

Дар самти растанипарварӣ: бо мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар ҷиҳати зиёд намудани майдони кишту кори зироатҳои кишоварзӣ, махсусан, картошка ва ғалладонагиҳо чораҷӯйӣ намуда, барои захираи тухмӣ, самаранок истифода бурдани гармхонаҳои доимоамалкунанда ва анбору сардхонаҳои маҳсулотнигоҳдорӣ, гузаронидани корҳои яхобмонӣ, башаклдарории боғот ва гузаронидани корҳои агрокимиёвӣ, расонидани кӯмакҳои амалию усулӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад;

Дар самти чорводорӣ: амалигардонии тадбирҳои зарурӣ барои муташаккилона гузаронидани маъракаи зимистонгузаронии чорво ва дар ин давра бо хӯрока таъмин намудани талаботи саршумори чорво, бо истифодаи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ марҳила ба марҳила зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, беҳтар намудани фаъолияти нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, ташкили нуқтаҳои нав ва дар ин замина афзун намудани саршумори чорвои зотӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорво мебошад.

### 2.2. Баҳодиҳии ҳолати таъмини сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон

Афзоиши ҳаҷми маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон мустақиман ба мавҷудияти иқтидорҳои

истеҳсолии онҳо ва воситаҳои гардонӣ амалкарди муътадили онҳоро таъминкунанда вобастагӣ дорад. Дар ин замина мо вазъи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлонро, ки звенои асосии КАС-и вилоят маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқ қарор додем. Қобили қайд аст, ки соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, яке аз соҳаҳои муҳими аҳамияти стратегидошта ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа 76,7%-и маҳсулоти умумии вилояти Хатлон истеҳсол карда мешавад. Аз шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон 82,6% дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар вилояти Хатлон 4 шаҳр, 24 ноҳия, 22 ҷамоатҳои шаҳрак, 133 ҷамоатҳои деҳот арзи вуҷуд доранд.[86] Ҳиссаи аҳолии шаҳрии вилоят 17,4%-ро ташкил медиҳад. Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил ёфтааст, мувофиқи маълумотҳои ҷуғрофӣ дар қисми ҷанубу-ғарбӣ аз маркази ҷумҳурӣ ҷойгир шуда, масоҳаташ 2407,0 ҳаз га-ро ташкил медиҳад, ки ин ба 17,4% масоҳати замини ҷумҳурӣ баробар аст. Масоҳати замини дар ихтиёри кишоварзӣ қарордоштаи вилоят 2468225 ҳаз. га ва майдони замини аҳамияти кишоварзидоштаи он 1628780 ҳаз. га-ро ташкил медиҳад, ки ба 44,3%-и майдони замини аҳамияти кишоварзидоштаи ҷумҳурӣ баробар аст. Мавриди зикр аст, ки маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон 21% маҳсулоти умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.[87] Маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 74,3% ва маҳсулоти чорводорӣ 25,7% маҳсулоти умумии кишоварзии вилоятро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои охир чунин тамоюлҳо дорад, (Ҷадвали 2.2.1.). Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.1. бармеояд, ки аксари нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи вазъи иҷтимоӣ ва демографии вилояти Хатлон дар давраи таҳлил тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, шумораи аҳолии вилоят дар соли 2021 нисбати соли 2017 9,4% афзоиш ёфтааст. Аҳолии шаҳрнишини вилоят дар ин давра 5,3% афзоиш ёфтааст. Ин афзоишро зичии аҳолӣ дар 1км$^2$ майдони замини вилоят тасдиқ мекунад. Масалан, дар соли 2017 ин

[86] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017/Маҷмуаи оморӣ – ш.Бохтар: Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2018. –С.8-9.
[87] Омори солонаи ҶТ/Маҷмуаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2019. –С.199.

нишондиҳанда 129,5 нафарро ташкил медод ва дар соли 2021 бошад, ин нишондиҳанда ба 142,9 нафар расидааст, яъне зичии аҳолӣ дар 5 соли охир зиёда аз 9,4% афзоиш ёфтааст. Дар ин давра шумораи аҳолии машғули кори вилоят нисбати соли 2017 нишондиҳандаи номбурда 8% афзоиш ёфтааст. Қобили қайд аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ аксари объектҳои аҳамияти иҷтимоидошта, аз ҷумла масоҳати умумии манзил ба 1 нафар, шумораи муассисаҳои тиббӣ, шумораи муассисаҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ, шумораи мактабҳои олӣ ва шумораи омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ тамоюл ба афзоиш доранд.

**Ҷадвали 2.2.1. - Тамоюлҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати замини вилояти Хатлон, ҳаз.га | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 100 |
| Ҳиссаи майдони замини вилояти Хатлон дар фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон,% | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 | 17,7 |
| Шумораи аҳолии доимӣ ҳаз.наф | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | +9,4 |
| -аҳолии шаҳрҳо | 580,6 | 591,0 | 599,6 | 602,6 | 613,5 | +5,3 |
| -аҳолии деҳот | 2617,9 | 2683,9 | 2748,7 | 2857,1 | 2916,5 | +10,2 |
| Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ (нафар) | 129,5 | 132,6 | 135,6 | 140,1 | 142,9 | +9,4 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар | 77,9 | 80,6 | 73,4 | 83,3 | 74,4 | -4,5 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 447,7 | 455,9 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | +8,0 |
| Шумораи бекорон, ҳаз. наф. | 18,0 | 17,0 | 15,7 | 15,0 | 15,6 | -13,3 |
| Масоҳати умумии манзил, ба як нафар, м$^2$ | 10,2 | 10,1 | 10,1 | 9,9 | 9,7 | -4,9 |
| Шумораи муассисаҳои тиббӣ, (адад) | 151 | 154 | 156 | 161 | 160 | +5,6 |
| Шумораи муассисаҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ, адад | 1330 | 1337 | 1347 | 1354 | 1358 | +2,1 |
| Шумораи мактабҳои олӣ, адад | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | - |
| Шумораи омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ | 16 | 19 | 21 | 25 | 27 | +40,1 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022. -С. 199 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021. - ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон,2022. –С.8-9. ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Афзоиши ин нишондиҳандаҳо аз ҷониби муаллиф дар ду давра мавриди баҳисобгирӣ қарор гирифтааст. Нишодиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Хатлон дар ҷадвали 2.2.2 пешниҳод гардидаанд. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.2.2 бармеояд, ки аксари

нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Хатлон тамоюл ба рушд доранд. Масалан, маҳсулоти умумии минтақавӣ дар давраи таҳлил 40,6%, музди кории ҳармоҳаи як корманд 26,2%, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят 31,8%, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят 31,6%, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилоят 43,2% афзоиш ёфтааст. Қобили қайд аст, ки дар давраи таҳлил ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилияти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 18,1 б.ф ва ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии вилоят дар маҳсулоти умумии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,7 б.ф коҳиш ёфтааст. Умуман, дар давраи таҳлил нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявии вилояти Хатлон назаррас ба шумор меравад.

**Ҷадвали 2.2.2. - Нишодиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти умумии минтақавӣ, млн.сомонӣ | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | +40,6% |
| Ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 843,39 | 884,24 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | +26,2% |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, бо нарххои соли 2021, ҳаз.сомонӣ | 7044597,8 | 7967440,1 | 9266132,8 | 9368060,3 | 10332970,5 | +31,8% |
| Сармоягузорӣ, ҳазор.сомонӣ | 2179006,3 | 2802570,8 | 2623017,2 | 2404916,0 | 3840061,2 | +43,2% |
| Ба кор андохтани ФА, ҳазор.сомонӣ | 1669251,1 | 710569,2 | 3027913,0 | 2599177,5 | 1310364,7 | -21,5% |
| Ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ММД ҷумҳурӣ, сомонӣ, % | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | +40,6% |
| | (28,5%) | (27,9%) | (28,6%) | (29,9%) | (29,3%) | +0,8 б.ф |
| Ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти саноатии ҶТ, сомонӣ,% | 7044597,8 | 7967440,1 | 9266132,8 | 9368060,3 | 10332970,5 | +31,8% |
| | (44,7%) | (36,4%) | (36,2%) | (29,1%) | (26,6%) | -18,1 б.ф |
| Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҶТ, сомонӣ,% | 14148533 | 15253582 | 16974399 | 19502878 | 20694523 | +31,6% |
| | 55,7% | 54,2% | 54,8% | 52,2% | 52,0% | -3,7 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2019.-С. 259-284, ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соҳои 2014-2021/Маҷмуаи оморӣ- ш. Бохтар,2022. –С.8-9. ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Азбаски мавзуи илмӣ-тадақиқотии мо таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ мебошад. Бинобар, ин мо нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва нерӯии соҳаи кишоварзиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Барои истеҳсолоти аграрӣ, аз ҷумла барои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон замин воситаи асосии

доимӣ ва ивазнашавандаи истеҳсолот мебошад. Қобили қайд аст, ки аз масоҳату ҳолат ва истифодаи самараноки ин захираи табиӣ таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолии минтақа вобастагии мустақим дорад.

Аз ин рӯ, майдони замини ин навъи захираҳои табииро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Қобили қайд аст, ки 20694523 ҳаз. сомонӣ 76,7% маҳсулоти умумии вилояти Хатлон маҳз дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсол карда мешавад. Бо ибораи дигар, маҳсулоти дар боло номбаршуда дар 2470 млн га замини аҳамияти кишоварзидошта истеҳсол карда шудааст. Барои ба ин мавзуъ равшанӣ андохтан нишондиҳандаҳои ҷадвали зеринро мавриди арзёбӣ қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2.2.3. - Сохтор ва таркиби майдони замини аҳамияти кишоварзидоштаи кишоварзии вилояти Хатлон (га,%)**

| Навъи замин | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Масоҳати замини вилояти Хатлон, аз ҷумла:** | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 2470,0 | 100% |
| **Замини аҳамияти кишоварзидоштаи вилояти Хатлон, аз ҷумла:** | 1452364 | 1628780 | 1452757 | 1683074 | 1457754 | +5390 |
| | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| **-замини шудгор** | 325715 | 331151 | 326303 | 409056 | 328107 | +2392 |
| | 22,4% | 20,3% | 22,5% | 24,3% | 22,5% | +0,1 б.ф |
| **-замини дарахтони бисёрсола** | 40417 | 43556 | 41280 | 57393 | 41743 | +1326 |
| | 2,8% | 2,7% | 2,8% | 3,4% | 2,9% | +0,1 б.ф |
| **-замини алафзори табиӣ** | 4660 | 6910 | 4660 | 6962 | 4997 | +337 |
| | 0,3% | 0,4% | 0,3% | 0,4% | 0,3% | - |
| **-замини чарогоҳ** | 1062266 | 1226871 | 1061964 | 1194096 | 1068232 | +5966 |
| | 73,1% | 75,3% | 73,1% | 70,9% | 73,3 | +0,2 б.ф |
| **-замини боир** | 19306 | 20292 | 18550 | 15567 | 14675 | -4631 |
| | 1,3% | 1,2% | 1,3% | 0,9% | 1,0% | -0,3 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар, 2022. –С.6. ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ, Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили маводи ҷадвали 2.2.3 бармеояд, ки майдони замини аҳамияти кишоварзидошта, дар вилояти Хатлон дар солҳои таҳлил ба ҳисоби миёна 5390 га ё +0,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунон тағийротҳои сохторӣ дар таркиби замини аҳамияти кишоварзидошта низ ба назар мерасад, ки аз ҷониби муаллиф афзоишу камшавии онҳо дар ҷадвали боло баҳисобгирӣ шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки майдони замини шудгор дар давраи таҳлил ба 22,5% замини аҳамияти кишоварзидоштаи вилоят баробар буда, 2392га (0,7%) афзоиш ёфтааст. Нуқтаи дигари

ҷолиби диққат ин аст, ки замини аҳамияти кишоварзидоштаи вилоят 65,9% ҳиссаи майдони замини онро ташкил медиҳад. Маҳз дар ҳамин майдони замини аҳамияти кишоварзидошта маҳсулоти умумии кишоварзии минтақа, ки 20694,5 млн, сомониро ташкил медиҳад, истеҳсол гардидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими аҳаммияти истеҳсолидоштаи вилояти Хатлон ба шумор меравад, мувофиқи маълумоти Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, дар шароити имрӯза дар минтақаи номбурда зиёда аз 66559 адад хоҷагиҳои калону хурду миёна ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Аз ҷумла хоҷагиҳои давлатӣ, 83 адад ассотсиятсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 68313 адад хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 2564 адад ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҶДММ, 44 адад хоҷагиҳои ёрирасони корхонаву ташкилотҳо ва 196 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият доранд.[88]

Қобили қайд аст, ки саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ дар ду самт сурат мегирад, ки яке аз онҳо механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва дигаре автоматизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Воситаҳои механизатсия қисми муҳими таркибии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ ба шумор мераванд. Механизатсияи кишоварзӣ ин ҷараёни иваз намудани меҳнати дастӣ ба механизатсияи ҷузъӣ, механизатсияи комплексӣ ва низоми мошинаҳои автоматӣ мебошад. Механизатсияи ҷузъӣ ё нопурра гуфта механикунонии ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот дар назар дошта мешавад. Ҳангоми механизатсияи комплексӣ тамоми ҷараёнҳои истеҳсолот тавассути воситаҳои механикӣ иҷро мегарданд. Зимни ҷорӣ намудани низоми мошинҳои автоматӣ кулли истеҳсолоти корхона бо ёрии мошинаҳо, механизмҳо ва асбобҳои худкор (автоматӣ) иҷро, танзим ва назорат карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи ин амалиётҳо зери

[88] Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2022/Маҷмуаи оморӣ – ш.Бохтар: Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон, 2020. –С.7.

назорат ва мушоҳидаи бевоситаи инсон анҷом мепазиранд. Механизатсияи ҷузъӣ дар тамоми соҳаҳои кишоварзӣ ҷой дорад. Баъзе соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ пурра ба механизатсияи комплексӣ гузаштаанд. Масалан, дар соҳаи ғаллакорӣ тамоми ҷараёнҳои истеҳсолӣ механикунонида шудаанд. Низоми мошинаҳои автоматӣ бештар дар комплексҳои чорводорӣ ва фабрикаҳои калони парандапарварӣ ба кор бурда мешаванд. Барои муайян намудани ҳолати механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот аз нишондиҳандаи дараҷаи механизатсия истифода мебаранд. Дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот ин нисбати ҳаҷми корҳои механиконидашуда ба ҳаҷми умумии корҳои ҳамин ҷараёни истеҳсолот мебошад, ки бо фоиз ифода ёфтааст. Дар растанипарварӣ азбаски мошинаҳо корҳои гуногун (шудгор, ҳамворкунӣ, кишт, ҷӯяккашӣ, коркарди байни қаторҳо)-ро иҷро мекунанд, бинобар ин онҳоро ба ченаки муайян-эталон гектар гардонида, баъдан ҳаҷми корҳои механиконишударо муайян мекунанд. Барои муайян намудани дараҷаи миёнаи механизатсияи парвариши ягон намуди зироат ё истеҳсоли маҳсулоти муайян ҳаҷми умумии корҳои механиконидашудаи онро (бо эталон гектар) ба ҳаҷми умумии корҳои барои парвариш ё истеҳсоли ҳамин намуди маҳсулоти зарурӣ тақсим намудан лозим меояд. Дар соҳаи чорводорӣ дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот тавассути тақсим намудани саршумори чорво, ки ба онҳо механизмҳо хизмат мерасонанд, ба саршумори умумии чорво муайян карда мешавад.

Таи чанд даҳсолаи охир кишоварзӣ дар самти механиконӣ ва автоматикунонии истеҳсолот ба комёбиҳои бузург ноил гардидааст. Дараҷаи механизатсияи ҷараёнҳои алоҳидаи истеҳсолот ҳам дар растанипарварӣ ва ҳам дар чорводорӣ мунтазам баланд мегардад. Корҳои асосии саҳроӣ (шудгор ва кишти зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво, пахта, ҷамъоварии ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ ва хӯроки чорво) қариб, ки пурра механиконида шудаанд. Аммо бо вуҷуди ин дар иҷрои корҳои алоҳида дараҷаи механизатсия хеле паст аст. Махсусан,

дар соҳаи сабзавоткорӣ ва фермаҳои хурди чорводорӣ дараҷаи механизатсия хеле паст мебошад. Дар ин соҳаҳо 80% корҳои иҷрошаванда ба меҳнати дастӣ рост меояд. Фермаҳои хурди чорводорӣ бештар ба техникаву технологияи хӯроки чорво истеҳсолкунанда ниёз доранд. Соҳаи сабзавоткорӣ бошад, техникаеро тақозо дорад, ки дар қаторҳои начандон калони замин озодона ҳаракат ва кор карда тавонанд.

Самаранокии иқтисодии истифодаи мошинҳо, агрегатҳо ё комплекси онҳоро бо ёрии нишондиҳандаҳои арзишӣ метавон муайян намуд: ҳосилнокии меҳнат; хароҷоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ) барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ва ё корҳои иҷрошуда; арзиши коркарди хоки 1 га замин; ҷамъоварии ҳосил; хароҷотҳои овардашуда ба ҳар як сентнер маҳсулот ва ё ба ҳар як гектар замин; муҳлати худхаридкунии сармоягузориҳо, ки барои хариди техникаи нав равона шудааст.

Корхонаи кишоварзӣ техникаи навро харидорӣ менамояд. Самаранокии иқтисодии истифодаи онро аз рӯйи кам шудани бузургии харҷи меҳнат ва дигар воситаҳо нисбати мошинаҳо ва агрегатҳои амалкунанда тибқи нишондиҳандаҳои зерин муайян мекунанд:

а) Камшавии хароҷоти меҳнат:

$$C_t = \frac{T_к - T_н}{T_к} \cdot 100\%, \qquad [2.2.1]$$

дар ин ҷо $C_t$ – кам шудани хароҷоти меҳнат, %; $T_к$ – хароҷоти меҳнат ҳангоми иҷрои корҳо бо техникаи кӯҳна ё комплекси агрегатҳои мавҷуда; $T_н$- хароҷоти меҳнат ҳангоми истифодаи техника ва комплекси агрегатҳои нав.

б) Камшавии хароҷоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ):

$$C_э = \frac{Э_к - Э_н}{Э_к} \cdot 100\%, \qquad [2.2.2]$$

дар ин ҷо $C_э$ – камшавии хароҷоти эксплуататсионӣ, %; $Э_к$ – хароҷоти эксплуататсионӣ бо техника ва комплекси мошинаву агрегатҳои кӯҳна; $Э_н$ – хароҷоти эксплуататсионӣ бо техника ва комплекси мошинаву агрегатҳои нав.

в) Харочоти эксплуататсионӣ (истифодабарӣ) – ин харочот барои музди меҳнат, дархостҳои ичтимоӣ, истеҳлок, таъмири чорӣ, сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, энергияи барқ мебошанд.

$$C_к = \frac{K_к - K_н}{K_к} \cdot 100, \qquad [2.2.3]$$

дар ин чо $C_к$ – камшавии сармоягузориҳо, %; $K_к$ – маблағгузорӣ (вазни қиёсӣ) ҳангоми истифодаи техникаи кӯҳна, сомон/га; $K_н$ – маблағгузорӣ ҳангоми истифодаи техникаи нав, сомон/га.

г) Муҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои иловагӣ бо техникаи нав.

$$T = \frac{K_1 - K_0}{C_0 - C_1}, \qquad [2.2.4]$$

дар ин чо Т – муҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои иловагӣ барои харидкунӣ, оварда расонидан ва бакордарории техникаи нав, сол; $K_0$, $K_1$ – маблағгузориҳо бо техникаи куҳна, нав ва ё комплекси онҳо, сомон/га; $C_0C_1$ - харочоти истеҳсолот мувофиқан бо техникаи куҳна ва нав ё комплекси онҳо, сомон/га.

Ҳангоми истифодаи техникаи нав нишондиҳандаҳои иловагиро низ истифода мебаранд, ки шароити меҳнат ва энергияғунчоишро тавсиф медиҳанд. Дар шароити имрӯза меъёри баҳодиҳии техникаи нав ин беҳтаршавии шароити меҳнат, камшавии аз кор рафтани мутахассисони кишоварзӣ, миграцияи аҳолии хочагии қишлоқ мебошад. Таъсири истифодаи мошинаҳои нав ба ҳосилхезии хок низ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими истифодаи техникаи нав ба шумор меравад.[89]

Маълум аст, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам нақши сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад. Зеро ҳам механизатсия ва ҳам автоматикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ аз мавчудият ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо вобастагии мустақим дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъди солҳои 1990 то солҳои 2015 вазъи корхонаву хочагиҳои кишоварзӣ аз лиҳози таъмини мошинолотҳои кишоварзӣ хело ҳам душвор гардиданд. Аммо бо кӯшишу дастгириҳои Ҳукумати Чумҳурии Точикистон вазъият дар ин самт сол то сол рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст. Бо мақсади баҳодиҳии

[89] Пириев Ч. С., Исайнов Ҳ. Р., Давлатов Қ. Қ., Тағоев Ч. Ҳ. Иқтисоди кишоварзӣ (Воситаи таълимӣ)- Душанбе: «Ирфон», 2005.- С. 42-43.

вазъи таъминоти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон ҷадвали 2.2.4. пешниҳод мегардад. Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.4. бармеояд, ки мавҷудияти техника ва мошинолотҳо дар вилояти Хатлон нисбати солҳои 2017 тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, дар ҳамин фосилаи вақт дар минтақаи номбурда тракторҳо 7,8%, комбайнҳои ғалладарав 14,0%, ядакҳои тракторӣ 0,6%, алафҷамкунакҳо 50%, достҳои тракторӣ 50,5%, комбайнҳои ҷуворимаккағундор 71,4%, мошинҳои пахтачинӣ 9,1%, тухмпошакҳо 10,9%, испорҳои тракторӣ 14,9%, ва нармкунакҳои тракторӣ 12,5% афзоиш ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.2.4. - Мавҷудияти техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо-ҳамагӣ | 12144 | 12639 | 13155 | 13045 | 13173 | +7,8% |
| Автомобилҳои боркаш | 462 | 803 | 357 | 331 | 317 | -31,4% |
| Комбайнҳои ғалладарав | 455 | 468 | 486 | 475 | 463 | +14,0% |
| Ядакҳои тракторӣ | 3890 | 3883 | 3956 | 4072 | 3866 | +0,6% |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 57 | 64 | 88 | 85 | 114 | +50% |
| Достҳои тракторӣ | 300 | 312 | 494 | 553 | 606 | +50,5% |
| Комбайнҳои ҷуворимаккағундор | 7 | 7 | 7 | 2 | 2 | 71,4% |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 10 | 10 | 12 | 11 | 11 | +9,1% |
| Тухмпошакҳои тракторӣ | 1116 | 1132 | 1209 | 1283 | 1253 | +10,9% |
| Испорҳои тракторӣ | 4034 | 4143 | 4400 | 4608 | 4743 | +14,9% |
| Нармкунакҳои тракторӣ | 1552 | 1681 | 1765 | 1761 | 1774 | +12,5% |
| Комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво ва силосғундор | 28 | 27 | 27 | 22 | 28 | - |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳои маҷмуаи омори кишоварзии ҶТ /маҷмуаи оморӣ –Душанбе,2022 ва ҳисобҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Қобили қайд аст, ки дар давраи таҳлил шумораи автомобилҳои боркаш 31,4 % коҳиш ёфтааст. Аз соли 2017 инҷониб шумораи техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон тамоюл ба афзоиш дорад. Аммо шумораи техникаву мошинолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон аз нишондиҳандаҳои соли 1991 пасттар мебошанд. Сабаби асосии ин тамоюл норасоии сармоягузориҳои худии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ барои харидкунии техникаву мошинолотҳои кишоварзӣ мебошад. Аслан, дар ин минтақа вазъият чунин аст: 1) Хоҷагиҳои хурду миёнаи кишоварзии вилоят дар 2/3 ҳолатҳо барои харидкунии техникаву мошинолотҳои кишоварзӣ маблағ барои

сармоягузорӣ надоранд; 2) Аз нигоҳи иқтисодӣ низ барои хоҷагиҳои хурду миёна доштани техникаву мошинолотҳои муосири кишоварзӣ начандон самаранок аст, зеро дар ин ҳолат муҳлати худхаридшавии онҳо тӯл мекашад.[90] Яке аз сабабҳои асосии паст будани таъминоти техникиву технологии хоҷагиҳои кишоварзии вилоят низ ба ҳамин мушкилоти дар боло зикргардида алоқамандии мустақим дорад. Имрӯз дар вилоят 63888 хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерии хурду миёна амал мекунад.[91] Аз ин рӯ, мушкилоти номбурда тақозои онро дорад, ки роҳҳои ҳалли самаранок ва муосири ин мушкилотро пайдо намоем то ин, ки ҳам хоҷагиҳои номбурдаи минтақа бо техникаи зарурӣ таъмин бошанд, онҳоро самаранок истифода баранд ва ҳамзамон самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар ин самт таъмин намоянд.

Маълум аст, ки рушду тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба мавҷудият, ҳолат ва истифодаи самараноки базаи моддӣ-техникии корхонаҳои кишоварзӣ вобастагии мустақим дорад. Баҳодиҳии миқдории унсурҳои таркибии базаи моддӣ-техникии корхонаву хоҷагиҳои соҳаи кишоварзиро дар минтақаи Хатлон дар ҷадвали боло мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Гарчанде, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба ҳолати базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилоят баҳои воқеӣ медиҳанд. Аммо бидуни таҳлили нишондиҳандаҳои арзиши ин баҳодиҳи пурра ва мукаммал арзёбӣ намегардад. Аз ин хотир, мо унсурҳои асосии базаи моддӣ-техникии кишоварзии вилоятро дар намуди фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардон мавриди арзёбӣ қарор додем. Нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии фондҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон инҳоянд: суммаи фондҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, фондҳои асосии истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, фондҳои асосии ғайриистеҳсолии соҳаи кишоварзӣ.

[90] Омори солонаи вилояти Хатлон бахшида ба 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 1991-2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон. –С.125

[91] Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019/Маҷмӯаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С.7.

Вобаста аз ин нишондиҳандаҳои номбурда мо дараҷаи фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнатро дар минтақаи Хатлон баҳисобгирӣ намудем. Нишондиҳандаҳои номбурда оид ба дараҷаи интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзии минтақа маълумот медиҳад. Ҳамчунин, ба мақсади муайян намудани истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ мо нишондиҳандаҳои боздеҳии фондҳо ва фондғунҷоиши маҳсулотро мавриди баҳисобгирӣ қарор медиҳем, ( Ҷадвали 2.2.5.). Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.5. бармеояд, ки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон 1924500 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2017 тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, дар ҳамин давра нишондиҳандаи мазкур 1,9 маротиба зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.2.5.-Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МУК ВХ, ҳаз.сомонӣ | 12819225 | 13338563 | 14467871 | 19502878 | 20694523 | 1,6 мар. |
| ФАИ к/зии ВХ, ҳаз.сомонӣ | 1028700 | 1156400 | 1537300 | 1491400 | 1924500 | 1,9 мар. |
| МЗАКД ВХ, га | 413916 | 403353 | 421837 | 426319 | 430514 | 4,0% |
| ШМКК ВХ, ҳазор нафар | 289,5 | 293,4 | 308,4 | 307,7 | 309,7 | 7,0% |
| $Ф_т$ к/зии ВХ, сомонӣ/гектар | 2485,2 | 2866,9 | 3644,3 | 3498,3 | 4470,2 | 79,9% |
| $Ф_м$ к/зии ВХ, сомонӣ/нафар | 3553,4 | 3941,3 | 4984,7 | 4846,9 | 6214,1 | 74,9% |
| $Б_ф$ к/зии ВХ, сомонӣ | 12,5 | 11,5 | 9,4 | 13,0 | 10,8 | -13,6% |
| $Ф_ғ$ к/зии ВХ, сомонӣ | 0,08 | 0,09 | 0,11 | 0,076 | 0,092 | 15,0% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар,2022. –С.76; Ҳисоботи омории шакли №11-ВА (Ҳисобот дар мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ) ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Албатта, чунин тамоюл ба дигар нишондиҳандаҳои истифодаи фондҳои асосӣ таъсири худро расонидааст. Масалан, фондтаъминии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2017 79,9% зиёд шудааст. Фондмусаллаҳии меҳнат дар истеҳсолоти кишоварзӣ 6214,1 сомонӣ/ нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли 2017 74,9% зиёд аст. Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосӣ боздеҳии фондҳо ва фондғунҷоиши маҳсулот ба ҳисоб меравад. Дар давраи таҳлил боздеҳии фондҳо аз 12,5 сомонӣ (2017) то 10,8 сомонӣ (2021) кам

шудааст, ки ин ба -13,6% баробар аст. Фондғунҷоиши маҳсулот дар ин давра тамоюл ба афзоиш дорад, ки он 15%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон нишон доданд, ки фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии истеҳсолоти кишоварзии минтақа тамоюл ба афзоиш дорад. Аммо дар тафриқа ба ин нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи боздеҳии фондҳо дар давраи таҳлил рӯ ба пастравӣ дорад. Чунин раванд бори дигар собит месозад, ки сектори аграрии вилояти Хатлон тақозо ба техникаву таҷҳизотҳои навинро дорад. Бо ибораи дигар, соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ба сиёсати сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзии минтақа равонагардидаро талабгор мебошад.

Нақши сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ дар бакордарории фондҳои асосии соҳаи мазкур хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар мавриди сармоягузории объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии истеҳсолоти кишоварзӣ, бакордарории фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии соҳаи кишоварзӣ сурат мегирад. Дар натиҷаи бакордарории фондҳои асосии истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, базаи моддӣ-техникии соҳа мустаҳкам гардида, саноатикунонии истеҳсолоти он рушд мекунад. Яъне корхона ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бо биноҳо иншоотҳо ва дигар объектҳои аҳаммияти истеҳсолидошта аз қабили биноҳои фермаҳо, анборҳои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ, анборҳои нигоҳдории захираҳои моддӣ-техникӣ, парки мошину трактор, дуконҳои таъмирӣ, анборҳои нигоҳдории сузишворӣ ва ғайра ба дараҷаи зарурӣ таъмин мегарданд. Бо ибораи дигар, бакордарории фондҳои асосии истеҳсолии кишоварзӣ дар такрористеҳсоли фондҳои асосии кишоварзӣ иштирок намуда, истеҳсолоти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзиро аз фарсудашавии аз меъёр зиёд ва кӯҳнашавии истеҳсолот нигоҳ медорад.

Бакордарории фондҳои асосии ғайриистеҳсолии кишоварзӣ низ барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва маҳали деҳот аҳаммияти муҳимро доро

мебошад. Зеро ба воситаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ барои бакордарории фондҳои асосии ғайристеҳсолӣ дар доираи корхонаҳо ва соҳаи кишоварзӣ, азнавбарқароркунӣ, бунёд, таҷдид ва васеъкунии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ сурат мегирад. Маълум аст, ки дар шароити ҷаҳонӣ муосир рушди деҳот ва соҳаи кишоварзиро бидуни роҳҳо, мактабҳо, мағозаҳо, беморхонаҳо, китобхонаҳо, театрҳо, боғчаҳои бачагона ва дигар объектҳои иҷтимоӣ тассавур кардан ғайримкон аст. Аз ин хотир, нишондиҳандаҳои бакордарории фондҳои асосиро дар вилояти Хатлон дар доираи объектҳои таъиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ва ҳамчунон дар доираи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа мавриди таҳлил қарор медиҳем,(Ҷадвали 2.2.6.).

**Ҷадвали 2.2.6.-Бакордарории фондҳои асосӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон,** млн. сомонӣ

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бакордарории ФА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,7 | 5561,3 | -16,7% |
| Бакордарории ФА дар вилояти Хатлон | 1674,6 | 710,6 | 3027,9 | 2599,1 | 1310,3 | -21,7% |
| 1)Бакордарории ФАИ, аз ҷумла дар: | 960,7 | 350,3 | 2047,0 | 1793,3 | 982,7 | +2,3% |
| -саноат | 794,8 | 242,2 | 895,2 | 982,7 | 530,6 | -33,2% |
| -нақлиёт | 86,5 | 86,6 | 949,6 | 735,2 | 363,4 | +76,2% |
| -кишоварзӣ | 4,6 | 0,8 | 2,0 | 3,5 | 4,2 | -8,7% |
| -дигар соҳ/ истеҳ/ моддӣ | 74,8 | 20,7 | 200,2 | 69,4 | 84,5 | +11,5% |
| 2)Бакордарории ФАҒ, аз ҷумла дар: | 713,9 | 360,3 | 980,9 | 805,8 | 327,6 | -81,6% |
| -маориф | 320,0 | 105,9 | 166,4 | 141 | 58,8 | -81,6% |
| -тандурустӣ | 22,3 | 33,2 | 184,7 | 154,7 | 68,8 | +67,5% |
| -фарҳанг | 54,5 | 31,9 | 146,9 | 124,8 | 63,8 | +14,5% |
| -дигар соҳ/ ғ/истеҳсолӣ | 317,1 | 189,3 | 482,9 | 385,3 | 136,2 | -57% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022. -С. 300-284, ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ- ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон,2022. –С.125 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили ҷадвали 2.2.6. бармеояд, ки бакордарории фондҳои асосӣ дар вилояти Хатлон 1310,3 миллион сомониро дар соли 2021 ташкил додааст, ки ин ба 23,6% бакордарории фондҳои асосии дар

микёси ҷумҳурӣ баробар аст. Нишондиҳандаи бакордарории фондҳои асосии дар микёси ҷумҳурӣ дар соли 2021 нисбати соли 2017 16,7% коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи номбурда дар вилояти Хатлон дар соли 2021 нисбати соли 2017-ум 21,7% тамоюл ба камшавӣ дорад. Аз суммаи умумии фондҳои асосии дар вилоят бакордаровардашуда 74,9%-ро фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта ташкил медиҳад, ки дар навбати худ дар соли 2021 нисбати 2017-ум +2,3% зиёд шудаанд. Мавриди таассуф аст, ки дар фосилаи вақти таҳлил бакордарории фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта дар соҳаи кишоварзӣ 8,7% тамоюли камшавӣ дорад.

Хамчунин, ҳиссаи бакордарории ин навъи фондҳои дар суммаи фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидоштаи вилоят хело ҳам кам мебошанд. Бакордарории фондҳои асосии таъиноти ғайриистеҳсолӣ дошта дар вилоят дар давраи таҳлил 81,6% коҳиш ёфтааст. Бахусус фондҳои асосии соҳаи маориф дар вилоят дар давраи таҳлил 81,6% тамоюл ба камшавӣ дорад. Ҳамин тариқ, дар микёси вилоят дар мавриди бакордарории фондҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта тамоюлҳои мусбӣ ба назар мерасанд, ки ин ба сиёсати пешгирифтаи Хукумати ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Аммо дар соҳаи кишоварзӣ барои беҳтар шудани вазъият дар ин самт чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Назария ва тачрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки барои рушду равнақи фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дар шароити имрӯзаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саноатикунонии истеҳсолти аграрӣ, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нақши бориз доранд. Бо ибораи дигар, бидуни мавҷудият ва фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи корхона ё умуман соҳаи кишоварзӣ ба муваффақияти назаррас ноил шудан амали ғайриимкон аст. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла кишоварзии вилояти Хатлон дар даврони солҳои аввали соҳибитиқлолӣ ба мушкилоти камчинии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва ҳам ба воситаҳои гардон дучор гардидаанд. Ин буд, ки афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ то соли

1997 тамоюл ба пастравӣ дошт. Дар соли 1997 пастравии истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзӣ боз дошта шуд ва дар давоми 10 сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барқароршавии истеҳсолоти аграрии ҷумҳуриро анҷом дод. Вазъият аз ҳама мушкилтар дар минтақаи Хатлон ба назар мерасид, зеро дар ин минтақа ҷангҳои шаҳрвандӣ боиси аз байн рафтани қариб, ки тамоми инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ гардида буд. Ба ақидаи баъзе коршиносон зарари моддие, ки ин ҷангҳо ба водии Хатлон расонида буданд, зиёда аз 10 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳанд. Аммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сиёсати пайгиронаи худ мунтазам бо роҳи гузароинидани ислоҳотҳо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла бо кӯмаки созмонҳои байналхалқӣ, иқтисодиёти агросаноатии ин минтақаро барқарор намуд. Нуқтаи нигаронкунандаи ин баҳс дар он аст, ки истеҳсолоти агросаноатии минтақа барқарор шудааст ва ҳатто аз солҳои 1990-1991 дида дар минтақа зиёдтар маҳсулот истеҳсол мешавад. Вале истеҳсолоти агросаноатии минтақа талаботи аҳолии минтақаро бо маводи озуқаворӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда наметавонад. Зеро аҳолии минтақа дар ин фосила 9,4% афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, саноатикунонии истеҳсолоти кишвар, ки яке аз ҳадафҳои стартегияи миллӣ барои давраи солҳои 2016-2030 ба ҳисоб меравад, барои истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон айни мудаост. Ҳамзамон маълум аст, ки барои амалигардонии ин ҳадаф сармоягузориҳо дар ҳаҷмҳои калон зарур мебошад. Махсусан, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бояд дар ҳаҷми сармоягузориҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонашуда тамоюл ба афзоиш дошта бошад. Дар ин раванд мо ҳаҷми сармоягузориҳоро ба сармояи асосӣ дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор додем, (Ҷадвали 2.2.7.).

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.7 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2021 нисбати соли 2017 ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба микдори 24,8% афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.2.7. -Динамикаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон,** млн. сомонӣ

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| С/СА дар ҶТ, млн. сомонӣ | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | +24,8% |
| - С/СА дар ВХ | 2185,1 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,0 | +43,1% |
| 1) С/СА дар с/истеҳ моддӣ, аз ҷумла: | 1459,7 | 2228,9 | 1486,2 | 1103,2 | 1670,4 | +12,6% |
| - саноат | 919,7 | 1842,2 | 1007,8 | 954,7 | 1536 | +40,0% |
| - нақлиёт | 370,8 | 279,1 | 360,5 | 351,3 | 633,6 | +58,5% |
| - кишоварзӣ | 4,6 | 2,6 | 2,0 | 2,4 | 6,2 | +25,8% |
| -дигар соҳаҳои ист/ моддӣ | 164,6 | 105,0 | 115,9 | 120,2 | 153,6 | -6,7% |
| 2) С/СА дар соҳаҳои ғ/истеҳсолӣ, аз ҷумла: | 725,4 | 573,7 | 1136,8 | 1082,2 | 1689,6 | +2,3 мар. |
| - маориф | 231,0 | 123,4 | 240,4 | 252,5 | 614,4 | +2,6 мар. |
| - тандурустӣ | 100,3 | 93,8 | 228,4 | 195,2 | 345,7 | +3,4 мар. |
| - фарҳанг | 55,7 | 59,9 | 205,7 | 216,4 | 307,2 | +5,5 мар. |
| -дигар соҳаҳои ғ/истеҳсолӣ | 338,4 | 296,6 | 462,3 | 418,1 | 422,3 | +19,8% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022. -С. 312 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С.125 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон дар ҳамин давра 43,1% зиёд шудаанд. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон 25,4% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар соли 2021-ум 43,1%-ро сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 нисбати соли 2017 12,6% тамоюл ба афзоиш дорад. Қобили қайд аст, ки ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳамин давра 1,6 млн сомонӣ ё худ 25,8% афзоиш ёфтааст. Албатта, чунин тамоюл ба вазъи базаи моддӣ-техникии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ва омодагии онҳо барои пешбурди истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар соҳаҳои ғайриистеҳсолии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар давраи таҳлил 2,3 маротиба афзоиш ёфтаанд ва ҳиссаи ин навъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон 56,9% буд.

Хамин тариқ, таҳлили арзёбии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ба мо имкон дод, ки оид ба масъалаи номбурда чунин натиҷагириҳо намоем:

1. Вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам аз ҷиҳати шумораи аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, маҳз тавассути истифодаи самараноки заминҳои дар ихтиёри соҳаи кишоварзӣ қарордоштаи вилоят метавонад истеҳсолоти соҳаи кишоварзиро баланд бардошта, корхонаҳои КАС-и вилоятро бо ашёи хоми зарурӣ таъмин намояд;

2. Барои рушди истеҳсолоти аграрии минтақа, аз ҷумла саноатикунонии он, пеш аз ҳама, дараҷаи механизатсия ва автоматизатсияи истеҳсолоти кишоварзиро баланд бардоштан зарур аст. Маълум аст, ки ин амал бо роҳи афзоиш ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба даст меояд;

3. Таҳлил нишон дод, ки мавҷудияти мошинолоти соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи таҳлил ҳолати нигаронкунанда дорад. Зеро баъди солҳои 1991 шумораи мошинолоти кишоварзӣ тамоюли камшавӣ доранд. Масалан, дар давраи таҳлил танҳо автомобилҳои боркаш 31,4% кам шудаанд. Ин дар навбати худ ба рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Чунки дар шароити муосир соҳаи мазкурро бидуни мавҷудияти техникаву технологияи замонавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст;

4. Ҳолати бакордарории фондҳои асосии истеҳсолӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, аз ҷумла соҳаи кишоварзии он хело ҳам боиси ташвиш аст. Масалан, танҳо дар давраи таҳлил ин нишондиҳанда дар соҳаи кишоварзӣ 21,7% тамоюли камшавӣ дорад;

5. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон бо техникаву технологияи навтарин баҳисоб меравад. Вале ҳолати нигаронкунанда дар он аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соҳаи кишоварзии вилояти

Хатлон тамоюл ба пастравӣ дорад. Масалан, ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳамин давра 1,6 млн сомонӣ ё худ 25,8% кам шудааст. Бинобар ин, Ҳукумати вилояти Хатлонро зарур меояд, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Зеро бидуни фаъолгардонии сармоягузориҳо ба сармояи асосии кишоварзии вилоят натиҷаҳои дилхоҳро ба даст овардан ғайриимкон аст;

6. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи начандон фаъоли сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва истифодаи начандон самараноки сармояҳои дар фаъолияти корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон анҷомпазируфта таъсири мустақими худро ба нишондиҳандаҳои таъминнокӣ ва истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ расониданд.

## 2.3. Арзёбии таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоб

Муҳаққиқони иқтисодиёти минтақаҳо ва КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлонро ба ду зонаи агросаноатӣ ҷудо мекунанд: А) Минтақаи агросаноатии Вахшу Бохтар; В) Минтақаи агросаноатии Кӯлоб. Азбаски объекти таҳқиқоти мо фаъолияти сармоягузории корхонаву ташкилотҳо ва хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон ба шумор меравад. Бинобар ин, мо кӯшиш ба харҷ додем, ки вазъи фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосиро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва субъектҳои хоҷагидории он мавриди баррасӣ қарор диҳем. Зеро, ин минтақаи ҷануби кишвар ҳамчун зонаи агросаноатии Кӯлоб ба шумор меравад ва таи 32 соли соҳибистиқлолӣ нисбатан камтар мавриди омӯзишу таҳқиқи тадқиқотчиёни ватанӣ қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки вазъи иқтисодиёти минтақа, ноҳияҳои алоҳидаи он ва корхонаву ташкилоту дигар субъектҳои хоҷагидории ин минтақа дар мақолаву маҷаллаҳои солҳои охир камтар дарҷ гардидаанд. Аз ин хотир, дар доираи тадқиқоти мазкур мо тасмим гирифтем, ки вазъи иқтисодиёти минтақа ва самтҳои афзалиятноки рушду равнақи онро, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ алоқамандии мустақим дорад, мавриди таҳлилу баррасӣ

қарор диҳем. Бо ин мақсад сараввал, тавсифи мухтасари иқтисодиёти минтақаро дар чунин шакл анҷом медиҳем,(Ҷадвали 2.3.1.).

**Ҷадвали 2.3.1.-Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 ( бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати замин, ҳаз.км$^2$ | 12,4 | 12,4 | 12,4 | 12,4 | 12,4 | - |
| Шумораи аҳолии доимӣ ҳаз.наф | 1230,2 | 1256,0 | 1281,6 | 1316,9 | 1343,8 | 8,4 |
| Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$/нафар | 99,2 | 101,2 | 103,3 | 106,2 | 108,3 | 8,4 |
| Ноҳияҳо, адад | 11 | 11 | 11 | 11 | 11 | - |
| Шаҳрҳо (шаҳракҳо), адад | 2(6) | 2(6) | 2(6) | 2(6) | 2(6) | - |
| Ҷамоатҳо, адад | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | - |
| Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар | 29,932 | 29,839 | 30,852 | 31,198 | 29,993 | 0,2 |
| ШМАМК дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 176,8 | 185,5 | 187,4 | 188,5 | 193,7 | 8,7 |
| МММ ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 895,86 | 927,17 | 1011,23 | 1053,78 | 1143,19 | 21,6 |
| Маҳсулоти умумии саноатӣ, млн. сомонӣ | 3860,413 | 4333,840 | 5065,567 | 5428,556 | 6005,405 | 35,7 |
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 4698,283 | 4879,097 | 5233,640 | 6745,340 | 7026,087 | 33,1 |
| Сармоягузорӣ, млн.сомонӣ | 926,664 | 1805,043 | 1417,317 | 1198,090 | 2172,370 | 57,3 |
| Ба кор андохтани ФА, млн.сомонӣ | 496,906 | 401,116 | 1897,600 | 1159,049 | 609,702 | 18,5 |
| Масоҳати умумии манзил, ба як нафар, м$^2$ | 9,8 | 9,9 | 9,9 | 9,7 | 9,7 | -1,0 |
| Шумораи муолиҷахонаҳои тиббӣ, (адад) | 68 | 68 | 70 | 71 | 68 | - |
| Шумораи муасс./таҳсилоти/ умумӣ, адад | 607 | 616 | 621 | 624 | 625 | 2,9 |
| Шумораи мактабҳои олӣ, адад | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | - |
| Шумораи омӯзиш/миёнаи касбӣ, адад | 9 | 9 | 9 | 11 | 12 | 25 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022.-С. 10-15, 26 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соҳи 2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар:Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С.8-9,50,73,75,125,127 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.1. бармеояд, ки дар давраи таҳлил масоҳати замини минтақа, шумораи ноҳияҳо, шаҳрҳо (шаҳракҳо), ҷамоатҳо ва мактабҳои олӣ бетағйир монданд. Дар ин давра шумораи аҳолии минтақа 8,4%, зичии аҳолӣ 8,4%, афзоиш ёфта, афзоиши табиии аҳолӣ +0,2%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунон, нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақа тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, ШАМК дар иқтисодиёт 8,7%, МММ ҳармоҳаи корманд 21,6%, маҳсулоти умумии саноатӣ 35,7%, маҳсулоти умумии кишоварзӣ 33,1%, сармоягузориҳо

57,3% ва ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар давраи таҳлил18,5% афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳои иҷтимоии минтақаи Кӯлоб аз қабили масоҳати умумии манзил ба 1 нафар 1% коҳиш ёфта, шумораи муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ бошад 2,9% афзоиш ёфтаанд. Мавриди зикр аст, ки минтақаи Кӯлоб дар вилояти Хатлон мавқеи ба худ хосро дорад. Аз ҷумла, масоҳати замини минтақа 50,2%-и масоҳати замини вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии минтақа 38,1%-и шумораи аҳолии вилоятро ташкил дода, 45,8% ноҳияҳо, 50,0% шаҳрҳо (шаҳракҳо), 49,6% ҷамоатҳои вилояти Хатлон дар минтақаи мазкур ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин, 42,0%-и маҳсулоти умумии саноатии вилоят, 34,0%-и маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят дар минтақаи Кӯлоб истеҳсол карда мешавад. Мувофиқи маълумоти омори расмӣ 42,5%-и шумораи муолиҷахонаҳои тиббӣ, 46,0% шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 66,7% шумораи мактабҳои олии вилоят ба минтақаи Кӯлоб рост меояд.[92]

Қобили қайд аст, ки ба минтақаи Кӯлоб 16,6%-и афзоиши табиии аҳолии ҷумҳурӣ ва 40,1%-и афзоиши табиии аҳолии вилоят рост меояд. Бо ибораи дигар аҳолии минтақа сол аз сол тамоюл ба афзоиш дорад. Аз ин ҷост, ки дар шароити имрӯза дар минтақа мушкилоти бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ ба миён омадааст. Ҳамчунин маълум аст, ки барои ташкили ҷойҳои нави кори сармоягузориҳо зарур мешаванд. Зеро маҳз мавҷудияти сармоягузориҳо ба ташаккул ва равнақи соҳибкории хурду миёна мусоидат намуда омили рушди корхонаҳои хурду миёна гардида боиси пайдоиши ҷойҳои нави корӣ дар иқтисодиёт мегарданд.

Ногуфта намонад, ки аз ин нуқтаи назар сармоягузориҳои воқеиро сармоягузориҳои сармоясоз меноманд. Зеро маҳз ҳамин сармоягузориҳо сабаби пайдоиши сармояи нав (корхонаҳо, заводҳо, фабрикаҳо, ва дигар иқтидорҳои истеҳсолӣ) дар иқтисодиёти мамлакат мегарданд. Аз ин хотир миёни сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти

[92] Омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2022/Маҷмӯаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон. –С.8-9,50,73,75,125,127.

мамлакат аз ҷумла КАС ва шуғли аҳолию бозори меҳнат алоқамандии мустақим ҷой дорад. Бо ин мақсад мо динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди бозори меҳнатро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор медиҳем, (Ҷадвали 2.3.2.).

**Ҷадвали 2.3.2. -Динамикаи рушди бозори меҳнат дар минтақаи Кӯлоб ва вилояти Хатлон (ҳаз. нафар, %)**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017 бо% | ВХ / ба ҶТ бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| -АМК дар минтақаи Кӯлоб | 176,8 (39,5%) | 185,5 (40,6%) | 187,4 (39,7%) | 188,51 (39,6%) | 193,7 (39,8%) | +8,7% +0,3б.ф | 7,6% |
| -АМК дар минтақаи Бохтару Вахш | 270,9 (60,5%) | 271,5 (59,4%) | 285,8 (60,3%) | 287,5 (60,4%) | 293,1 (60,4%) | +7,5% -0,1 б.ф | 11,6% |
| АМК кор дар вилоят, ҳаз. нафар. | 447,7 (100%) | 456,7 (100%) | 473,2 (100%) | 476,0 (100%) | 486,8 (100%) | +8,0% - | 19,2% |
| -дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангал | 290,9 (65,9%) | 294,6 (64,5%) | 309,3 (65,4%) | 308,5 (64,8%) | 310,7 (63,8%) | +6,3% -2,1 б.ф | 20,2% |
| -дар соҳаҳои саноат | 18,4 (4,1%) | 17,7 (3,9%) | 16,9 (3,6%) | 17,1 (3,6%) | 17,2 (3,5%) | -6,5% -0,6 б.ф | 16,9% |
| -дар соҳаи сохтмон | 5,1 (1,1%) | 5,8 (1,3%) | 5,4 (1,1%) | 4,8 (13,6%) | 4,9 (1%) | -3,9% -0,1 б.ф | 5,0% |
| -дар соҳаи савдо | 4,0 (0,9%) | 4,5 (1%) | 4,0 (0,8%) | 6,8 (13,6%) | 8 (1,64%) | +50% +0,7 б.ф | 5,0% |
| -дар нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 2,0 (0,4%) | 2,1 (0,4%) | 2,2 (0,5%) | 2,2 (0,5%) | 3,2 (0,7%) | +37,5% +0,3 б.ф | 5,5% |
| -дар фаъолияти молиявӣ | 3,8 (0,8%) | 3,7 (0,8%) | 3,8 (0,8%) | 3,9 (0,8%) | 3,9 (0,8%) | +2,5% - | 18,4% |
| -дар мақомоти давлатӣ, мудофиа ва суғурта | 11,9 (2,6%) | 12,2 (2,7%) | 12,0 (2,5%) | 12,0 (2,5%) | 12,6 (2,6%) | +5,5% - | 24,9% |
| -дар соҳаи маориф | 69,9 (15,6%) | 73,7 (16,1%) | 74,6 (15,8%) | 77,3 (10,4%) | 80,6 (16,6%) | +13,2% 1 б.ф | 31,5% |
| -дар соҳаи тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 32,8 (7,3%) | 33,6 (7,4%) | 34,3 (7,2%) | 35,1 (7,4%) | 36,2 (7,4%) | +9,3% +0,1 б.ф | 29,9% |
| -дар хизматҳои маишӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 5,6 (1,2%) | 5,7 (1,2%) | 6,2 (1,3%) | 6,4 (13,6%) | 8,9 (1,8%) | +37,1% +0,6 б.ф | 35,9% |
| -дар дигар намудҳои фаъолият | 3,3 (0,7%) | 3,1 (0,7%) | 4,5 (0,9%) | 1,9 (0,4%) | 0,6 (0,1%) | -81,8% -0,6 б.ф | 0,5% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022.-С. 83-90 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар:Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С.51-66 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили динамикии рушди бозори меҳнат дар минтақаи Кӯлоб ва вилояти Хатлон бармеояд, ки аҳолии машғули кори вилоят 486,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва ин ба 19,2%-и аҳолии машғули кори ҷумҳуриро дар соли 2021 баробар аст. Қобили қайд аст, ки нишондиҳандаи номбурда дар вилояти Хатлон дар соли 2021 нисбати 2017 8,0% афзоиш ёфтааст. Дар мавриди шуғли аҳолӣ аз рӯйи соҳаҳои фаъолият қобили қайд аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ 63,8%- бо кор фаро

гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда дар соли 2017 65,9%-ро ташкил медод. Яъне дар давраи таҳлил 2,1 б/ф коҳиш ёфтааст. Дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар соли 2021 12,3% аҳолии машғули кори ҷумҳурӣ ба кор фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар соҳаи саноат, сохтмон, савдо, ва нақлиёту алоқа дар соли 2021 мувофиқан 3,5%, 1%, 1,64%, ва 0,7% аҳолии машғули кори вилоят фаро гирифта шудаанд. Дар соҳаҳои иҷтимоии вилоят, аз ҷумла дар соҳаи маъориф 16,6%, тандурустӣ 7,4%, хизматрасониҳои коммуналӣ 1,8% аҳолии машғули кори вилоят бо кор машғул мебошанд. Ҳамчунон, як нуқта мавриди зикр аст, ки аз шумораи аҳолии машғули кори вилоят 60,4% ба минтақаи агросаноатии Бохтару Вахш ва 39,8% ба минтақаи агросаноатии Кӯлоб рост меояд. Нишондиҳандаҳои номбурдаи минтақаҳои Кӯлоб ва Бохтару Вахш дар соли 2021 мувофиқан 7,6% ва 11,6%-и нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявиро ташкил медиҳанд. Нуқтаи дигари баҳсталаб ин аст, ки дар давраи таҳлил дар минтақаи агросаноатии Кӯлоб аҳолии машғули кор 8,7% ва минтақаи Бохтару Вахш 7,5% афзоиш ёфтааст. Чунин афзоиш аз он ҳушдор медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии ба кор таъминкунандаи аҳолии минтақа ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи вилоятро зарур аст, ки барои рушду равнақи соҳибкории хурду миёна дар минтақаи номбурда чораҳои зарурӣ андешанд. Яке аз чунин чораҳо ин рушди сармоягузориҳои ватанӣ дар минтақаи мазкур ба шумор меравад. Яъне давлат барои сармоягузорони ватанӣ, аз он ҷумла барои сармоягузороне, ки ба сармояи асосӣ сармоягузорӣ мекунанд, имтиёз дода, ҳамзамон ба рушди агробизнеси хурд ва хоҷагиҳои майдамолӣ ва корхонаву сехҳои хурди коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд, ки ин дар навбати худ дараҷаи бекориро дар минтақа паст намуда, боиси пайдоиши ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ин навъҳои фаъолиятҳо мегардад. Ин нуқтаро, махсусан, дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷоннок намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро шумораи аҳолии машғули кор дар ин минтақа тамоюл ба афзоиш дорад. Дар ин

радиф мо таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноати минтақаи Кӯлобро мавриди баррасӣ қарор додем. Мақсад ин аст, ки сатҳи рушди соҳаҳои номбурдаро ва ҷойгоҳи онҳоро дар иқтисодиёти минтақа баҳогузорӣ намоем. Зеро, ин ҳарду соҳа соҳаҳои калидии иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб ба шумор рафта, дар таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат нақши муҳимро мебозанд. Лозим ба ёдоварист, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ва нақши онҳо дар саноатикунонии истеҳсолоти минтақа маҳз дар ҳамин соҳаҳо баръало эҳсос мешавад, чунки ин ду соҳа саноату кишоварзӣ асоси рушди иқтисодиёт дар минтақаи мазкур маҳсуб меёбад, (Ҷадвали 2.3.3.).

**Ҷадвали 2.3.3. -Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои он**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сохтори соҳаи саноат дар вилоят аз рӯи шумораи корхонаҳои саноатӣ | | | | | | |
| Шумораи КС дар вилоят, (адад, %). Аз ҷумла: | 591<br>100% | 583<br>100% | 595<br>100% | 619<br>100% | 640<br>100% | +7,6%<br>- |
| Саноати истихроҷи маъдан | 81<br>13,7% | 84<br>14,4% | 91<br>15,3% | 93<br>15,0% | 99<br>15,5% | +18,2%<br>+1,8 б.ф |
| Саноати коркард | 457<br>77,3% | 434<br>74,4% | 439<br>73,8% | 460<br>74,3% | 474<br>74,1% | +9,9%<br>-3,2 б.ф |
| Таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 30<br>5,1% | 30<br>5,1% | 30<br>5,4% | 30<br>4,8% | 31<br>4,8% | +3,2%<br>-0,3 б.ф |
| Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва ғ. | 23<br>3,9% | 34<br>5,8% | 36<br>6,05% | 36<br>5,8% | 36<br>5,6% | +36%<br>+1,7 б.ф |
| Сохтори маҳсулоти саноатии вилоят дар сектори давлатию ғайридавлатӣ | | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилоят, % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - |
| -дар сектори давлатӣ, % | 38,0% | 39,0% | 37,5% | 29,6% | 28,4% | -9,6 б.ф |
| -дар сектори ғайридавлатӣ, % | 62,0% | 61,0% | 62,5% | 70,4% | 71,6% | +9,6 б.ф |
| Сохтори маҳсулоти саноатии вилоят аз рӯи минтақаҳои агросаноатӣ | | | | | | |
| Ҳаҷми МС дар вилоят (ҳаз.сомонӣ, %) | 6753100,0<br>100% | 7294000,0<br>100% | 8661099,7<br>100% | 9368060,3<br>100% | 10332970,5<br>100% | +34,6%<br>- |
| Ҳаҷми МС дар минтақаи Кӯлоб, (ҳаз.сомонӣ, %) | 3860423<br>57,1% | 4333840,2<br>59,4% | 5065576,9<br>58,5% | 3906754<br>41,9% | 4360315<br>42,0% | 11,4%<br>-15,1 б.ф |
| Ҳаҷми МС дар минтақаи Бохтару Вахш, (ҳаз.смн, %) | 2892677,0<br>42,9% | 2960159,8<br>40,5% | 3595522,8<br>41,5% | 5428557<br>58,1% | 6005405<br>58,0% | +51,8%<br>+15,1б.ф |
| Сохтори корхонаҳои саноатии вилоят дар минтақаҳо | | | | | | |
| Шумораи КС дар вилоят, (адад, %) | 591<br>100% | 583<br>100% | 595<br>100% | 619<br>100% | 640<br>100% | +7,6%<br>- |
| -шумораи КС дар минтақаи Кӯлоб | 271<br>45,8% | 269<br>46,1% | 270<br>45,4% | 284<br>45,9% | 295<br>46,1% | -8,1%<br>+0,3 б.ф |
| -шумораи КС дар минтақаи Бохтару Вахш | 320<br>54,2% | 314<br>53,9% | 325<br>54,6% | 335<br>54,1% | 345<br>53,9% | +7,2%<br>+1,1 б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022. -С. 76-109 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон. –С.49-53 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.*

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.3.3. бармеояд, ки шумораи корхонаҳои соҳаи саноати вилояти Хатлон 640 адад буда, дар давраи таҳлил 7,6% афзоиш ёфтаанд. Аз шумораи умумии корхонаҳои саноатии номбурда 74,1%-ро корхонаҳои саноати коркард, 15,5%-ро корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, 4,8%-ро таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 5,6%-ро корхонаҳои таъминоти об ва коркарди партовҳо ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи таҳлил аз ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят 71,6% дар сектори ғайридавлатӣ ва 28,4% дар сектори давлатӣ истеҳсол карда шудааст. Инчунин, қобили қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят 42,0% дар минтақаи Кӯлоб ва 58,0% дар минтақаи Вахшу Бохтар истеҳсол карда шудааст. Агар ба сохтори шумораи корхонаҳои саноатии вилоят назар афканем маълум мегардад, ки 46,1% корхонаҳои саноатии вилоят дар минтақаи Кӯлоб ва 53,9% дар минтақаи Вахшу Бохтар ҷойгир шудааст. Ҳамин тариқ аз таҳлили ҷадвали номбурда бармеояд, ки гарчанде дар минтақаи Кӯлоб 46,1% корхонаҳои саноатии вилоят ҷойгир шуда бошанд ҳам, онҳо 42,0% маҳсулоти умумии саноатии вилоятро истеҳсол мекунанд. Дар давраи таҳлил ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақаи Кӯлоб 11,4% афзоиш ёфтааст. Албатта, чунин сурат гирифтани вазъи истеҳсолоти саноатӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар минтақа тамоюл ба афзоиш дошта, истифодаи мақсадноку самараноки онҳо ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои меҳнаталаб ва маблағталаб башумор меравад. Маҳз сармоягузориҳо ба сармояи асосии ин соҳа метавонад соҳаи мазкурро ба соҳаи аҳаммияти муҳими иқтисодидоштаи ҷумҳурӣ, вилоят ва минтақа табдил диҳад. Дар кори таҳқиқотӣ кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҳамин равзана мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, (Ҷадвали 2.3.4.). Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.3.4. бармеояд, ки маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб 34,0% МУ кишоварзии вилоятро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.3.4.-Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | ВХ соли 2021 | МК | | МК, 2021 / 2017 | МК / ВХ 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2021 | | |
| МУ кишоварзӣ дар вилоят, млн сомонӣ | 20694,523 | 5043,777 | 7026,087 | +28,2% | 34,0% |
| -дар соҳаи растанипарварӣ | 15385,028 | 3393,839 | 4775,147 | +37,9% | 31,1% |
| -дар соҳаи чорводорӣ | 5309,495 | 1649,937 | 2250,939 | +26,7% | 42,4% |
| Майдони замини кишти зироатҳои кишоварзӣ | | | | | |
| МЗКЗК, ҳазор га | 430,514 | 182,229 | 182,228 | +0,1% | 43,3% |
| -МЗКЗ ғалладонагиҳо | 190,179 | 122,482 | 113,768 | -7,1% | 59,5% |
| -МЗК зироатҳои техникӣ | 132,617 | 34,739 | 38,125 | +8,8% | 28,7% |
| -МЗК сабзавот | 36,899 | 8,543 | 10,313 | +17,2% | 28,0% |
| -МЗК картошка | 12,058 | 3,908 | 4,548 | +14,1% | 37,7% |
| -МЗК зироатҳои полезӣ | 15,687 | 3,520 | 4,778 | +26,3% | 30,5% |
| -МЗК зироати хӯроки чорво | 43,074 | 9,038 | 10,696 | +15,5% | 30,2% |
| -МЗ боғҳо, ҳазор га | 46,353 | 25,600 | 24,827 | -3,0% | 53,6% |
| -МЗ токзорҳо, ҳазор га | 12,321 | 5,693 | 5,159 | -9,3% | 41,9% |
| Саршумори чорво (ҳазор сар) | | | | | |
| Саршумори ЧКШ | 1033,401 | 390,288 | 421,080 | +7,3% | 40,7% |
| Саршумори бузу гӯсфанд | 2483,640 | 1115,843 | 1224,399 | +8,9% | 49,3% |
| Саршумори паранда | 2247,949 | 644,971 | 621,979 | -3,6% | 26,7% |
| Саршумори асп | 60,271 | 27,047 | 28,234 | +4,2% | 46,9% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022. -С. 274-282 ва омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон,2022. –С.122-126 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Бо ибораи дигар, дар ин минтақа 31,1% маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ ва 42,4% маҳсулоти соҳаи чорводории вилоят дар соли 2021 истеҳсол карда шудааст. Яъне нисбати соли 2017 маҳсулоти кишоварзии минтақа 28,2% афзоиш ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки майдони замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб 43,3% нишондиҳандаи номбурдаи вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Аз ҷумла 59,5% майдони кишти зироатҳои ғалладонагиҳо, 28,7% майдони кишти зироатҳои техникӣ, 28,0% майдони кишти сабзавот, 37,7% майдони кишти картошка, 53,6% майдони замини боғҳо ва 41,9% майдони замини токзори вилоят дар ҳамин минтақа ҷойгир шудаанд.

Нақши минтақаи Кӯлоб дар саршумори чорвои вилоят низ аз аҳаммият холӣ нест. Масалан, 40,7% саршумори чорвои калони шохдор, 49,3% саршумори бузу гӯсфанд, 26,7% саршумори паранда ва 46,9% саршумори аспи вилоят дар ҳамин минтақа парвариш мегардад.

Мусаллам аст, ки такрористеҳсоли одӣ ва васеъ дар кишоварзӣ бидуни сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ сурат намегирад. Махсусан дар шароити имрӯза ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ, ки таъмини бехатарии аҳолии кишвар аз онҳо алоқамандии бевосита дорад, бидуни сармоягузориҳо афзоиш ёфта наметавонад. Бо ин мақсад мо динамикаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзиро дар минтақаи агросаноатии Кӯлоб мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додем, (Ҷадвали 2.3.5.).

**Ҷадвали 2.3.5.-Динамикаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҳаз. тонна, %)**

| Нишондиҳанда | Дар ҶТ, соли 2021 | Вилояти Хатлон соли 2021 | Минтақаи Кӯлоб | | М/К 2021 / 2017 | МК / ҶТ, 2021 | МК/ ВХ, 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2017 | 2021 | | | |
| **Маҳсулоти ғалладонагиҳо** | 1586,3 | 1032,680 | 430,446 | 440,163 | +2,2% | 28,8% | 42,6% |
| **Пахта** | 388,8 | 270,002 | 64,990 | 61,920 | -4,7% | 15,9% | 23,0% |
| **Сабзавот** | 2597,6 | 1548,078 | 265,905 | 392,805 | +32,3% | 15,1% | 25,4% |
| **Картошка** | 1041,3 | 213,801 | 64,042 | 77,491 | +17,3% | 7,4% | 36,1% |
| **Полезӣ** | 818,8 | 645,282 | 136,398 | 190,308 | + 28,3% | 23,2% | 29,5% |
| **Мевагиҳо** | 444,4 | 216,271 | 87,207 | 104,837 | +16,8% | 23,6% | 48,5% |
| **Ангур** | 267,5 | 108,449 | 34,913 | 37,554 | +7,0% | 14,0% | 34,6% |
| **Гӯшт** (бо вазни зинда ) | 163,8 | 185,768 | 63,216 | 82,862 | +23,7% | 50,1% | 44,6% |
| **Шир** | 1042,6 | 530,018 | 165,650 | 187,060 | +11,4% | 17,6% | 35,3% |
| **Тухм, млн дона** | 876,8 | 108,575 | 23,551 | 37,026 | +36,4% | 4,2% | 34,1% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи ҶТ-Душанбе, 2022.-С. 306-308 ва омори солонаи вилояти Хатлон барои соли 2021/Маҷмуаи оморӣ - ш. Бохтар:Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон. –С.87-109 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.5. бармеояд, ки дар давраи таҳлил (2017-2021) ҳаҷми истеҳсоли пахта 4,7% коҳиш ёфтаанд. Дигар маҳсулотҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб тамоюл ба афзоиш доранд. Масалан, дар ҳамин давра маҳсулотҳои ғалладонигиҳо 2,2%, картошка 17,3%, сабзавот 32,3%, полезӣ 28,3%, мевагиҳо 16,8%, гӯшт

23,7%, шир 11,4% ва тухм 36,4,0% афзоиш ёфтаанд. Қобили қайд аст, ки дар минтақаи Кӯлоб дар давраи таҳлил 28,8% маҳсулоти ғалладонагӣ, 15,6% пахта, 15,1% сабзавот, 50,1% гӯшт ва 17,6% шири ҷумҳурӣ истеҳсол гардидааст. Ҳамчунин, дар ҳамин фосилаи вақт дар минтақаи Кӯлоб 42,6% ғалладонагиҳо, 23,0% пахта, 25,4% сабзавот, 36,1% картошка, 48,5% мевагиҳо, 44,6% гушт, 35,3% шир ва 34,1% тухми вилояти Хатлон истеҳсол карда шудааст. Нишондиҳандаҳои номбурда нишондиҳандаҳои миқдори буда, онҳо нишондиҳандаҳои саҳеҳ ба шумор меравaнд. Афзоиши онҳо мантиқан маънои онро дорад, ки ҳаҷми сармоягузориҳо дар иқтисодиёти кишоварзии минтақа аз ҷумла, сармоягузориҳо ба сармояи асосии он ба талаботҳои такрористеҳсоли одию васеъ ҷавобгӯ мебошад. Дар ҳолати баръакс, мо чунин тамоюлҳоро мушоҳида карда наметавонистем.

Ба мақсади равшани андохтан ба вазъи фаъолияти сармоягузории корхонаву хоҷагиҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мо дар доираи як пурсишнома зиёда аз 430 хоҷагиҳои деҳқонӣ, коллективӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва ҷамъиятҳои саҳомии пӯшидаро дар соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти озӯқаворӣ ва корхонаҳои коркарди пахтаро дар минтақаи номбурда мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор додем. Натиҷаҳои пурсишнома дар ҷадвали 2.3.6 қайд шудаанд. Дар пурсишномаи номбурда мо якчанд масъалаҳоро мавриди баҳогузорӣ қарор додем, ки муҳимтаринашон инҳоянд: вазъи сармоягузорӣ дар субъектҳои пурсидашуда; мавҷудияти сарчашмаҳои худии сармоягузориҳо; мавҷудияти сармоягузориҳои давлатӣ; истифодаи мақсадноки сармоягузориҳои гузошташуда; имконияти истифодаи маблағҳои қарзӣ барои сармоягузориҳо ба сармояи асосии субъектҳои хоҷагидории пурсидашуда; самаранокии истифодаи сармояи ба фаъолияти хоҷагидорӣ сарфшуда ва ғайра.

Натиҷаи пурсишнома аз он гувоҳӣ медиҳад, ки субъектҳои хоҷагидорӣ асосан ба ш. Кӯлоб, н. Восеъ, н. Муъминобод, н. Фархор, н. Ховалинг, н. Шамсиддини Шоҳин мансуб буда, дорои шаклҳои гуногуни

фаъолияти хоҷагидорӣ буданд: хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ, ҶДММ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, инфиродӣ ва ғайра. Пурсишномаи номбурда фарогири 10 савол буд, ки ба ҳар як савол субъекти хоҷагидории пурсидашаванда ҷавоби хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ мекунанд. Кулли саволҳои интихобнамуда ба вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳои номбурда ва натиҷаҳои молиявию вазъи базаи модди техникии онҳо бахшида шуда буданд.

**Ҷадвали 2.3.6. -Пурсишномаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаи Кӯлоб оид ба вазъи сармоягузорӣ ба сармояи асосии онҳо**

| Саволҳо | Хуб | Қаноат-бахш | Ғайриқаноат-бахш | Шумораи субъектони хоҷагидорӣ |
|---|---|---|---|---|
| Вазъи сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагии худро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед? | 117<br>27,2% | 130<br>30,2% | 183<br>42,6% | 430<br>100% |
| Сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба сармояи асосии худии хоҷагиатонро Шумо чӣ гуна баҳо медиҳед? | 126<br>29,3% | 110<br>25,6% | 194<br>45,1% | 430<br>100% |
| Вазъи базаи моддӣ-техникии хоҷагии худро чӣ гуна арзёбӣ менамоед? | 102<br>23,7% | 163<br>38% | 165<br>38,3% | 430<br>100% |
| Сармоягузориҳои давлатиро дар фаъолияти худ чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? | 81<br>18,9% | 138<br>32,1% | 211<br>49% | 430<br>100% |
| Сармоягузориҳо дар фаъолияти хоҷагидории Шумо мақсаднок истифода мешаванд, ё не? | 228<br>53% | 113<br>26,3% | 89<br>20,7% | 430<br>100% |
| Ҳолати истифодаи самаранокии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? | 162<br>37,7% | 138<br>32,1% | 130<br>30,2% | 430<br>100% |
| Низоми андоз ва имтиёзҳои онро дар хоҷагии худ, чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? | 127<br>29,5% | 174<br>40,5% | 129<br>30% | 430<br>100% |
| Меъёри фоизи қарзҳои бонкиро барои хоҷагии худ чӣ гуна баҳо медиҳед? | 89<br>20,7% | 81<br>18,8% | 260<br>60,5% | 430<br>100% |
| Сармоягузории фаъолияти хоҷагии худро барои ҷорӣ намудани такрористеҳсоли одию васеъ чӣ гуна баҳо медиҳед? | 140<br>32,5% | 99<br>23% | 191<br>44,5% | 430<br>100% |
| Сармоягузориро дар хоҷагии худ оид ба ҷорӣ намудани навовариҳо чӣ гуна арзёбӣ менамоед? | 104<br>24,2% | 133<br>30,9% | 193<br>44,9% | 430<br>100% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси пурсишнома дар хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва ҳисобҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Масалан, ба саволи вазъи сармоягузории ба сармояи асосии хоҷагии худро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои пурсидашуда 27,2% хуб, 30,2% миёна ва 42,6% ғайриқаноатбахш посух доданд. Ба саволи дуюми пурсишнома сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиатонро чӣ гуна баҳо медиҳед. Субъектони хоҷагидории пурсидашуда чунин посух

доданд: 29,3% хуб, 25,6% миёна ва 45,1% ғайриқаноатбахш. Посух ба саволи сеюми пурсишнома, ки баҳодиҳии базаи моддӣ-техникии хоҷагӣ мебошад: 23,7% хуб, 38% баҳои миёна ва 38,3% вазъи базаи моддӣ-техникии хоҷагии худро ғайриқаноатбахш арзёбӣ намуд. Оиди дастраси ба сармоягузориҳои давлатӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои пурсидашуда чунин ҷавоб гирифтем: 18,9% дастрасии хуб, 32,1% дастрасии миёна ба сармоягузориҳои давлатӣ доранд ва 49%-и субъектҳои пурсидашуда ба сармояи давлатӣ дастрасӣ надоранд. Оиди истифодаи мақсадноки сармоягузориҳо 53%-и пурсидашудагон ҷавоби хуб, 26,3% ҷавоби қаноатбахш ва 20,7% ҷавоби ғайриқаноатбахш доданд. Дар мавриди ҳолати истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ хоҷагиҳои пурсидашуда 57,7% ҷавоби хуб, 32,1% қаноатбахш ва 30,2% ҳолати номбурдаро ғайриқаноатбахш арзёбӣ намудаанд. Имтиёзҳои андозиро 29,5% хуб, 40,5% миёна ва 30%-и хоҷагиҳои пурсидашуда ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ намуданд. Меъёри фоизи қарзҳои бонкиро 20,8% хуб, 18,8% қаноатбахш ва 60,5% ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ намуданд. Дар бораи саволи мусоидати сармоягузориҳо барои фаъолияти такрористеҳсоли одию васеъ 32,5% посухи хуб, 23% посухи қаноатбахш ва 44,5% посухи ғайриқаноатбахш доданд, ки сармоягузориҳои онҳо имконият намедиҳанд, ки фаъолияти хоҷагии худро аз такрористеҳсоли одӣ ба васеъ гузаронанд. Дар мавриди саволи охирини пурсишнома оиди сармоягузориҳо ва имконияти ҷорӣ намудани навовариҳоро 24,2%-и пурсидашудагон хуб, 30,9% қаноатбахш ва 44,9% ғайриқаноатбахш арзёбӣ намуданд, бо ибораи дигар аз 430 хоҷагии пурсидашуда 193 адади онҳо имконияти сармоягузориҳо барои ҷори намудани фаъолияти инноватсионӣ дар хоҷагиҳои худро надоранд.

Ҳамчунин, дар доираи таҳлили вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақаи Кӯлоб мо 3-гурӯҳ хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақаи мазкурро мавриди баҳодиҳӣ қарор додем, ки муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ менамоем. Сараввал, мо вазъи

иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузории 4 ККТ минтақаро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додем, (Ҷадвали 2.3.7.).

**Ҷадвали 2.3.7. -Динамикаи рушди иқтисодиёт ва сармоягузории ККТ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | ККТ «Сабз», ш.Кӯлоб | | ККТ «Хатлон», ш.Кӯлоб | | ККТ «Қосимов», ш.Кӯлоб | | ККТ «Зарипов», ш.Кӯлоб | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 |
| Майдони умумии замин, аз ҷумла: | 310,2 | 272,5 | 1343 | 1343 | 96 | 96 | 176,4 | 143,4 |
| -замини кишт, га | 275,2 | 237,5 | 683 | 683 | 96 | 96 | 156,2 | 125,3 |
| МУ ХД(Ф) бо нархҳои ҷорӣ | 353,35 | 467,66 | 570,05 | 1106,8 | 717,81 | 1094,25 | 397,38 | 684,67 |
| ААп маҳсулоти хоҷагӣ | 306,2 | 389,4 | 488,9 | 910,2 | 635,8 | 884,6 | 338,2 | 547,3 |
| Фоидаи балансии хоҷагӣ | 47,15 | 78,26 | 81,15 | 196,60 | 82,01 | 209,65 | 59,18 | 137,37 |
| Дараҷаи фоиданокӣ % | 15,4 | 20,1 | 16,6 | 21,6 | 12,9 | 23,7 | 17,5 | 25,1 |
| ΔФоида сармоягузо-риҳо, ҳаз.сомонӣ | 9,3 | 11,8 | 12,7 | 22,7 | 18,71 | 24,12 | 9,8 | 12,41 |
| Ҳаҷми сармоягузо-риҳо (хазор сомонӣ) | 38,8 | 56,11 | 63,9 | 113,8 | 93,3 | 134,5 | 47,6 | 82,5 |
| Сармояғунҷоиши маҳсулот | 0,12 | 0,14 | 0,13 | 0,12 | 0,15 | 0,15 | 0,14 | 0,15 |
| Коэффисенти СИИС дар ККТ, % | 0,23 | 0,21 | 0,19 | 0,2 | 0,21 | 0,18 | 0,21 | 0,15 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтарҳои хоҷагидории корхонаҳои таҳлилшаванда ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.7. бармеояд, ки фаъолияти хоҷагидории кооперативҳои номбурдаи минтақаи Кӯлоб тамоюл ба афзоиш дорад. Яъне дар давраи таҳлил дар ҳама кооперативҳои номбурда фоидаи балансӣ ва дараҷаи фоиданокӣ тамоюл ба рушд дорад. Ҳамчунин, дараҷаи фоиданокӣ дар кооперативҳои кишоварзию тиҷоратии номбурда аз 20,1% дар кооперативи кишоварзию тиҷоратии "Сабз" то 25,1% дар кооперативи кишоварзию тиҷоратии "С. Зарипов" афзоиш ёфтааст. Аммо суммаи аз ҳама зиёди фоида дар кооперативи кишоварзию тиҷоратии "Р.Қосимов" ба қайд гирифта шудааст. Ба ҳамин монанд дар мисоли кооперативҳои кишоварзию тиҷоратии номбурда, мо ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ,

сармояғунҷоиши маҳсулот ва СИИ сармоягузориҳоро муайян намуда, дар ҷадвали 2.3.7 ҷой додем.

Ҳамчунин, дар таҳлили диссертатсионӣ мо рушди фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосиро дар мисоли корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворїи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем, (Ҷадвали 2.3.8.).

**Ҷадвали 2.3.8.-Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | ҶСК Суғдиён орди ш.Кӯлоб | | ҶСП Комбинати шири ш. Кӯлоб | | ҶСК «Хоҷа Мумин», ноҳияи Восеъ | | ҶДММ «Зоир А», ноҳияи Восеъ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* |
| МУК, ҳаз. сомонӣ | 497,77 | 1021,56 | 204,28 | 455,81 | 1080,79 | 1475,28 | 456,1 | 634,7 |
| ААп МУК, ҳаз. сомонӣ | 430,6 | 879,9 | 178,1 | 394,3 | 957,3 | 1277,3 | 398,0 | 550,0 |
| Фоидаи корхона, ҳаз.сомонӣ | 67,17 | 141,66 | 26,18 | 61,52 | 123,49 | 197,98 | 58,1 | 84,7 |
| Дараҷаи фоиданокӣ, % | 15,6 | 16,1 | 14,7 | 15,6 | 12,9 | 15,5 | 14,6 | 15,4 |
| Андоз аз фоида 13%, ҳаз.сомонӣ | 8,73 | 18,41 | 3,4 | 7,99 | 16,04 | 25,73 | 7,55 | 11,0 |
| ШМК корхона, нафар | 42 | 34 | 26 | 29 | 32 | 37 | 6 | 7 |
| МММ 1 коргари корхона, сомонӣ | 320 | 929 | 335 | 850 | 285 | 620 | 350 | 535 |
| С/СА, ҳаз. сомонӣ | 220,0 | 325,5 | 65,5 | 158,3 | 142,0 | 450,0 | 13,2 | 25,6 |
| $T_м$ /СА, сол | 3,2 | 2,3 | 2,5 | 2,57 | 1,95 | 3,6 | 2,3 | 3,0 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтарҳои хоҷагидории корхонаҳои таҳлилшуда ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Аз таҳлили ҷадвали 2.3.8. маълум мегардад, ки дар давраи таҳлил динамикаи рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои коркарди маҳсулоти озӯқаворӣ дар минтақаи Кӯлоб дар маҷмуъ мусбӣ арзёби гардидаанд. Яъне кулли корхонаҳои номбурда, ки ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд дар давраи таҳлил фоидаи худро афзун намуда ва дараҷаи фоиданокии онҳо дар ҳудуди 15-16% қарор дорад. Музди миёнамоҳонаи коргарон ба ҳисоби миёна аз 285-320 сомонии соли 2017 то 830-920 сомонии соли 2021 афзоиш ёфтааст. Ҳамчунон, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар ин корхонаҳо тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, ин нишондиҳанда дар ҶСК Суғдиён орди шаҳри

Кӯлоб 47,2%, ҶСП Комбинати шири шаҳри Кӯлоб 2,4 маротиба, ҶСК «Хоҷа Мумин», ноҳияи Восеъ 1,9 маротиба, ҶДММ «Зоир А», ноҳияи Восеъ 2 маротиба афзоиш ёфтааст. Инчунин, дар ҷадвали мазкур муҳлати харидшавии сармоягузориҳои корхонаҳои номбурда бо назардошти суммаи фоидаи онҳо муайян карда шудааст.

Дар ҷадвали 2.3.9. нишондиҳандаҳои асосии чор корхонаи коркарди пахта дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021 таҳлилу баҳогузорӣ гардидаст.

**Ҷадвали 2.3.9.-Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои коркарди пахта дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил», н. Данғара | | ҶДММ «Тиллои Сафед», ш. Кӯлоб | | ҶДММ «Инсоф», н. М.С.А. Ҳамадонӣ | | ҶДММ «Зиёратшоҳ», н. Фархор | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* | *2017* | *2021* |
| Иқтидори истеҳ. корхона, тонна/ сол | 21500 | 35000 | 18500 | 22600 | 15000 | 15000 | 22000 | 22000 |
| Баромади нахи пахта, тонна | 2856,5 | 6704,5 | 700,6 | 864,2 | 232,4 | 2115,8 | 3205,0 | 2686,0 |
| Ҳамаги хароҷотҳои истеҳсолӣ, ҳаз.сомонӣ | 61381,0 | 194174,4 | 6077,2 | 6987,3 | 3126,8 | 65467,0 | 31581,4 | 52872,0 |
| Даромади умумӣ, ҳазор сомонӣ | 67907,0 | 183972,8 | 6833,8 | 7807,2 | 2772,7 | 65890,8 | 34421,8 | 54680,3 |
| Истифодаи иқтидори истеҳ. корхона, % | 39,8 | 57,3 | 12,5 | 11,5 | 5,11 | 46,54 | 24,0 | 49,3 |
| ФСММКК, ҳаз.сомонӣ | 921,6 | 2742,6 | 86,2 | 107,1 | 52,8 | 124,6 | 198,8 | 1308,3 |
| Фоида, зарар (+,-), ҳазор сомонӣ | 6526,0 | -10201,6 | 756,6 | 819,9 | -354,1 | 423,8 | 840,4 | 1808,3 |
| Дараҷаи фоиданокии истеҳсолот, % | 10,6 | - | 12,4 | 11,7 | - | 0,6 | 2,7 | 3,4 |
| Ҳаҷми пахтаи хоми коркардшуда, тонна | 8569,5 | 20113,5 | 2312,1 | 2592,6 | 766,9 | 6982,1 | 10576,5 | 10852,0 |
| ФАИ, ҳаз. сомонӣ | 245512,3 | 906656,3 | 15622,5 | 15622,5 | 25623,4 | 25623,4 | 5277,8 | 5277,8 |
| ШМК, нафар. | 256 | 648 | 18 | 19 | 22 | 45 | 38 | 41 |

***Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтарҳои хоҷагидории корхонаҳои таҳлилшуда ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

. Аз ҷумла дар ҷадвали мазкур иқтидори истеҳсолии корхонаҳо, баромади нахи пахта, хароҷотҳои истеҳсолӣ, суммаи умумии фоида ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидории ин корхонаҳо баҳисобгирӣ ва арзёбӣ шуда дар ҷадвали мазкур ҷойгир кунонида шудааст. Аз таҳлил бармеояд, ки аз рӯйи дараҷаи фоиданокӣ вазъи

нисбатан хубро ҶДММ «Тиллои Сафед»-и ш. Кӯлоб доро мебошад, ки дараҷаи фоиданокии истеҳсолоти он дар ҷамъбасти соли 2021 11,7%-ро ташкил додааст. Аммо аз нигоҳи ҷалби коркунон ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил»-и н. Данғара бартарӣ дорад, зеро дар давраи таҳлил шумораи миёнасолонаи коркунони он аз 256 нафар то 648 нафар афзоиш ёфтааст. Ҳамчунон, сармоягузориҳо низ дар ин корхона дар давраи таҳлил 661144 сомонӣ ё 3,7 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, арзёбии истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлонро анҷом дода чунин натиҷагириҳо намудем: 1) Вилояти Хатлон аз ду минтақаи агросаноатӣ таркиб ёфтааст: а)Минтақи агросаноатии Вахшу-Бохтар; б)Минтақаи агросаноатии Кӯлоб. Минтақаи агросаноатии Кӯлоб объекти тадқиқотии рисолаи илмии мо маҳсуб меёбад. Масоҳати замини минтақа 50,2%-и масоҳати замини вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии доимии минтақа дар соли тақвимӣ 1343,8 ҳазор нафар буда, 44,1%-и аҳолии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кори иқтисодиёти минтақа ба 193,7 ҳаз. нафар баробар аст, ки он 39,8%-и шумораи аҳолии машғули кори вилояти Хатлонро ташкил медиҳад; **2)** Дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 11 ноҳия, 2 шаҳр, 6 шаҳрак ва 66 ҷамоатҳо фаъолият мекунанд. Маҳсулоти умумии саноатии минтақа 42,0%-и маҳсулоти умумии саноатии вилоятро ва маҳсулоти умумии кишоварзӣ 34,0%-и маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад; 3) Ҳаҷми сармоягузориҳо дар минтақаи Кӯлоб дар давраи таҳлил 57,3% ва ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар минтақаи номбурда 18,5% афзоиш ёфтааст; 4) Динамикаи рушди бозори меҳнат дар вилояти Хатлон аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб баҳогузорӣ шудааст. Аз ҷумла муайян карда шудааст, ки 63,8% аҳолии машғули кори вилоят дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин 39,7% ба минтақаи Кӯлоб ва 60,4% ба минтақаи Вахшу-Бохтар рост меояд. Дар давраи таҳлил аҳолии машғули кори минтақаи Кӯлоб 8,7% ва аҳолии машғули кори минтақаи Вахшу-Бохтар 7,5% афзоиш ёфтааст; 5)

Майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб 43,3% аз ҷумла майдони замини кишти зироати ғалла 59,5%, майдони замини кишти зироатҳои техникӣ 28,7%, ва майдони замини боғҳо 53,6% ва майдони замини кишти токзорҳо 41,9%-и нишондиҳандаҳои ба ин монанди вилояти Хатлонро ташкил медиҳад; 6) Дар минтақаи агросаноатии Кӯлоб 40,7%-и саршумори чорвои калон, 49,3% саршумори бузу гӯсфанд, 26,7% саршумори паранда ва 46,9% саршумори аспи вилояти Хатлон парвариш карда мешавад; 7) Дар зербоби мазкур муаллиф пурсишномаи субъектҳои хоҷагидории минтақаи Кӯлобро оид ба вазъи сармоягузориҳои онҳо анҷом додааст, ки ин пурсишнома дар Ҷадвали 2.3.6 ҷойгир кунонида шудааст. Маълумотномаҳои саволҳои пурсишномаро тасдиққунанда бо муҳру имзои мақомоти омори минтақа маҳфуз ҳастанд; 8) Дар зербоби мазкур динамикаи рушди иқтисодиёт ва сармоягузориҳо дар мисоли хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ (Ҷадвали 2.3.7.) ва дар ҷадвали 2.3.8. динамикаи рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар ККМК минтақаи Кӯлоб баҳисобгирӣ шудаанд, ки дар маҷмуъ аз вазъи сармоягузориҳои дар ин минтақаи вилояти Хатлон малумот медиҳанд.

## БОБИ 3. САМТҲО ВА РОҲҲОИ БЕҲТАРГАРДОНИИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИИ САНОАТИКУНОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ АГРАРӢ

### 3.1. Танзими таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати кишоварзӣ дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ

Дар стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегияи мазкур муайян гардидааст.[93] Маълум аст, ки саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама, ба иқтисодиёти агросаноатии он дахл дорад. Зеро ҷумҳурии мо айни замон дар байни дигар давлатҳо ҳамчун кишвари агросаноатӣ шинохта мешавад. Аз ин рӯ, Президенти кишвар низ саноатикуниониро ҳамчун ҳадафи стратегӣ барои он эълон намуданд, ки кишварамонро дар ин муддат аз кишвари агросаноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ табдил диҳем. Қобили қайд аст, ки аз 2/3 корхонаҳои истеҳсолии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба корхонаҳои агросаноатӣ рост меояд. Аз ин лиҳоз, саноатикунонии босуръати истеҳсолоти кишвар маҳз ба корхонаҳои КАС бештар тааллуқ дорад. Аз ин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт дар баробари Стратегияи миллии рушд дар солҳои охир ҳамчунин, барномаҳои давлатии макроиқтисодӣ, барномаҳои соҳавӣ, консепсияҳо, қарорҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул намудааст, ки онҳо ба саноатикунонии истеҳсолоти кишвар мусоидат мекунанд.

Дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 барои сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бахши махсус 5.4. бо номи фазои сармоягузориҳо мушкилоти асосӣ ва афзалиятҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҷудо шудааст, ки дар он самтҳо натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди соҳибкорӣ ва шароитҳои сармоягузорӣ, арзёбӣ гардидаанд.[94] Дар ин хуҷҷати муҳими давлатӣ масоили сармоягузориҳо аз се нуқтаи назар баҳо дода шудаанд: мушкилоти асосӣ, самтҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилот ва натиҷаҳои чашмдошт,(Ҷалвали 3.1.1.).

---

[93] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият ва самтҳои асосӣ. – Душанбе, 2019–С.8.

[94] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе 2016-С.89.

**Ҷадвали 3.1.1. Дурнамои сиёсати сармоягузории давлат дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030**

СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мушкилотҳои асосӣ:**

- маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо дурдаст аз бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ ва роҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ алоқаманд аст;

-рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини неруи барқ, дараҷаи баланди бюрократизатсияи ҳокимияти давлатӣ;

- монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра);

- вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва дигар) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ;

- номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, ноустуворӣ дар бозори асъор ва равандҳои таваррумӣ;

-сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;

-мураккаб будани тартиби (монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ) воридот ва содирот ва мавҷуд набудани ҳамкории зарурии минтақавӣ, бахусус дар соҳаи тиҷорат, транзит ва табодули иттилооти экологӣ;

-нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо афзалиятҳои чорабиниҳои миллӣ стратегияҳои соҳавии барномаҳои рушди минтақавӣ.

**Самтҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилот:**

-рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат оид ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва баланд бардошани иқтидори содиротии кишвар;

-кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташаккули инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

-ташаккулдиҳии низоми иттилоотии соҳибкорӣ дар саноат ва мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо бо назардошти талаботи мардон ва занон, соҳибкорони деҳот;

-пурзӯр намудани ҳуқуқҳои молу мулкӣ, рушди рақобат ва таъсисдиҳии ниҳод (институт)-и Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон;

-истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори роҳи оҳан ва барқарорсозии фурудгоҳҳо, дар соҳаи ХМК, маориф ва тандурустӣ;

-таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд тавассути истифодаи таҷрибаи пешқадами раванди Ҳамкориҳои глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш барои рушд (ҲГҲСБР).

-Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ;

-такмилдиҳӣ ва пурзӯр намудани ниҳоди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ;

-тархрезӣ кардани шаклҳои созишномаҳои сармоягузорӣ ва мукаррар намудани тартиби шаффофи бастани онҳо;

-такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ ва афзоиши ҷолибияти сармоягузориҳои -

**Натиҷаҳои чашмдошт:**

-ташкил кардани муҳити устувор ва самарабахши рақобатнок барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, рушди соҳибкории ба содироти маҳсулоти ватанӣ мусоидкунанда ташкил карда шуд;

-монеаҳои маъмурӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна кам карда шуданд ва низоми мусоидаткунандаи рушди он таъмин мегардад;

-бозори молиявӣ, бозори такрории коғазҳои қимматнок инкишоф ёфта, бозорҳои суғурта либерализатсия ва диверсификатсия мешаванд;

-бозори мустақили карзии Тоҷикистон таъсис дода мешавад;

-низоми самарабахши танзими давлатии иқтисодиёт ва либерализатсияи бахшҳои иқтисодиёт ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо амалӣ мегардад;

-низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ бо назардошти иқтидорҳои занон дар заминаи кластерҳои ҳудудию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ ташаккул меёбад;

-низоми баҳисобгирии мушкилиҳои экологӣ ҳангоми ташаккул додани фазои соҳибкорӣ ва беҳсозии иқлими сармоягузорӣ такмил дода мешавад;

-самаранокии ҳамкории сохторҳои тиҷоратӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи дастгирии маъмурӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ баланд бардошта мешавад;

-низоми ҳавасмандгардонӣ, дастгирии давлатӣ ва кафолат ҷиҳати ҷалби захираҳои бахши хусусӣ дар амалисозии ...

Маъхаз: Ҷадвал дар асоси омӯзишу ташхисҳои масоили сармоягузорӣ дар СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030 таҳия гардидааст.

Қобили қайд аст, ки дар Стратегияи милли рушд бо назардошти иҷроиши вазифаҳо се сенарияи рушд пешниҳод мекунанд:

1. Дар сенарияи инертсионӣ пешбинӣ мешавад, ки модели аграрию саноатии рушд боқӣ мемонад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи саноат дар сохтори ММД дар солҳои 2016-2020 22-22,5% ва 12-12,5%, солҳои 2021-2025 22-22,5% ва 15-15,5% ва солҳои 2026-2030 22,5-23% ва 19-19,5% пешбинӣ мегардад. Суръати афзоиши миёнасолонаи ММД аз рӯйи сенарияи мазкур дар тамоми давраи пешбинишаванда аз 6-7 то 4-5% коҳиш меёбад, ММД дар тамоми давраи пешбинишаванда 2 маротиба афзуда, ҳаҷми он ба ҳар нафар аҳолӣ танҳо 2 маротиба зиёд мешавад.

2.Сенарияи индустриалии рушд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад. Дар чунин сатҳ ҳиссаи бахши аграрӣ дар сохтори ММД зиёда аз 1,1 маротиба коҳиш меёбад (дар давраи солҳои 2016-2020 сатҳи коҳишёбӣ аз 23,3 то 21 %, солҳои 2021-2025 20,1% ва солҳои 2026-2030 то 19-19,5%), ҳиссаи саноат дар сохтори ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,8 маротиба афзоиш меёбад. Ҳиссаи соҳаи сохтмон дар сохтори ММД аз рӯйи панҷсолаҳои дар сенарияи мазкур пешбинигардида тадриҷан аз 16-16,5% (солҳои 2016-2020) то 17-17,6% (солҳои 2021-2025) афзоиш ёфта, ба 18,5-19,5% то соли 2030 мерасад.

3.Сенарияи индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишварро пешбинӣ мекунад. Дар чунин сатҳ вазни қиёсии бахши аграрӣ дар сохтори ММД қариб 1,25 маротиба коҳиш меёбад (солҳои 2016-2020 коҳишёбӣ аз 23,3 то 19,5-20,5%, солҳои 2021-2025 то 18-18,5% ва солҳои 2026-2030 то 17-18%) ва ҳамзамон вазни қиёсии соҳаи саноат дар сохтори ММД, то охири давраи пешбинишаванда қариб 1,8 маротиба (солҳои 2016-2020 афзоиш аз 12,3 то 13,5%, солҳои 2021-2025 то 16-16,5% ва солҳои 2026-2030 то 20-21%) афзоиш меёбад. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ нисбат

ба соли 2015 5,1 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 6,4 маротиба, саноати коркард 5,5 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,2 маротиба афзоиш меёбад. Вазни қиёсии соҳаи сохтмон дар сохтори ММД аз рӯйи панҷсолаҳо дар сенарияи мазкур тадриҷан аз 16-16,5% (солҳои 2016-2020) то 18-18,5% (солҳои 2021-2025) афзоиш ёфта, ба сатҳи 19,2-20,2% дар соли 2030 мерасад.[95]

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 таъкид шуда буд, ки истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бе ворид намудани технологияҳои нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад. Дар панҷ соли охир беш аз 10 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ба маблағи 570 миллион сомонӣ ворид карда, барои ин дар ҳаҷми беш аз 200 миллион сомонӣ имтиёзҳо татбиқ гардиданд. [96]

Ҳадафи стратегии дигар, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад, ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад. Бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардид, яъне аз 7,4 миллиард сомонии соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуда, содироти маҳсулоти соҳа мунтазам афзоиш ёфт. Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд татбиқи 17 лоиҳаи давлатии сармоягузориро дар самти обтаъминкунии аҳолӣ дар ҳаҷми 2,4 миллиард сомонӣ оғоз кард, ки 50% онҳо амалӣ гардидаанд.

---

[95] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-Душанбе 2016-С.17-20.
[96] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2017. С.13.

Дар самти кишоварзӣ ва обёрии замин 35 лоиҳа ба маблағи умумии 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шуданд. [97]

Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчӣ бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст. Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардид, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим буданд. Тибқи санадҳои қабулшуда ҷалби сармояи хусусӣ бояд афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи он нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 10 фоиз расонида шуд. Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шуд. Дар соли 2020 татбиқи боз 23 лоиҳаи нави давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ оғоз ёфтанд. Ҳукумати Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардааст, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7%) зиёд гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи “Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025” доир ба таъмин кардани аҳолии кишвар бо оби босифати ошомиданӣ як силсила корҳоро анҷом додааст. Дар самти таъминоти аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони

[97] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2018. С.16.

рушд 52 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 7,8 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. То имрӯз дар 23 шаҳру ноҳияи кишвар, аз ҷумла дар аксари шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ доир ба обтаъминкунӣ дар ҳаҷми 1,5 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 9 лоиҳаи дигар ба маблағи боз 1,5 миллиард сомонӣ идома дорад. То имрӯз дар самти азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми қариб 2 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст ва ҳоло чунин лоиҳаҳо ба маблағи 665 миллион сомонӣ идома доранд. Бо вуҷуди ин, ҳар сол майдони беш аз 40 ҳазор гектар замин дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор мегирад. [98]

Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5% афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 9,7% афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ 8,8% ва гардиши савдои хориҷӣ 0,8%, аз ҷумла содирот дар ҳаҷми 19,8% заминаи рушди иқтисодии кишварро ба вуҷуд овард. Хусусан, истеҳсоли маҳсулоти озуқа нисбат ба соли 2019-ум 28,3% афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд. Тибқи таҳлилҳо рушди миёнаи солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 1997-2020-ум 7,3% ташкил дода, ҳаҷми он дар ин давра 5 баробар афзоиш ёфтааст. Имтиёзҳои барои рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ пешниҳодшуда ба рушди соҳаҳои зикршуда такони ҷиддӣ бахшиданд. Масалан, соли 2020 шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ба 181 адад расида, нисбат ба соли 2017-ум 2,7 баробар зиёд гардидааст. Дар соли 2020 истеҳсоли гӯшти паранда нисбат ба соли 2017-ум 4,5 баробар афзудааст ва истеҳсоли тухм қариб як миллиард донаро ташкил

---

[98] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2019. С.15-21.

дода, 5,5 баробар зиёд шудааст. Шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар соли 2020-ум нисбат ба соли 2017-ум 35% зиёд шуда, истеҳсоли моҳӣ дар давраи муқоисашаванда 2,3 баробар афзуд. Воридоти гӯшт ба кишвар аз 10700 тоннаи соли 2014 то 180 тонна дар соли 2020 коҳиш ёфт, яъне қариб 60 баробар кам шуд. Ҳаҷми воридоти гӯшти паранда дар соли 2020 нисбат ба соли 2017 зиёда аз 3 баробар коҳиш ёфт. Соли 2020 нисбат ба соли 1991 истеҳсоли ғалладонагиҳо қариб 5 баробар, картошка 7,7 баробар, сабзавоту зироатҳои полезӣ 4 баробар ва мева 3 баробар зиёд шуд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудкунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузории 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шуд. Ҳоло дар кишвар боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ майдони боғу токзори кишвар ба беш аз 200 ҳазор гектар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991-ум 2,2 баробар зиёд мебошад. [99]

Дар давоми 20 соли охир 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардид, ки ин имконият фароҳам овард барои рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ. Махсусан маҳсулоти умумии кишоварзии ҷумҳурӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 1992 тақрибан 4 маротиба афзоиш ёфта, аз 11млрд сомонӣ ба 40 млрд сомонӣ расидааст. Ҳамчунин дар давраи истиқлолият шумораи корхонаҳои саноатии мамлакат ба 2360 адад расида танҳо дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 256 корхонаҳои нави саноатӣ ба истифода дода шуданд, ки дар ин корхонаҳо 2500 нафар мутахассисони ватанӣ ба ҷои корӣ таъмин гардиданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 2021 ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 6,8 млрд сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб гардид, ки 2,5 млрд сомонии онро сармояи мустақими хориҷӣ ташкил

[99] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2020. С.14-23.

медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур нисбати соли 2020 тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, сармояи хориҷӣ дар умум 42% ва сармояи мустақими хориҷӣ 39% нисбати соли 2020 зиёд гардидааст.[100]

Мавриди зикр аст, ки дар бораи муҳиммияти сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар баробари гуфтаҳои боло дар консепсияҳои давлатии рушди иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла консепсияи рушди инноватсионии КАС, ки барои то соли 2030 таҳия гардидааст ва таъкидҳои муфассал қайд шудаанд. Масалан, дар ин консепсия дар баробари дигар таҳдидҳои ба рушди инноватсионии КАС монеъшаванда инҳо низ номбар шудаанд. Заминаи сусти моддию техникӣ ва суръати пасти таҷдиди фондҳои асосии истеҳсолӣ, ки ба коркарди саривақтии ашёи хом ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда таъсири манфӣ расонида, имконият намедиҳанд, ки бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ пурра таъмин гардад. Модернизатсияи саноати хӯрокворӣ ва коркард дар асоси таҷҳизоти хориҷӣ амалӣ мегардад, ки барои рушди соҳа таҷдидҳои зиёд ба вуҷуд меоварад. Идома ёфтани қафомонии техникию технологии истеҳсолоти агросаноатӣ, рушд накардани системаи инноватсионии комплекси агросаноатӣ, заъфи истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан саноати хӯрокворӣ ва коркард, инчунин дигар соҳаҳои саноат, аз ҷумла соҳаи хизматрасонии истеҳсолии бахши аграрӣ аз омилҳои асосии монеъшаванда ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат, рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣи ватанӣ мебошанд.[101]

Қобили қайд аст, ки ҳалли мушкилоти номбурда, пеш аз ҳама, ба норасоӣ ва истифодаи ғайрисамараноки сармоягузориҳои асосӣ дар кишоварзӣ ва КАС алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар консепсияи мазкур механизми молиявӣ-иқтисодии татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар КАС чунин муқаррар шудаанд: - истифодаи маблағгузории такрории таҳияи илмию техникӣ, инчунин кӯмакҳои давлатӣ, субсидия ва грантҳо; - дастгирии барномаҳои байниминтақавии технологияҳои баланди

[100] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе-2021. С.15-19.
[101] Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2014. - С.20.

инноватсионӣ; - ҳавасманд намудани сармоягузорон;- инкишоф додани лизинги технологияҳои илмӣ ва таҷҳизоти нодир; - дастгирии фаъолияти патентӣ ва ихтироотӣ, мусоидат намудан барои ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ҳифзи ҳуқуқи онҳо дар ҷумҳурӣ ва хориҷа; - пешниҳод намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳибкории хурди инноватсионӣ ҳангоми эълон намудани озмоиш барои татбиқи лоиҳаҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ.[102]

Ҳамчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои соҳавӣ низ ба рушди сармоягузориҳо дар соҳаҳои КАС диққати махсус медиҳад. Масалан, дар доираи барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 қайд шудааст, ки истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси корхонаҳои нав имконият медиҳанд, ки то соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли риштаи пахтагин 1,3 маротиба, матоъҳои пахтагин 14 маротиба, маҳсулоти дӯзандагӣ 1,4 баробар, маҳсулоти кешбофӣ 1,7 баробар, ҷӯробу пайпоқ 1,1 баробар, коркарди пӯст 2,3 баробар, пойафзол 1,5 баробар, мебел 1,3 баробар ва адрасу атлас 1,4 баробар афзоиш ёбанд. Қобили қайд аст, ки ҳаҷми умумии маблағгузорӣ барои татбиқи барнома то соли 2022 аз ҳисоби ҷалби соҳибкорон, сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва маблағҳои корхонаҳо беш аз 438 млн сомониро ташкил медиҳад.[103]

Ҳуҷҷати дигари расмӣ дар ин ҷода барномаи рушди саноати хӯрокврии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мебошад. Ҳаҷми умумии воситаҳои молиявӣ аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва берунӣ, қарзҳои бонкӣ ва маблағҳои худии корхонаҳои соҳа барои иҷрои барнома дар солҳои 2020-2025 зиёда аз 568,8 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки ба натиҷаҳои зерин мусоидат менамояд: болоравии иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ ва деҳот; зиёдашавии ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатии хӯрокворӣ;

[102] Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии ҶТ. -Душанбе-2014. С.22.
[103] Барномаи рушди саноати сабук дар ҶТ барои давраи то соли 2022. –Душанбе, 2019. - С.18.

**Ҷадвали 3.1.2. Дурнамои истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***2020*** | ***2021*** | ***2022*** | ***2023*** | ***2024*** | ***2025*** | ***2026*** | ***2027*** | ***2028*** | ***2029*** | ***2030*** |
| Ҳаҷми истеҳсоли гандум, ҳаз.тон | 912,0 | 912,7 | 913,4 | 914,1 | 914,8 | 915,5 | 916,2 | 916,9 | 917,6 | 918,3 | 919 |
| Ҳаҷми коркарди гандум бо дарназардошти воридот, ҳаз.тон | 1149,2 | 1264,1 | 1352,5 | 1447,2 | 1548,5 | 1656,9 | 1751,7 | 1851,3 | 1950,9 | 2050,5 | 2150,2 |
| Истеҳсоли мева, ҳаз.тон | 476,6 | 488,8 | 511,0 | 543,2 | 554,1 | 567,9 | 592,06 | 611,62 | 631,18 | 650,74 | 670,3 |
| Истеҳсоли сабзавот, ҳаз.тон | 2288,5 | 2334,3 | 2416,0 | 2464,3 | 2526,0 | 2614,3 | 2665,8 | 2730,2 | 2794,5 | 2858,9 | 2923,2 |
| Ҳаҷми коркарди меваю сабзавот дар корхонаҳои консервабарорӣ, ҳаз. тон | 14,4 | 14,9 | 15,1 | 15,6 | 15,8 | 16,6 | 16,8 | 17,2 | 17,6 | 18,0 | 18,4 |
| Истеҳсоли консерваи меваю сабзавот, млн қуттии шартӣ | 25,3 | 26,1 | 26,5 | 27,3 | 27,8 | 29,2 | 29,6 | 30,3 | 31,0 | 31,8 | 32,5 |
| Истеҳсоли шир, ҳаз.тон | 988,8 | 997,0 | 1005,3 | 1013,3 | 1021,4 | 1029,6 | 1037,8 | 1045,9 | 1054,1 | 1062,2 | 1070,3 |
| Ҳаҷми истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда), ҳаз.тон | 269,6 | 280,5 | 286,2 | 294,7 | 300,6 | 274,3 | 293,5 | 296,2 | 298,8 | 301,5 | 304,1 |
| Ҳаҷми коркарди гӯшт, ҳаз.тон | 58,8 | 60,9 | 62,1 | 63,9 | 65,2 | 59,7 | 63,7 | 64,2 | 64,8 | 65,3 | 65,9 |
| Истеҳсоли пахта, ҳаз.тон | 423,4 | 424,5 | 425,6 | 426,8 | 428,1 | 429,4 | 430,5 | 431,7 | 432,9 | 434,1 | 435,3 |
| Истеҳсоли чигит, ҳаз.тон | 213,0 | 213,5 | 214,0 | 214,5 | 215,0 | 215,5 | 216 | 216,5 | 217 | 217,5 | 218 |
| Истеҳсоли равған, ҳаз.тон | 24,0 | 24,1 | 24,2 | 24,3 | 24,4 | 25,5 | 25,3 | 25,5 | 25,8 | 26,0 | 26,2 |
| Истеҳсоли кунҷора, ҳаз.тон | 164,0 | 164,4 | 164,8 | 165,2 | 165,6 | 170,0 | 169,1 | 170,0 | 171,0 | 172,0 | 173,0 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С. 448-449 ва Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

зиёдшавии даромаднокии аҳолии шаҳру деҳот, коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ; васеъ гардидани бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ; то 30 фоиз зиёд шудани вазни қиёсии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои саноати хӯроквορӣ; сохта ба истифода додани корхонаҳои нави саноатӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои мухталифи саноати хӯроквορӣ; паст шудани нархи маҳсулоти хӯроквορӣ дар бозорҳои ҷумҳурӣ; таъсиси марказҳои логистикӣ дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба нигоҳдорӣ ва таъминоти маҳсулот.[104] Қобили қайд аст, ки дар асоси таҳлилу омӯзишҳои маводи қаблан таҳлилшуда мо дурнамои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти озуқаворӣи ватаниро дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2025-2030 тахия намудем, (Ҷадвали 3.1.2.).

Ҳамчунин, истеҳсолу коркарди ҳар як намуди маҳсулотҳои дар ҷадвали 3.1.2 овардашударо дар шакли графикӣ тасвир намудан мумкин аст.




**Диаграммаи 3.1.1. –Дурнамои ҳаҷми истеҳсоли гандум ва коркарди саноатии он**
***Сарчашма:*** *Таҳқияи муаллиф дар заминаи ҷадвали 3.1.2.*

Масалан, дар диаграммаи 3.1.1. мо ҳаҷми истеҳсоли гандум ва коркарди саноатии онро ба тариқи зерин пешниҳод намудем.Таҳлилу омӯзишиҳои маводи овардашуда дар бораи сиёсати давлатии

[104] Барномаи рушди саноати хӯроквории ҶТ барои солҳои 2020-2025. –Душанбе, 2019. С.16.

сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ ва КАС, дар доираи стратегияҳо консепсияҳо барномаҳои давлати нишон дод, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлоли то ба имрӯз аз танзиму дастгирии КАС ва соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар бахши сармоягузориҳо ба сармояи асосии онҳо худро барканор нагирифтааст, албатта камбудиҳо, норасоиҳо, камчинии маблағ дар ин самт ба назар мерасад. Аммо тайи 30-соли истиқлолият танзими давлатии ин комплекс қатъ нагардидааст. Дар бораи муҳимтарин нақшаҳо, барнома ва сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дахл доштаи кишоварзӣ ва корхонаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ мо аз тариқи ҳисоботҳои онҳо чунин натиҷагириҳо намудем.

Дар радифи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар миқёси ҷумҳурӣ мо ҳамчунин дурнамои истеҳсоли маҳсулотҳои асосии озуқавории баромади кишоварзиро дар минтақаи Хатлон баҳисобгирӣ намудем, ки дар ҷадвали зер оварда шудааст, (Ҷадвали 3.1.3.).

**Ҷадвали 3.1.3.-Дурнамои талабот ба маҳсулотҳои озуқаворӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030**

| Нишондиҳанда | Талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ дар як сол | Дурнамои аҳолии ВХ то соли 2025, ҳаз. нафар | Дурнамои аҳолии ВХ то соли 2030, ҳаз. нафар | Солҳо | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2025 | 2030 |
| Истеҳсоли гандум, тон | 147,7кг | 3781,6 | 4423,5 | 558542,3 | 653350,9 |
| Истеҳсоли мева, тон | 124,1кг | 3781,6 | 4423,5 | 469296,5 | 548956, 3 |
| Истеҳсоли сабзавот, тон. | 166,1кг | 3781,6 | 4423,5 | 628123,7 | 734743,3 |
| Истеҳсоли шир, тон | 115,3кг | 3781,6 | 4423,5 | 436018,5 | 510029,5 |
| Истеҳсоли гӯшт, тон | 40,8кг | 3781,6 | 4423,5 | 154289,3 | 180478,8 |
| Истеҳсоли тухм, ҳаз.дона | 180 дона | 3781,6 | 4423,5 | 680688 | 796230 |
| Истеҳсоли равған,тон | 16,6кг | 3781,6 | 4423,5 | 62774,5 | 73430,1 |
| Истеҳсоли картошка, тон | 92кг | 3781,6 | 4423,5 | 347907,2 | 406962 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси меъёрҳои истеъмолии маҳсулотҳои хӯроквории тавсиявии ТУТ дар алоқаманди бо меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.*

Ҳуҷҷати дигаре, ки дар бораи таъсир ва танзими давлатӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар корхонаҳои КАС маълумот медиҳад, ин Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мебошад. Дар барномаи мазкур аз

ҷумла қайд гардидааст, ки саноати хӯрокворӣ дар базаи ашёи хоми мамлакат соли 2025 нисбат ба соли 2019 1,8 маротиба афзоиш меёбад. Мавриди зикр аст, ки дар ҳуҷҷати номбурда барои ба ин ҳадафҳо расидан аз ҷумла барои нигоҳ доштани амнияти озуқаворӣии мамлакат самтҳои зерини рушди соҳаҳои номбурда нишон дода шудаанд: -ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ; -таъмин намудани корхонаҳои ватанӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ (нахи пахта, пӯст, пашм, пилла ва меваю сабзавот) барои коркард то маҳсулоти ниҳоии арзиши баланддошта; -ташкили фермаҳои комплексӣ барои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ бо истифодаи технологияи муосир;-баланд гардонидани ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; -зиёд гардидани маҳсулотҳои коркардшудаи ватании маҳсулотҳои меваю сабзавот ва маҳсулотҳои гӯштиву ширӣ дар бозорҳои истеъмолии кишвар ва коҳиш ёфтани маҳсулоти воридотӣ; -ба шуғл фаро гирифтани аҳолии кишвар ба ҷойҳои кории доимию мавсимӣ; -вусъат бахшидан ба корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самтҳои селексия, тухмипарварӣ ва ҷиҳати татбиқи технологияҳои муосири парвариши зироатҳои кишоварзӣ; -ташкили корхонаҳои хурди истеҳсоли равған аз зироатҳои равғандиҳанда дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ; -баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои равғандиҳанда аз ҳисоби дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои беҳтарин ва тухмиҳои хушсифати репродуксияи баланд; -беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида; -бунёди боғҳои замонавӣ (интенсивӣ) бо истифода аз технологияҳои муосир; -ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳои навъҳои нави серҳосил, тагпайвандҳои нашвии қадпаст дар хоҷагиҳои давлатии ниҳолпарварӣ бо мақсади бунёди боғҳои интенсивӣ ва ғайра.[105] Нуқтаи муҳими барнома ин сарчашмаҳои молиякунонии ин чорабиниҳо ба шумор меравад. Чунки дар барномаи номбурда ҳам сарчашмаҳои дохилӣ ва ҳам ҷалби

[105] Барномаи саноатикунонии босуръати ҶТ барои солҳои 2020-2025.-Душанбе, 2020. С.60-61.

сарчашмаҳои хориҷӣ қайд гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки аксари ин чорабиниҳо сармоягузориҳое мебошанд, ки ба сармояи асосии корхонаҳои аграрию саноатии кишвар бояд равона карда шаванд. Ва инҳо маблағҳое ҳастанд, ки ҳам аз сарчашмаҳо буҷетҳои дараҷаҳои гуногун ва ҳам аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷавӣ бояд маблағгузорӣ карда шаванд. Аз ин ҷост, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 ин сарчашмаҳо ва ҳаҷми онҳо дурнамо шудаанд.[106]

Ҳамчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи кишоварзӣ низ дар мавриди сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ корҳои зиёде анҷом пазируфта истодаанд ва онҳо аз беҳтар гардидани вазъи базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ дарак медиҳанд. Масалан, ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2014, №727 «Дар бораи Барномаи ташкил ва барқарорсозии яхдону сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019», танҳо дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 5 сардхона бо ғунҷоиши 3770 тонна маҳсулоти кишоварзӣ сохта ба истифода дода шуд. Аз ҷониби Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба Муассисаи давлатии «Экспедитсияи мубориза бар зидди малах» 19 автомашинаи тамғаи Тайота бо таҷҳизотҳои дорупошӣ, 37 мототсикл, 5 трактори тамғаи МТЗ-82 бо таҷҳизоти дорупошӣ ва дигар маводҳои лозима дастрас карда шуда, ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсим карда шуд. Ба ҷумҳурӣ дар соли 2017 1153 техникаю мошинолоти кишоварзӣ ворид карда шуд. Аз ҷониби КВДҶ «Тоҷикагролизинг» ба маблағи 72 940 690 сомонӣ техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ харидорӣ гардида, аз ҷониби КВД “Мадад” бо ширкатҳои “ЮТО Интернейшинал” ва “Ловол”-и Ҷумҳурии Мардумии Чин, “Агромастер”-и Туркия шартнома баста шуда, ба маблағи 3785,2 ҳазор

[106] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. С.74.

сомонӣ техникаю мошинолотҳои кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ ба ҷумҳурӣ ворид карда шуд.[107]

Дар соли 2018 дар майдони 2851,2 гектар боғу токзорҳои нав бунёд намуданд, ки аз майдони умумии боғу токзорҳои нав 2654,4 гектар боғ, 195,5 гектарро токзор ва 1,3 гектарро тутзор ташкил медиҳад, ки 2515 гектари он дар таллу теппаҳои бо намӣ таъмин бунёд карда шудааст. Дар соли 2018 ба хоҷагиҳои ҷумҳурӣ 1566 техникаву мошинолоти кишоварзӣ ворид гардид, аз ҷумла аз ҳисоби КВДҶ «Тоҷикагролизинг» ба ҷумҳурӣ 217 адад техника ва 560 адад мошинолотҳои кишоварзӣ ва КВД "Мадад" ба маблағи 1,4 млн. сомонӣ тракторҳои гуноргунтамға ва қисмҳои эҳтиётӣ ворид намуданд.[108]

Дар соли 2019 бо мақсади азнавбарқароркунӣ дар майдони 2210,1 га боғ ва 189,2 га токзор корҳои барқароркунӣ амалӣ гардидаанд.[109]

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 дар майдони 2664 га (91,4%), аз ҷумла 2273,6 га боғ (92,3%) ва 388,9 га токзор (86,2%) бунёд карда шудааст. Дар баробари ин 108,4 га (70,8%) боғҳои интенсивӣ бунёд ва майдони 2002 га (94,3%) боғу токзорҳои кӯҳна барқарор карда шудааст. Айни замон дар миқёси ҷумҳурӣ 177 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият намуда истодаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 43 адад зиёд аст. Тибқи маълумотҳои дар соли 2020 ба хоҷагиҳои ҷумҳурӣ 1758 техникаю мошинолотҳои кишоварзӣ ворид гардидааст.[110]

Дар зарфи 30 соли истиқлолияти давлатӣ соҳаи кишоварзии мамлакат зина ба зина рушд намуда, дар соли 2021 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 183 ҳазор адад баробар гардида, ки ин шумора нисбат ба соли 2020 6,5 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 39,7 млрд сомонӣ, аз ҷумла ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ ба 28,7 млрд сомонӣ ва ҳаҷми умумии маҳсулоти

---

[107] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2017. -С.3. (13 саҳ.)
[108] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2018. -С.5. (13 саҳ.).
[109] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2019. -С.4. (13 саҳ.).
[110] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2020. –С.5. (21 саҳ.).

чорводорӣ ба 11 млрд сомонӣ баробар гардида, суръати рушд мутаносибан 106,6, 105,9 ва 108,4 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар зиёда аз 23 фоизро ташкил медиҳад.[111]

Ба ин монанд дар соҳаи саноат низ чорабинҳо ва корҳо бо мақсади азхуд намудани захираҳои ашёи хоми дохилии ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд. Масалан, дар соли 2016 барои навсозии техникию технологӣ корхонаҳои соҳаҳои саноат 720,6 млн.сомонӣ маблағҳои худӣ ва сармоягузорони хориҷӣ равона намуданд. Дар маҷмуъ дар соҳа дар ин сол 192 корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо 6630 ҷойҳои нави корӣ ташкил шуданд.[112]

Ҳамчунин, барои истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои асосӣ дар соли 2017, дар соҳаҳои саноат 557,6 млн.сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ сармоягузорӣ гардиданд, ки аз он маблағи 534,0 млн.сомонӣ (60,6 млн. доллари ИМА) сармояи хориҷӣ буданд.[113]

Дар соли 2018 барои истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат 757,7 млн. сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардиданд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ 131 адад корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси 1753 ҷойҳои нави корӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Аз ҷумла дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 18 корхона ва коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ бо таъсиси 179 ҷойҳои нави корӣ сохта ба истифода дода шуд, ки азимтарини онҳо коргоҳи нав бо истифода аз хатҳои технологии пешқадами корхонаи ордбарории “Анҳор”-и шаҳри Бӯстон бо иқтидори 380 тонна галла дар як шабонарӯз ва сармояи 8,5

[111] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2021. –С.5. (5 саҳ.).
[112] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати ҶТдар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017.-С.3. (23 саҳ.).
[113] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати ҶТ дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018.-С.4. (17 саҳ.).

миллион сомонӣ ба ҳисоб меравад. Дар саноати сабук ва пилла барои васеъгардонии истеҳсолот, таъсиси коргоҳи нав ва ба роҳ мондани истеҳсоли ашёи хом аз ҷониби корхонаҳои соҳа дар соли 2018 ба маблағи 215 млн. сомонӣ дастгоҳу таҷҳизот аз хориҷи кишвар ворид карда шуд.[114]

Дар соли 2019 барои таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти нави технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат 903,7 млн. сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ барои ворид намудани техника ва таҷҳизоти нави технологӣ равона гардиданд. Дар ҷумҳурӣ 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ ба истеҳсолот шурӯъ карданд.[115]

Соли 2020 дар соҳаи саноат 2274 корхона ба қайд гирифта шуда буд. Дар ҳамин давра 297 корхонаву коргоҳ бо таъсиси 6 500 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шуд. Ҳиссаи вилояти Суғд 51,1%, вилояти Хатлон 28,5%, ВМКБ 0,7%, шаҳри Душанбе 8,8% ва НТҶ 10,3%-ро дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил доданд. Дар ҳамин давра дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 61 корхона ва коргоҳи саноатӣ бо таъсиси 1095 ҷойи кории нав сохта ба истифода дода шуд. Азимтарин корхонаҳои бунёдгардидаи саноати хӯрокворӣ, ин корхонаҳои коркард ва банду басти мева ва сабзавоти хушки ҶДММ «Хуҷанд-Агро», истеҳсоли гӯшти мурғи ҶДММ «Чӯҷаи Байзо»-и ноҳияи Б.Ғафуров, коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулоти консервагии ҶСП «Оби Зулол»-и шаҳри Истаравшан ва коргоҳи нави истеҳсоли маҳсулоти ҳасибии ҶДММ «Ширкати Азизӣ»-и ноҳияи Б.Ғафуров ба шумор мераванд. Айни ҳол дар саноати хӯрокворӣ 516 корхона ба маҳсулоти ғизоии саноатӣ машғул мебошад, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 10 ҳазор нафар қобили меҳнатро ба кор фаро гирифта, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии ҷумҳурӣ саҳми назаррас доранд. [116]

[114] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати ҶТ дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019.-С.4. (20 саҳ.).

[115] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати ҶТ дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020.-С.1. (22 саҳ.)

[116] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати ҶТдар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021.-С.3. (24 саҳ.)

Ҳамин тариқ, таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишварро дар маводи КАС, аз ҷумла корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ ва саноати хӯроквории ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ намуда, чунин натиҷагириҳо намудем:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти ин масъаларо сари вақт дарк намуда, нуктаҳои асосӣ ва индикаторҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла КАС-и онро дар доираи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳавию байнисоҳавӣ мавриди таҳияву баррасӣ қарор додааст;

2. Таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти агросаноатӣ дар доираи Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла дар ин ҳуҷҷатҳо самтҳо, сарчашмаҳо ва усулҳои муосири сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нишон дода шуда, ҳаҷмҳои сармоягузориҳо дурнамо шудаанд;

3. Сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои иқтисодиёти агросаноатӣ сарчашмаи асосии молиякунонии сохтмонҳои капиталӣ дар ин комплекси байнисоҳавӣ маҳсуб меёбанд, ки мавҷудият ва ҳаҷмҳои ин навъи сармоягузориҳо ва истифодаи самараноки онҳо рушди иқтисодиёти агросаноатии кишварро барои даҳсолаҳои оянда муайян мекунанд;

4. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар самти растанипарварӣ сармоягузориҳо ба мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар ҷиҳати зиёд намудани майдони кишту кори зироатҳои кишоварзӣ, махсусан, картошка ва ғалладонагиҳо чораҷӯӣ намуда, барои захираи тухмӣ, самаранок истифода бурдани гармхонаҳои доимоамалкунанда ва анбору сардхонаҳои маҳсулотнигоҳдорӣ, гузаронидани корҳои яхобмонӣ, башаклдарории боғот ва гузаронидани корҳои агрокимиёвӣ, расонидани кӯмакҳои амалию усулӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ зарур мебошанд;

5. Дар самти чорводорӣ сармоягузориҳо барои амали намудани тадбирҳои гузаронидани маъракаи зимистонгузаронии чорво бо хӯрока таъмин намудани талаботи саршумори чорво, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, беҳтар намудан ва ташкили афзун намудани саршумори чорвои зотӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорво лозим мебошанд;

6. Ҷалби сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ бо мақсади бунёди марказҳои таъминоти моддию техникӣ, бунёди яхдонҳо ва анборҳои нигоҳдории маҳсулот ва биолабораторияҳо тақозои марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти аграрии кишвар мебошад;

7. Ҳамчунин, дар бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ сармоягузориҳо барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди зироатҳои равғандиҳанда, меваю сабзавот, гӯшт ва шир, инчунин таъмини пурраи талаботи корхонаҳои коркард бо ашёи хоми ватанӣ бо роҳи парвариши навъҳои саноатии меваю сабзавот ва васеъгардонии майдонҳои кишти кишоварзӣ бояд афзоиш дода шаванд;

8. Инчунин, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби сармоягузорон бо мақсади навсозӣ ва такмили инфрасохтори корхонаҳо, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот, зиёд намудани номгӯй ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, такмили сохтор, таҷдид ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои амалкунанда зарур мебошанд.

### 3.2. Сармоягузориҳо ба технологияи инноватсионии дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ

Дар шароити вазъи кунунии иқтисоди ҷаҳонии муосир, рақобатнокӣ бартарии давлатҳои рушдкарда дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти ҳимояи манфиятҳояшон ба таъмини бехатарии озуқаврии давлатҳои рӯ ба инкишоф ва рушду рақобатпазирии истеҳсолоти агросаноатии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин сабаб,

ҳам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар эълон намуданд. Бо ибораи дигар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти мавзуъро сари вақт дарк намуда барои ҳалли он ҷораандешӣ намуда истодааст.

Дар ҳамин радиф, қайд кардан лозим аст, ки саноатикунонии босуръати кишвар, аз ҷумла комплекси агросаноатии онро бояд ташаккул ва рушди инноватсионӣ ҳамроҳӣ кунад. Яъне саноатикунонӣ бояд чунин сурат гирад, ки дар натиҷаи он истеҳсолоти саноатии хусусияти инноватсионӣ доштаро ба даст оварда бошем. Зеро маҳз истеҳсолоти саноатии инноватсионӣ метавонад иқтисодиёти комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро рақобатпазир гардонад. Сабаби асосии ин иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар он аст, ки маҳз корхонаҳою хоҷагиҳои ҳамин комплекс барои таъмини бехатарии аҳолии кишвар масъул мебошанд. Маълум аст, ки барои рушди инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва КАС-и ҷумҳурӣ бояд асосҳои институтсионалии он ба вуҷуд оварда шавад. Аз нигоҳи аксари муҳаққиқон асосҳои институтсионалии рушди инноватсияҳо ин низоми меъёрҳо, қоидаҳои расмию ғайрирасмӣ мебошанд, ки асоси ташкили инноватсия ба ҳисоб рафта, гарави амалкарди бомуваффақияти бозори инноватсияҳо маҳсуб меёбад.[117]

Арзёбии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки ба ташаккулу равнақи низоми идоракунии инноватсиҳои корхонаҳои агросаноатӣ сатҳи рушди асосҳои институтсионалии инноватсияҳо таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили асосҳои ҳуқуқию меъёрии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои агросаноатӣ қадамҳои устувор гузошта, ин самти асосҳои институтсионалии инноватсияҳоро ҷавобгӯ ба талаботҳо ва стандартҳои байналхалқӣ гардонида истодааст. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар ин самт

[117] Комилов С.ДЖ. Теория инновационного развития. -Душанбе.: «Шарқи озод», 2019. -С.212.

қонунҳою, барномаҳо ва стратегияҳои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд. Аз ҷумлаи қонунҳои қабулгардида муҳимтаринашон инҳо мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», соли 1998, №597.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2002; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», соли 2012, № 822; Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Қисми 2, соли 1999, №885), (Қисми 3, соли 2005, №85); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», соли 2006, №16; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишонаҳои молҳо ва нишонаҳои хизматрасониҳо», соли 2007; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», соли 2007; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот», соли 2004, №17; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ», соли 2010, №629; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти монополӣ», соли 2006, №198; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», соли 2012, №895; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», соли 2003, №34; Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, № 901 ва ғ.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷумҳурӣ Барномаи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №227 тасдиқ гардидааст) амали гардид, он ду марҳиларо фарогир буд: марҳилаи якум- солҳои 2011-2014; марҳилаи дуюм – солҳои 2015-2020. Вазифаҳои барномаи номбурда инҳо буданд: -таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва меёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкили фаъолгардонӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ; -таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ; -таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ; -ташаккул ва такомули низоми тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ; -

ташкили низоми иттилоотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ[118]. Ҳамчунин, дар ҳамин давра Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ оид ба идоракунии татбиқи Барномаи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», аз 02 ноябри соли 2011, №553 қабул гардида буд.[119] Баъдтар, барои бартарафкунии мушкилоти давлат ва ҷомеа дар бахши рушди инноватсионӣ, муайян намудани мақсаду вазифаҳо, бартариятҳо ва василаҳои сиёсати инноватсионии давлат Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 қабул гардид, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №354 тасдиқ шуда буд. Стратегияи зикршуда дорои 12 фасл, 259 зербоб, 51 саҳифа буд. Вазифаҳои Стратегияи номбурда чунинанд: - рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи илм, маориф технологияҳо, инноватсияҳо ва моликияти зеҳнӣ; - баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ ва суръатбахшии бавуҷудоии ширкатҳои инноватсионии нав; -ҳадди аксар васеътар ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии муосир дар фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ; - ташаккули бахши таҳқиқот ва ихтирооти ба таври мутавозин ва устувор рушдёбанда; -таъмин намудани шаффофияти системаи инноватсионӣ ва иқтисоди миллӣ, инчунин ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои бунёдсозӣ ва истифодаи навгониҳо; -суръатбахшии фаъолият оид ба татбиқи сиёсати инноватсионӣ, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом медиҳанд[120]. Стратегияи мазкур дар 2 давра амалӣ гардид. Давраи якум, солҳои 2015-2017 фаро гирифта, дар он қабули инноватсияҳо ҳамчун падидаи самаранок аз ҷониби соҳибкорон ва умуман дар сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба воситаи чорабиниҳои дар Стратегияи номбурда нишондодашуда анҷом дода шуданд. Қайд кардан

[118] Барномаи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. -С.1.
[119] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ оид ба идоракунии татбиқи Барномаи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020». -С.1.
[120] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №354 тасдиқ шудааст). -С.9.

зарур аст, ки вазифаи қабули инноватсияҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодиёт ва ҷамъият дар сатҳи ҷумҳурӣ то як андоза амалӣ гардидааст. Ба ҳамин маъно, соҳибкорон имрӯз инноватсияҳоро воситаи асосии рушди иқтисодиёт ва рақобатнокии истеҳсолот дар шароити рақобати шадиди бозорӣ мешуморанд, ҳарчанд баамалбарории инноватсияҳо дар доираи фаъолияти соҳибкории ватанӣ дараҷаи бениҳоят камро ташкил медиҳанд. Барои он ки ҷоринамоии навгониҳо дар сатҳи корхонаҳо бевосита аз дастраси ба воситаҳои молиявии соҳибкорон алоқаманд аст. Давраи дуюми иҷрои Стратегия ба солҳои 2018-2020 равона гардида буд. Давраи мазкур аслан барои ҷудо намудани маблағҳои бештар аз буҷети ҷумҳурӣ ва маблағҳои хусусӣ (ғайри буҷавӣ) ҷиҳати рушди инноватсияҳо буд, ки айни замон роҳҳои ҳалли худро ёфта истодааст. Давраи дуюми Стратегия маҳз ба рушди низоми инноватсионии миллии мукаммал ва тараққиёти ояндаи низоми самарбахши фаъолияти инноватсионӣ равона карда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки мақсади Стратегияи мазкур то давраи соли 2020 гузариши иқтисодиёти миллӣ ба самти рушди инноватсионӣ буд, ки тавассути нишондиҳандаҳои дар зер нобаргардида баҳо дода мешаванд:
- зиёд намудани адади корхонаҳои саноатӣ то 5-8% дар шумораи умумии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ, ки технологияҳои инноватсиониро дар истеҳсолоташон ҷори менамоянд; - пешкаш намудани маҳсулотҳои иноватсионии ватанӣ дар бозори молҳои дорои технологияи баланд; - баланд бардоштани ҳиссаи молҳои инноватсионӣ дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: -афзоиши шумораи мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ дар маҷаллаҳои илмии сатҳи байналмилалӣ то 0,1%;
- афзоиши шохиси шумораи иқтибосоварии аз мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ, ки дар заминаи маълумотҳои «Шабакаи илм» (Web of science) чоп мешаванд; - дохил шудани як ё якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба ҷумлаи 200 донишгоҳи беҳтарини ҷаҳонӣ[121].

[121] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №354 тасдиқ шудааст). -С.8.

Тадқиқоти илмии мо ба истеҳсолоти аграрӣ ва комплекси агросаноатӣ равона гардидааст, бинобар ҳамин қабули Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ буд. Консепсияи дар боло зикргардида бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 144 тасдиқ гардидааст, ки то давраи соли 2030 дар бар мегирад.

Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан се давраро дар бар мегирад:

- давраи якум солҳои 2014-2018,
- давраи дуюм солҳои 2019-2023,
- давраи сеюм солҳои 2024-2030.

Консепсияи мазкур аз 8 фасл, 131 зербоб иборат мебошад, ки масъалаи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 дар бар мегирад. Махсуан, сиёсати инноватсионии давлат дар корхонаҳои агросаноатӣ ва самтҳои асосии он, нақши Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатӣ, воситаҳои татбиқи сиёсати инноватсионӣ, фишангҳо ва омилҳои таъсирбахш ба рушди иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ, самтҳои афзалиятнок ва натиҷаҳои татбиқи сиёсати инноватсионии давлат дар комплекси агросаноатӣ, барноамҳои соҳавӣ дар асоси Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатӣ таҳия ва татбиқ гардиданд. Мувофиқи дурнамои Консепсияи мазкур дар давраи дуюм бояд 25% истеҳсолоти корхонҳои бузурги кишоварзӣ ва зиёда аз 5% истеҳсолоти корхонаҳои хурди кишоварзиро истеҳсолоти инноватсионӣ ташкил диҳад. Афзоиши муассисаҳои илмию паҳнкунандаи инноватсияҳо, муассисаҳои олии тадқиқотӣ, ниҳодҳои илмию маърифатӣ ва фаъол намудани фишангҳои дастгирии давлатии молиявии корҳои «таҳқиқот- истеҳсолот» вобаста ба сектори хусусӣ ва давлатӣ дар доираи Консепсияи мазкур зикр шудааст[122].

---

[122] Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -С.14-15.

Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2012-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 383 тасдиқ гардида буд, ки аз 6 фаслу 70 зербоб иборат буд. Ҳамчун санади меъёрию ҳуқуқии рушди инноватсияҳо дар соҳаи кишоварзии мамалакат ба ҳисоб мерафт. Масъалаи рушди инноватсионии истеҳсолоти аграрӣ ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳо дар фаслҳо ва зербобҳои Барнома чунинанд: -бунёди хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва зотпарварӣ; -таҷдиди парки мошинаву техникаҳои кишоварзӣ; -ҷори намудани технологияи муосири обёрии зироатҳои кишоварзӣ; -истифодаи усулҳои маркетинг ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои кишоварзӣ; -идоракунии навгониҳо дар истеҳсолоти аграрӣ.[123] Мақсади барономаи зикргардида таъмини талаботи аҳолии мамлакат бо маҳсулотҳои озуқавории ватанӣ дар асоси рушди босуботи кишоварзӣ буд. Барномаи мазкур ҷиҳатҳои экологии инноватсияҳои соҳаи кишоварзиро низ ба инобат мегирифт.

Масъалаи рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ ва ҷори намудани технологияи муосир дар истеҳсолоти ватанӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 қайд гардида буд, ки «Бевосита рушди истеҳсолоти моддӣ, муҳайё намудани шароити мусоиди сармоягузорӣ, ҷалб намудани сармоягузориҳои мустақим ва ворид намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ имконият фароҳам меоранд, ки ҷараёни саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат таъмин карда шавад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи ҷойҳои нави корӣ пайваста афзоиш дода шавад»[124]. Моҳи декабри соли 2016 Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то солҳои 2030 қабул намуд, ки дар он яке аз сенарияҳои асосӣ ва

---

[123] Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. -С.3,6, 8-23,26-39.
[124] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, аз 20.01.16. - Душанбе, 2016. -С.6.

муҳим сенарияи рушди индустриалию инноватсионӣ ташкил медиҳад, ки он ҳамзамон ҳуҷҷати асосии меъёрию ҳуқуқӣ барои рушди инноватсионӣ ва ба иқтисодиёти инноватсионӣ табдил додани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.[125] Бинобар ҳамин, дар баробари намудҳои дигари рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар Стратегияи мазкур варианти рушди инноватсионӣ низ ба назар гирифта шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, Президенти ҷумҳурӣ дар Паёми навбатии худ иброз доштанд: «Минбаъд низ мо бояд доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии мамлакат, самаранок ва оқилона истифода намудани имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ кӯшиш намоем»[126]. Ҳамчунин, таҳия ва бунёди асосҳои меъёрию ҳуқуқии рушди фаъолияти инноватсионӣ яке аз ҷузъҳои муҳими асосҳои институтсионалии инноватсияҳо ба ҳисоб меравад, ки ба рушду тараққиёти ҷараёнҳои инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам меорад.[127]

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, ки аз захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ бой мебошад. Махсусан, захираҳои инсонӣ дар вилоят тамоюл ба рушд доранд. Аз ҷумла дар 10 соли охир шумораи аҳолии минтақа 27% ва дар 30 соли истиқлолият 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Лозим ба ёдоварист, ки захираҳои инсонӣ дар навбати худ заминаи асосии ташаккул ва равнақи сармояи инсонии минтақа ба шумор меравад. Сармояи инсонӣ бошад, дар навбати худ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи ҳолат ва тамоюлҳои рушди инноватсияҳо, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои КАС ба шумор меравад. Зеро маълум аст, ки техникаву технология, таҷҳизот ва датгоҳҳои муосир ва инноватсионӣ дар навбати худ мавҷудияти кадрҳои баландихтисос, соҳибтаҷриба ва қобилияти омӯзишӣ доштаро тақозо менамояд. Чунки

[125] Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 -Душанбе, 2016. -С.14.
[126] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. - Душанбе, 2018. -С.4.
[127] Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. -Душанбе: «Шарқи озод»,2019. -С.213.

маҳз ҳамин гуна кадрҳо технологияи инноватсиониро дар истеҳсолот ҷорӣ намуда бо назардошти оқилона истифода намудани дастгоҳу таҷҳизотҳои навтарин самаранокии иқтисодии инноватсияҳои дар истеҳсолот ҷоришударо таъмин карда метавонанд. Аз ин хотир, мо дар ҷадвали поён нишондиҳандаҳои асосии таъмини захираҳои инноватсионии корхонаву ташкилотҳои вилояти Хатлонро баҳисобгирӣ намудем, (Ҷадвали 3.2.1.).

**Ҷадвали 3.2.1. -Нишондиҳандаҳои асосии таъмини захираҳои инноватсионии корхонаву ташкилотҳои вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017 % |
| Шумораи умумии аҳолии вилояти Хатлон, ҳаз. нафар | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | +9,4% |
| Аҳолии машғули кори вилояти Хатлон, ҳаз. нафар | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | +8,0% |
| Шумораи МТМУ(адад) | 1330 | 1337 | 1347 | 1354 | 1358 | +2,06% |
| Шумораи хонандагони МТМУ, ҳаз. нафар | 707,2 | 729,1 | 752,7 | 779,6 | 817,0 | +13,4% |
| Шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо, адад | 16 | 19 | 21 | 25 | 27 | +41% |
| Шумораи донишҷӯёни ММК ва коллеҷҳо, нафар | 24466 | 24665 | 26247 | 28360 | 29757 | +17,7% |
| Шумораи МТОК (адад) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | - |
| Шумораи донишчуёни МТОК, | 32979 | 37522 | 43944 | 49656 | 50031 | +34,1% |
| Шумораи муоличахонаҳои тиббӣ, (адад) | 151 | 154 | 156 | 161 | 160 | +5,6% |
| Шумораи муассисаҳои фарҳангӣ, адад | 313 | 295 | 285 | 285 | 286 | -8,6% |
| ШУК соҳаи тандурустӣ ва хизмат/ иҷтимоӣ, ҳаз. нафар | 32,8 | 33,6 | 34,3 | 35,1 | 36,2 | +9,4% |
| Шумораи кормандони соҳаи маориф, ҳаз. нафар | 69,9 | 73,7 | 74,6 | 77,3 | 80,6 | +16,8% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон барои соли-2022/Маҷмуаи омори-ш. Бохтар: Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ да вилояти Хатлон. –С.6,20,62,92,114,138 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.*

Нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки минтақаи Хатлон минтақаи аз захираҳои инсонӣ бой ба ҳисоб меравад. Масалан, дар давраи таҳлил шумораи аҳолии вилояти Хатлон 9,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, аҳолии машғули кори вилоят дар давраи солҳои 2017-2021 8,0% тамоюл ба афзоиш дорад. Инчунин, ин нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои захираҳои инсонии минтақаро ба сармояи инсонӣ табдил додан кӯшишҳои доимӣ ба харҷ медиҳанд, ин пеш аз ҳама дар сармоягузориҳои

давлатӣ барои бунёди мактабҳо, омӯзишгоҳҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои варзишӣ, тиббӣ ва фарҳангӣ инъикос меёбанд. Яъне давлат ҳамасола барои бунёду барқароршавии фондҳои асосии ин муассисаҳо миллионҳо сомонӣ сармоягузорҳо ба сармояи асосии онҳо гузориш мекунанд, то ин ки наслҳои оянда босавод, бомаданият, бофарҳанг, тандуруст ва соҳиби ин ва ё он касбу ҳунар ба воя расанд.Масалан, теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли 2021 1358 ададро ташкил медиҳанд, ки нисбати соли 2017 2,06% зиёд аст. Дар навбати худ дар ҳамин фосилаи вақт шумораи хонандагони ин муассисаҳо 13,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, дар давраи таҳқиқ теъдоди муассисаҳои миёнаи касбӣ ва коллечҳо ва донишҷӯёни онҳо мувофиқан 41% ва 17,7% афзоиш ёфтааст. Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бетағйир мондааст. Аммо шумораи донишҷӯёни онҳо дар давраи таҳқиқ 34,1% зиёд шудааст, ба ҳамин монанд теъдоди муассисаҳои тиббӣ 5,6% шумораи кормандони соҳаи маориф бошад, дар ҳамин фосилаи вақт 16,8% афзоиш ёфтааст.

Қобили қайд аст, ки барои амалигардонии инноватсияҳо дар соҳаи аграрӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, нақши институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бояд хело ҳам таҳкимбахш бошад. Имрӯзҳо дар ҳайати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 институт ва дар ҳайати Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 институтҳои илмию тадқиқотии ба таҳқиқу коркарди навовариҳо машғул мебошанд. Дар маҷмуъ вазъи заминавии рушди равандҳои инноватсиониро дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2017-2022 мо мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор дода дар ҷадвали 3.2.2. овардем, (Ҷадвали 3.2.2.). Мувофиқи маълумотҳои ин сохтор ва ҳисоботҳои вазорати кишоварзӣ ва вазорати саноат ва технолгияҳои нав дар солҳои охир дар корхонаву хоҷагиҳои ин соҳаҳо миқдори зерини навовариҳо ва инноватсияҳо дар амал татбиқ шуданд ё худ соҳиби патент гардиданд: А) Дар соли 2018 олимони муассисаҳои илмии АИ ҶТ соҳиби 9 патенту 2 қарори мусбӣ ва 11 шаҳодатномаи муаллифӣ гардиданд. Инчунин, 7 арзнома барои

гирифтани патент ба Маркази миллии патенту иттилоот пешниҳод карда шудааст;

**Ҷадвали 3.2.2.- Вазъи заминавии рушди равандҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | 2022 нисбати 2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | |
| Шумораи умумии аризаҳо, аз онҳо: | 1493 | 2326 | 2510 | 2520 | 2803 | 2868 | +47,9% |
| | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| - Патент ба ихтироъ | 5 | 2 | 3 | 9 | 9 | 3 | -40% |
| | 0,3% | 0,1% | 0,1% | 0,4% | 0,3% | 0,1% | -0,2б.ф |
| - Нахустпатент ба ихтироъ | 80 | 101 | 111 | 114 | 121 | 156 | +48,7% |
| | 5,4% | 4,3% | 4,4% | 4,5% | 4,3% | 5,4% | - |
| - Патент ба намунаи саноатӣ | 3 | 9 | 0 | 3 | 2 | 1 | -66,7% |
| | 0,2% | 0,4% | 0% | 0,1% | 0,1% | 0,03% | +0,1б.ф |
| - Бақайдгирии тамғаи молӣ | 1405 | 2214 | 2396 | 2394 | 2671 | 2708 | +48,1% |
| | 94,1% | 95,2% | 95,5% | 95% | 95,3% | 94,4% | +0,3б.ф |
| додани ҳуҷҷати ҳифозатӣ, аз ҷумла: | 992 | 1416 | 1580 | 1540 | 1827 | 1871 | +47,0% |
| | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| -Патент ба ихтироъ | 1 | 1 | 1 | 0 | 6 | 9 | -9 мар. |
| | 0,1% | 0,1% | 0,1% | 0% | 0,3% | 0,5% | +0,4б.ф |
| -Нахустпатент ба ихтироъ | 50 | 88 | 83 | 80 | 87 | 92 | +45,6% |
| | 5,0% | 6,2% | 5,3% | 5,2% | 4,8% | 3,2% | -1,8б.ф |
| -Патент ба намунаи саноатӣ | 6 | 3 | 8 | 2 | 2 | 1 | -83,3% |
| | 0,6% | 0,2% | 0,5% | 0,1% | 0,1% | 0,5% | -0,1б.ф |
| -бақайдгирии тамғаи молӣ | 935 | 1324 | 1488 | 1458 | 1732 | 1769 | +47,1% |
| | 94,3% | 93,5% | 94,1% | 94,7% | 94,8% | 94,55% | +0,2б.ф |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Маркази Миллии Патенту Иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Б) Дар соли 2019 олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҳқиқотро аз рӯйи 60 мавзуи фармоишӣ, 6 лоиҳа тибқи “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”, 5 барномаи байналмилалӣ ва 6 лоиҳа тибқи Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ доир ба дастовардҳои илмӣ соҳиби 19 патенту нахустпатент, 5 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионерӣ, 3 арзнома барои патент ва 4 қарори мусбӣ гардидаанд;

В) Дар соли 2020 олимони муассисаҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон доир ба дастовардҳои илмӣ дар маҷмуъ соҳиби 30 нахустпатент, шаҳодатнома гардиданд. Аз он ҷумла 9 нахустпатент, 7 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионерӣ, 4 шаҳодатномаи ихтироъкорӣ, 4 қарори мусбӣ дар бораи додани нахустпатент, 6 хабарнома оид ба

натиҷаи мусбати экспертизаи расмӣ, ки аз он 2 хабарномаи экпертизаи расмии ташкилоти Патентии Авру осиёгӣ мебошад;[128]

Г) Дар соли 2021 олимони муассисаҳои илмии Академия доир ба дастовардҳои илмӣ соҳиби 8 ихтироот гардиданд. Аз ҷумла 2 нахустпатент оид ба «Тарзи ваксинатсия бар зидди касалии тоуни чорвои хурди шохдор ва пастереллёз» ва штамми бемории Нюкасл «AAvA1Chicken Tadjikistan Gissor 6» барои истеҳсоли подген дар реаксияи боздошти гемаглютинӣ, 1 патенти авруосиёгӣ оид ба “Нақлиёти боркаш барои кашонидани борҳои моеъ ва сахт”, 1 шаҳодатномаи ихтироъкорӣ оид ба “Тарзи шинонидани зироатҳои хоҷагии қишлоқ”, 12 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионерӣ оид ба офаридани навъҳои пахтаи “Бӯстон”, ”2462-В”, “2325-В”, “9365-В”, гандуми навъи “Туғрал-150”, “Фирӯз”, ҷуворимаккаи навъи “Сайҳун”, арзани навъи “Дурахшон”, шолии навъи “Панҷруд”, юнучқаи навъи “Вахш-464”, “Деҳқонобод”, 11 шаҳодатномаи ҳамуаллифӣ, 1 қарор дар бораи додани нахустпатент оид ба “Тарзи ворид намудани гидрогел ҳангоми кишти зироатҳои кишоварзӣ”, 2 хабари мусбат оид ба «Истифодаи препарати изатизон барои табобати бемории вирусии таби серӯза», “Хомӯшкунаки мавҷи об дар қубурҳо” ва 1 арзнома барои гирифтани хулосаи мусбат оид ба ихтирои “Мошинолоти муштараки КМ-0,6-0,3 (Ташкилоти Патенти Авру осиёгӣ) гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо дар вилояти Хатлон дар маҷмуъ 640 адад корхонаҳои соҳаҳои истеҳсолоти воқеӣ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, дар соҳаи аграрии вилояти Хатлон, теъдоди 66559 адад хоҷагиҳои калон, миёна, ва хурд ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ машғул мебошанд. Ҷадвали зерин дар барои сохтори корхонаҳои вилояти Хатлон маълумот медиҳад, (Ҷадвали 3.2.3.). Аз таҳлили ҷадвали боло бармеояд, ки имрӯзҳо 640 адад корхонаҳои саноати дар вилояти Хатлон фаъолият доранд. Аз он ҷумла корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (саноати сабук ва саноати хӯрокворӣ) 338 ададро ташкил

[128] Академияи илмхои кишоварзии Точикистон – Компон.инфо (komron.info)

медиҳанд, ки онҳо 52,8% шумораи умумии корхонаҳои умумии саноатии вилояти Хатлонро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 3.2.3.-Теъдоди корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва базаи ашёи хоми он дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | Воҳиди ҳисобӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017, % |
| Теъдоди корхонаҳои саноатӣ, аз он ҷумла: | адад | 591 | 583 | 595 | 619 | 640 | +4,5% |
| | фоиз | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| -Саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ: | адад | 374 | 312 | 306 | 331 | 338 | -9,6 % |
| | фоиз | 63,3% | 53,5% | 51,5% | 53,3% | 52,8% | -10,5 б/ф |
| 1) Саноати сабук | адад | 191 | 210 | 204 | 219 | 224 | +12,8 % |
| | фоиз | 32,3% | 35,4% | 34,2% | 36,8% | 35,0% | +4,5 б/ф |
| 2) Саноати хӯрокворӣ | адад | 183 | 102 | 102 | 112 | 114 | -37,7 % |
| | фоиз | 31,0% | 17,2% | 17,1% | 18,8% | 17,8% | -13,2 б/ф |
| Шумораи умумии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии ВХ, аз ҷумла | адад | 61507 | 63808 | 61573 | 66559 | 70012 | -12,1 % |
| | фоиз | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | - |
| -Хоҷагиҳои деҳқонӣ | адад | 57609 | 60212 | 58704 | 63672 | 67584 | +9,5 % |
| | фоиз | 93,7% | 94,4% | 95,3% | 95,7% | 96,5% | +2,8 б/ф |
| -Дигар корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ | адад | 3898 | 3596 | 2869 | 2887 | 2428 | -37,7 % |
| | фоиз | 6,3% | 5,6% | 4,7% | 4,3% | 3,5% | -2,8 б/ф |

***Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон соли 2022/Маҷмуаи оморӣ- ш.Бохтар: Сарраёсати агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. –С. 166 ва ҳисобҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Ҳамчунин, аз таҳлили ҷадвали 3.2.3 бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноатии вилоят дар давраи таҳлил яъне дар соли 2021 нисбати соли 2017 4,3% тамоюл ба афзоиш дорад. Шумораи корхонаҳои саноати сабук дар ин давра 12,8% афзоиш ёфтааст. Аммо шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ 37,7% кам шудаанд. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ба қадри зарурӣ аз ашёи хоми ватанӣ таъмин мебошад.

Масалан, дар давраи таҳлил дар соҳаи кишоварзии вилоят дар маҷмуъ хоҷагиҳои деҳқонӣ 2,8% афзоиш ёфтанд. Шумораи умумии корхонаву хоҷагиҳои дар ин бахш фаъолияткунанда дар соли 2021 (ғайри хоҷагиҳои аҳодӣ) 67584 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 96,5%-ро хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ташкил медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки дар вилоят дар соли 2021 115 адад корхонаҳои саноати хӯрокворӣ фаъолият намуданд.

Нақши ин корхонаҳо дар якҷоягӣ бо хоҷагию корхонаҳои кишоварзӣ дар таъмини талаботи аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ хело ҳам муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир сармоягузориҳо ба сармояи асосии ин корхонаҳо ва рушди минбаъдаи онҳо аз он ҷумла рушди инноватсионии корхонаҳои мазкур нақши калидӣ дорад. Мо дар ҷадвали зерин корхонаҳои саноати хӯроквории вилоятро аз нигоҳи дар онҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор додем, (Ҷадвали 3.2.4.).

**Ҷадвали 3.2.4.- Рушди инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар вилояти Хатлон**

| Корхонаҳои соҳаи саноати хӯроквории вилояти Хатлон | ШУК таҳқиқ-шуда, адад | Шумораи корхонаҳое, ки навовариҳоро дар истеҳсолоти худ амалӣ гардонидаанд | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Корхонаҳои гӯшту шир | 56 (100%) | 4 (7,4%) | 5 (8,9%) | 7 (12,5%) | 11 (19,6%) | 13 (23,2%) |
| Корхонаҳои орду ярма | 14 (100%) | 1 (7,1%) | 4 (28,5%) | 4 (28,5%) | 6 (42,8%) | 8 (57,1%) |
| Корхонаҳои нонбарорӣ | 8 (100%) | 1 (12,5%) | 1 (12,5%) | 2 (25%) | 5 (62,5%) | 5 (62,5%) |
| Корхонаҳои равғанбарорӣ | 24 (100%) | 3 (12,5%) | 6 (25%) | 8 (33,3%) | 10 (41,6%) | 12 (50%) |
| Корхонаҳои истех/ нушокиҳои ғайриспиртӣ(ташнашикан) | 8 (100%) | 1 (12,5%) | 2 (25%) | 4 (50%) | 6 (75%) | 8 (100%) |
| Корхонаҳои истеҳсолкунандаи машруботи спиртӣ | 5 (100%) | 1 (20%) | 1 (20%) | 1 (20%) | 1 (20%) | 2 (40%) |
| Ҳамагӣ: | 115 100%) | 8 (6,9%) | 17 (14,8%) | 25 (21,7%) | 39 (33,9%) | 42 (36,5%) |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтарҳои хоҷагидории корхонаҳои таҳлилшаванда ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.*

Дар ҷадвали 3.2.4. мо бо дастгирии кормандон ва коршиносони соҳаи омори сарраёсати Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон корхонаҳои гӯшт, шир, орд, ярма, нонбарорӣ, нушокиҳои ғайриспиртӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи оби ҷав ва машруботи спиртиро дар вилояти Хатлон ҷамъ 115 корхонаро дар мавриди ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар онҳо мавриди таҳқиқ қарор додем.

Аз ҳисоботҳои корхонаҳои номбурда нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда пайдо шуданд, ки баъдан мо онҳоро баҳисобгирӣ намудем. Ҳадаф аз ин таҳқиқот муайян намудани шумораи корхонаҳои навовар ва

ҳамчунон муқаррар намудани тамоюлҳои сармоягузориҳо барои ҷори намудани навовариҳо ба ҳисоб мерафт. Натиҷаи таҳқиқот дар ҷадвали номбурда сабт гардида,воқеияти онҳо бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ шудаанд.

Дар ин радиф мо ҳолат ва самаранокии сармоягузориҳои барои инноватсия нигаронидашудаи соҳаи кишоварзӣ, саноатӣ сабук ва саноати хӯроквории вилоятро дар мисоли хоҷагиҳо ва корхонаҳои мушаххасӣ вилоят мавриди баррасӣ қарор додем. Дар ҷадвали 3.2.5. вазъи фаъолияти агросаноатии вилояти Хатлон таҳлил гардида ва нишондиҳандаҳои онҳо бо нишондиҳандаҳои ҶСК «Комбинати шири Саодат» дар н.Хуросон қиёс карда шудааст.

**Ҷадвали 3.2.5. - Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои агросаноатӣ дар Вилояти Хатлон (дар соли 2021)**

| Нишондиҳанда | ҶСК «Комбинати шири Саодат» | ҶСП Комбинати шири ш. Кӯлоб | ҶСК «Хоҷа Муъмин», н. Восеъ | ҶСК Суғдиён орди ш. Кӯлоб |
|---|---|---|---|---|
| МУК, сомонӣ | 544100 | 455081,0 | 1475280 | 1021560 |
| ФАК, сомонӣ, аз ҷумла, | 1052900 | 579853,3 | 1092233 | 887795,3 |
| ФА инноватсионии ҷоришуда, сомонӣ | 772900 | 358300 | 450000 | 225500 |
| Маҳсулоти инноватсионии корхона, сомонӣ | 463573 | 255554 | 688012 | 256478 |
| Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар МУК, % | 85,2 | 56,2 | 46,6 | 25,2 |
| Ҳиссаи ФА инноватсионӣ дар суммаи ФАК, % | 73,4 | 61,8 | 41,2 | 25,4 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтарҳои хоҷагидории корхонаҳои таҳлилшаванда ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.*

Дар ҷадвали мазкур ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар маҳсулоти умумии корхонаҳо ва ҳиссаи фондҳои инноватсионӣ дар суммаи умумии фондҳои асосии корхонаҳои номбурда баҳисобгирӣ ва баҳогузорӣ шудаанд. Масалан, ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар ҶСП Комбинати шири ш. Кӯлоб 56,2%-ро ташкил додааст ва ҳамин нишондиҳанда дар ҶСК «Комбинати шири Саодат»-и н.Хуросон ба 85,2% баробар аст. Мавриди зикр аст, ки ҳиссаи фондҳои асосии инноватсионӣ дар корхонаҳои номбурда бо назардошти ҳаҷми маҳсулоти инноватсионии онҳо қобили қабул арзёбӣ мегардад. Масалан, ин нишондиҳанда дар ҶСП Комбинати шири ш. Кӯлоб 61,8% ва дар ҶСК «Хоҷа Муъмин»-и н. Восеъ 41,2% баҳогузорӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, сармоягузориҳо ба технологияи инноватсионии корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон ва минтақаи агросаноатии Кӯлобро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, чунин натиҷагириҳо намудем:

1. Дар ҷумҳурӣ вилояти Хатлон аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоб барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории он базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз ҷумла қонунҳо, қарорҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ба қадри имкон қабул шудаанд ва амал мекунанд;

2. Дар миқёси ҷумҳурӣ дар ҳайати Академияи илмҳо 9 институт ва дар ҳайати Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дастовардҳои илмӣ дар маҷмуъ соҳиби 30 нахустпатент, шаҳодатнома гардиданд. Аз он ҷумла 9 нахустпатент, 7 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионерӣ, 4 шаҳодатномаи ихтироъкорӣ, 4 қарори мусбӣ дар бораи додани нахустпатент, 6 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экспертизаи расмӣ, ки аз он 2 хабарномаи экпертизаи расмии ташкилоти Патентии Авру осиёгӣ мебошад;

3. Дар маҷмуъ дар КАС чунин навъҳои инноватсияҳоро ҷудо мекунанд: а) Селексионию зотпарварӣ; б) Техникӣ; в) Технологӣ; в) Ташкилию идоракунӣ;

4. Саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии вилоят 52,8%-и шумораи корхонаҳои саноатии вилоятро ташкил медиҳад, ки аз ин 35% корхонаҳои саноати сабук ва 17,8% корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад. Ҳамчунон, дар кишоварзии вилоят 67584 адад хоҷагиҳои хурду калону миёна фаъолият мекунанд, ки кулли ин истеҳсолотҳо ба инноватсияҳо ва сармоягузории он ниёз доранд;

5. Дар зербоби мазкур корхонаҳои саноати хӯрокворӣи вилоят аз ҷумла минтақаи Кӯлоб аз нигоҳи ҷори намудани инноватсия мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Дар маҷмуъ 115 корхонаҳо дар мавриди ҷори намудани технологияи инноватсионӣ таҳқиқ гардида

дар маҷмуъ сатҳи ҷоришавии инноватсияҳо дар онҳо дар 5 соли охир баҳогузорӣ карда шудааст;

6. Ҳамчунин, дар зербоб ҳолат ва самаранокии сармоягузориҳои ба инноватсия нигаронидашудаи соҳаи кишоварзӣ, саноати сабук ва саноати хӯроквории вилоятро дар мисоли корхонаҳои мушаххаси коркарди маҳсулоти кишоварзии вилоят, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор дода шуда, фаъолияти инноватсионии онҳо таввасути нишондиҳандаҳои муқарраршуда муайян карда шудаанд.

### 3.3. Таҷрибаи хориҷии рушди сармоягузориҳои бахши аграрӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар кишоварзии ҷумҳурӣ

Вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳони муосир ҳушдор медиҳад, ки ҳар як давлати мустақил бояд дар бораи таъмини бехатарии озуқавории аҳолии мамлакаташ ҳамаҷониба тарҳрезиҳо, барномаҳо ва банақшагириҳои аз нигоҳи илмию-техникӣ асоснокшударо дар давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат ба анҷом расонад. Албатта, чунин вазъият сабабҳои худро дорад. Зеро, таносубҳои таъмини бехатарии озуқаворие, ки дар иқтисодиёти ин ва ё он давлат ба вуҷуд меояд муаррифгари вазъи иқтисодии ҳамон мамлакат, дараҷаи таъминоти аҳолияш бо маводи озуқаи худӣ ва лапишҳои афзоиши нархҳо ба маҳсулоти озуқаворӣ ва баёнгари сатҳи зиндагии аксарияти мардуми ҳамон давлат ба ҳисоб меравад. Аз дигар ҷониб вазъи соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии мамлакат таъсири бевоситаи худро ба истиқлолияти воқеии мамлакат мерасонад. Ин дар ҳолест, ки мувофиқи маълумоти Созмони байналхалқии озуқаворӣи СММ дар ҷаҳони муосир айни замон зиёда аз 1 миллиард одамон гуруснагӣ мекашанд. Ҳамчунин, ин ташкилот пешбинӣ намудааст, ки камчинии маҳсулоти озуқаворӣ то соли 2025 ҳаҷман ба 130 млн тонна мерасад.[129]

Аз ин рӯ, ҳар як давлат, аз ҷумла ҷумҳурии мо низ дар ин самт чӣ гунае, ки дар боло қайд кардем барномарезиҳо мекунад. Аммо дар ин

[129] Ушачев И.Г. Обеспечение продовольственной безопасности-первоочередная задача российской экономики//Вестник Орел ГАУ-2016. -№5. -С.5-10.

баҳс як нуқта мусаллам аст. Яъне мавҷудияти сармоягузориҳо ба қадри кофӣ ва истифодаи сарфакоронаву самараноки онҳо масъалаи калидии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда ва амалигардии онҳо мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бисёри давлатҳои дорои сектори аграрии тараққикарда дар мавриди рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии сектори аграрӣ ва ҳамчунин иқтисодиёти агросаноатӣ аз роҳу василаҳои гуногун истифода намуда базаи моддӣ-техникии соҳаи аграрии худро ҷавобгӯи талаботҳои мавҷуда гардонида ҳамзамон истеҳсолоти агросаноатии худро рақобатпазир гардонидаанд. Аз ин рӯ, ҷумҳурии мо низ дар ин самт бояд роҳу воситаҳоеро интихоб намояд, ки ҳам заминаҳои моддию техникии кишоварзиро пурзӯр гардонида тавонад ва ҳам ба рушду рақобатпазирии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мусоидат намояд. Дар ин ҷода мавҷудияти захираҳои сармоягузорӣ истифодаи мақсадноки онҳо ва самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нақши муҳимро мебозанд. Зеро, соҳаи аграрӣ яке аз соҳаҳои меҳнатталаб ва маблағталаб буда, муҳлати харидшавии сармояи дар ин соҳа гузошташуда нисбати дигар соҳаҳои иқтисодиёт тӯлонитар мебошад. Аз ин хотир, Ҳукумати ҷумҳуриро лозим меояд, ки дар самти ҷалби сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ чорандешӣ намоянд. Зеро вазъи корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки истеҳсолоти ин соҳаи муҳими иқтисодиёти кишвар аз нарасидани маблағҳо барои сармоягузорӣ танқисӣ мекашанд. Бинобар ин, сабаб таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии рушдкардаро омӯхта, ҷанбаҳои мусбию манфии онҳоро ба инобат гирифта, ҷиҳатҳои хуби таҷрибаи онҳоро бо назардошти шароитҳои ҷумҳурӣ дар амал татбиқ кардан лозим аст. Бо ин мақсад мо таҷрибаи ҷалби сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар истеҳсолоти агросаноатии давлатҳои тараққикарда мариди омӯзиш қарор медиҳем.

Дар таҷрибаи давлатҳои тараққикарда барои фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ ва афзоиши сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз роҳу усулҳо ва фишангҳои гуногун истифода менамоянд. Масалан, тули 15 соли аввали ислоҳотҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ 60-70% сармоягузориҳо ба иқтисодиёти ин мамлакатро ташкил медод. Ба ин тариқ, ин сармоягузориҳои давлатӣ суръат, самт ва хусусиятҳои рушди иқтисодиёти ин мамлакатро барои солҳои оянда муайян менамуданд.[130]

Дар дигар давлати дорои сектори аграрии тараққикарда Канада тамоми фермерҳое, ки барои беҳтаргардонии сифати заминҳо (ҷори намудани низоми обёрӣ, оҳакандозӣ, сохтмон ва таъмири ҷӯйю заҳбурҳо, шинонидани қатори муҳофизатии дарахтон ва ғ.) сармоягузорӣ мекунанд. Даромади андозбандишавандаашон ба миқдори сармояи гузоштаашон кам карда мешавад.[131]

Дар мавриди сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои аграрӣ таҷрибаи Ҷопон ва Иттиҳоди Аврупо аз аҳамият холӣ нест. Масалан, аз солҳои 80-уми асри гузашта инҷониб дар Ҷопон 25% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба воситаи усули лизингӣ молиягузорӣ мешавад дар Аврупо бошад, ҳиссаи лизинг дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои дар бозори сармоягузории ин давлатҳо зиёда аз 15%-ро ташкил медиҳанд.[132]

Ҳамчунин, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои сектори аграрӣ таҷрибаи Фаронса, Олмон ва Италия лоиқи омӯзиш ба ҳисоб меравад. Масалан, дар Фаронсаву Олмону Италия меъёри андози арзиши иловашуда паст мебошад. Дар Британияи Кабир бошад молҳои озуқаворӣ ба руйхати молҳое дохил карда шудаанд, ки аз онҳо андоз аз арзиши иловашуда ситонида намешавад. Дар ИМА ба ҷои

---

[130] Новосело Л.В. Реформа и экономический рост в КНР: Чудес не бывает// Российский экономической журнал. -1999. -№1. -С76-80.
[131] Тумгоев М. Совершенствование системы налогооблажения в условиях кризиса сельское хозяйства // АПК: экономика, управление. -2000. -№2.-С.31.38.
[132] Сергеев И.В., Веретенникова И.И. Организация финансирование инвестиций. -М: Финансы и статистика, 2000. -272с.

андоз аз арзиши иловашуда андоз аз фурӯш муқаррар гардидааст, ки меъёри миёнаи он ба 4% нархи яклухти мол баробар аст.[133]

Дар сектори аграрӣ андозаи хоҷагиҳо низ ба фаъолияти сармоягузориҳо таъсир мерасонад. Масалан, дар таҷрибаи ИМА, Олмон ва Канада собит шудааст, ки ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои калон нисбати корхонаҳои хурд 1,5-2 маротиба зиёд аст. Масалан, фермерҳои калони ИМА 3,6% шумораи хоҷагиҳои фермерии ин давлатро ташкил медиҳанд. Аммо онҳо 67% маҳсулоти кишоварзии ин давлатро истеҳсол намуда 60% фоидаи софи хоҷагиҳои фермерӣ дар ин давлат ба онҳо рост меояд. Хоҷагиҳои хурди фермерӣ 82% шумораи умумии хоҷагиҳои фермерии ин давлатро ташкил медиҳад, аммо онҳо ҳамагӣ 3,1% маҳсулоти умумии кишоварзии ин давлатро истеҳсол мекунанд.[134] Аз ин хотир, хоҷагиҳои фермерии калони ин давлатҳо барои сармоягузорӣ имкониятҳои зиёдтар доранд.

Дар мавриди сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти аграрӣ як нуқтаро набояд фаромуш кард, ки ин сармоягузориҳо бояд характери инноватсионӣ дошта бошанд. Бо ибораи дигар, сармоягузориҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ аз ҷумла ба сармояи асосии он равона карда мешавад, бояд ба техникаву технолгияи нав, пуриқтидор, захирасарфакунанда ва аз нигоҳи экологӣ ҷавобгӯи талабот равона карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва истифодаи он дар сектори агросаноатии ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад аст. Масалан, коршиносони ин мавзуъ ба он ақидаанд, ки дар давлатҳои тараққикардаи саноатӣ, давлат ба ҳисоби миёна то 45%-и буҷети илмро сармоягузорӣ мекунад. Молиягузории боқимондаи буҷаи илми ин давлатҳо аз ҳисоби сектори хусусӣ анҷом дода мешавад. Масалан, дар ИМА 66%-и сармоягузориҳои ба корҳои илмию тадқиқоти равонакардашуда фирмаҳои хусусӣ молиягузорӣ мекунанд.

---

[133] Егорова О. Совершенствование системы налогооблажения в сельское хозяйстве // АПК: экономика, управление. -1999. -№7.-С.33-38.

[134] Ченяков Б. Аграрный сектор США на рубеков // АПК: экономика, управление. -2000.-№1.-С.51-56.

Нишондиҳандаи номбурда дар давлатҳои Ҷопон 69%, Фаронса 54%, Ҳиндустон 23%, ва дар Туркия 50%-ро ташкил медиҳад.[135]

Ҳамчунин, дар ин давлатҳо барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзию агросаноатӣ аз истеҳлоки суръатфизо истифода мебаранд. Масалан, дар ИМА барои техникаву таҷҳизоти инноватсионие, ки мӯҳлати хизматашон аз 4 то 10 сол истеҳлоки суръатфизо ба 5 сол дар Англия бошад ба корхонаҳое, ки сармоягузорӣ ба техникаҳои инноватсионӣ мекунанд ҳуқуқ дода шудааст, ки арзиши пурраи техникаи ҷоринамудаашонро дар соли якуми фаъолияташ истеҳлок намоянд. Дар давлати Олмон барои ширкатҳое, ки ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҳқиқию конструкторӣ машғулбуда, иҷозат дода шуд, ки арзиши онҳоро дар 3-4 сол (таҷҳизотҳо ва 4-5 соли барои мошинаву дастгоҳҳо) истеҳлок намоянд.[136]

Ҳамчунин, дар давлатҳои дорои сектори аграрии тараккикарда ва КАС-и пешқадам аз қабили Фаронса, Олмон, Белгия, Дания, Шветсия, Англия, Канада ва ИМА танзими давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва сармоягузории онҳо ба воситаи суғуртаи давлатӣ ва қарзҳо ба роҳ монда шудааст. Масалан, дар ИМА давлат кафолати бозгашти 90%-и суммаи карзҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои хурд медиҳанд, ба ухда мегирад. Дар Британияи Кабир ва Олмон ба ҳамин монанд низоми суғуртаи қарзҳо амал мекунад, ки тавассути он давлат 80%-и кафолати карзҳои бонкҳои хусусиро, ки барои инноватсияҳо сармоягузори шуда ба муҳлати аз 15 то 23 сол ба зиммаи худ мегирад.[137]

Таҷрибаи давлатҳои тараккикарда ҳамчунин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз самтҳои ниҳоят муҳими фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар сектори аграрӣ ин иштироки бевоситаи давлат дар сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Таҷрибаи аксари

---

[135] Science and Engineering Indikators 2010. Arlington. National Science Board,2010 P.4-38.

[136] Инновационная даятельность в аграрном секторе экономики России. /Под ред. И.Г. Ушачева, И. Трубилина, Е.С. Оглоблена, И.С.Санду. -М.: Колос,2007. -636с,-С.47.

[137] Мендели Л.Э., Васин В.А. Совершенствованиегосударственной научно-технической политики в процессе формиравания национальной инновационной системы//Инновации,2008. -№1.-С.44-55.

давлатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ин амалро давлат асосан дар се шакл ба анҷом мерасонад, то ин ки сетори аграрии худро дар ҳолати рақобатпазир нигоҳ дошта амнияти озуқавории аҳолии кишварро ба таври бардавому босубот таъмин карда тавонад:

1. Иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути сармоягузориҳои мустақим;

2. Иштироки давлат дар сармоягузориҳои кишоварзӣ ба воситаи маблағҳое, ки ҳамчун хароҷотҳои сармоявӣ барои вазорату идораҳои ба ин сектор ҷудо карда шудаанд;

3. Иштироки давлат дар фаъолияти сармоягузории сектори аграрӣ ба воситаи сармояи молиявӣ.

Қарзҳое, ки давлат тавассути сохторҳои гуногун барои амалигардонии лоиҳаҳо дар соҳаи кишоварзӣ молиягузорӣ мекунанд. Барои мисол таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ, аз он ҷумла Аргентина ҷолиби диққат мебошад. Дар ин давлат ҳиссаи сармоягузориҳои давлатӣ ба сектори аграрӣ аз рӯи се самти дар боло нишондодашуда мувофиқан 26,1%, 71,5% ва 24%-ро ташкил медиҳанд ва ин таносубҳо дар ҳуҷҷате бо номи нақшаи миллии сармоягузориҳои миллӣ дар Аргентина қайд гардидааст.[138]

Дар Колумбия фаъолияти сармоягузории давлатӣ (аз ҷумла сармоягузорӣ ба КАС-ро) дар қонуни асосии ин мамлакат яъне дар коститутсия ҷой кардаанд, ки дар он нақшаи рушди миллӣ аз ду қисмат қисми умумӣ ва қисми сармоягузорӣ иборат буда дар асоси қонуни махсус бо назардошти қарзи давлатӣ ва дурнамои молияи давлатӣ барои ду соли охир тасдиқ карда мешавад.[139]

Таҷрибаи Чин низ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки буҷети ин давлат муддатҳост, ки ба сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Масалан, ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ, ки ба сектори аграрӣ равона карда шудааст, 4%-и МУД ин давлатро ташкил медиҳад. Дар ИМА бошад, ин

---

[138] Международное финансовое и международное инвестиционное право в системе обшего международного права: учеб. пособие / Л.И. Волова. -М.: Юрлинтинформ, 2014. –С.56.
[139] Управление ирнвестициями: учеб. пособие / Н.Н. Воротилова. -М.: Дашков и К°, 2013. -С.59.

нишондиҳанда зиёда аз 20%-ро ташкил дода, 11-12%-и он аз ҳисоби буҷаи федералӣ сармоягузорӣ мешавад. Аз ҷумла сармоягузориҳои давлатӣ барои рушди инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоии деҳот, бахусус хоҷагиҳои фермерии калон назаррас аст.[140]

Таҷрибаи ин давлатҳо нишон медиҳад, ки давлат ба ду мақсади асосӣ бевосита дар фаъолияти сармоягузории КАС иштирок мекунад:

1. Бо мақсади бунёди шароитҳои мусоид барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути бунёди иқлими мусоиди сармоягузорӣ;

2. Иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти агросаноатӣ ба воситаи сохторҳои гуногуни институтсионалӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили дастгирии фаъолияти сармоягузории корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ нишон дод, ки дар шароити имрӯза қариб дар тамоми давлатҳои пешқадам рушди сектори аграрӣ ба дастгирии молиявии соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои гуногун аз ҷониби давлат ва ё дигар сохторҳои ҳамгирошуда аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин ба амал бароварда мешавад. Бо иборaи дигар сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузориҳои кишоварзӣ инҳоянд:

1. Молиякунонӣ аз буҷети давлатӣ ва дигар фондҳои махсус бо роҳи дотатсия, субсидия, субвенсия ва дигар навъҳои дастгирии молиявии давлат бо мақсади таҷдид ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;

2. Қарзҳои имтиёзнок ба субъектони хоҷагидории КАС ба мақсади истеҳсол, коркард, нигаҳдорӣ ва фурӯрши маҳсулотҳои кишоварзӣ;

3. Истифодаи реҷаҳои махсуси андозбандӣ ва имтиёзҳо ба пардохтҳои ҳатмии ба буҷет равонашуда;

4. Суғуртакунонии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ чорво ва паранда бо тарифҳои нисбатан пасти суғуртавӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлат ва дигар фондҳои мутамарказ субсидия карда мешаванд;

---

[140] Международное финансовое и международное инвестиционное право в системе обшего международного права: учеб. пособие / Л.И. Волова. -М.: Юрлинтинформ, 2014. –С.88., Инвестицинное право: учеб. пособие/И.В. Ершова. -М.: Проспект, 2014. -С.72.

5. Дахолат ба нархҳо дар бозори озуқаворӣ тавассути дастгирии нархҳои дохилӣ ба маҳсулотҳои кишоварзӣ, муқарраркунии квотаҳо андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ба маҳсулотҳои кишоварзии воридшаванда;

6. Дигар имтиёзҳои реҷавӣ ба пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми содироти маҳсулотҳои кишоварзӣ ба хориҷи кишвар.

Дар аксарияти давлатҳои хориҷа махсусан давлатҳои рушдкарда дастгирии молиявии КАС баръало эҳсос мегардад, ки он шаклҳову усулҳои гуногун, механизму фишангҳои мухталифи иқтисодӣ дорад ва ба рушди босуботи кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва таъмини бехатарии озуқавории мамлакат равона гардида, ҳамзамон ба васеъгардонии имкониятҳои содиротии ин мамлакатҳо равона гардидаанд. Бо ин роҳ дар ин давлатҳо вазифаҳои калидии зеринро давлатҳо мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳанд:

1. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои босифати озуқаворӣ аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ;

2. Маҳдудгардонии истеҳсолоти зиёдатии маҳсулотҳои алоҳида;

3. Паст кардани талафоти номуайяни маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҳисоби тағйиротҳои шароитҳои табии иқлимӣ ва ҳавасмандгардонии рушди субъектҳои хоҷагидории КАС;

4. Ҳифзи бозори миллии озуқаворӣ ва афзунгардонии содирот.

Маълум аст, ки барои ба ин дастовардҳо ноил гардидан сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ лозим мегарданд. Масалан, дар 50 давлати аъзои созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) танҳо дар солҳои 2013-2015 дастгирии мустақими солонаи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ 585 млрд долларро ташкил додааст, ғайр аз ин, ҳамасола дар ин давлатҳо дар маҷмуъ 87 млрд доллар барои молиякунонии сармоягузориҳои инноватсионии кишоварзӣ равона карда шудаанд.[141]

---

141 Rolnictwo. Partnerstwomi$dzy Europe a rolnikami [Electronic resource] // URL: http://europa.eu/pol/pdf/flipbook/pl/agriculture_pl.pdf (date of access:12.06.2016).

Чунин мисолҳо дар давлатҳои дорои сектори аграрии рушдкарда хело зиёданд, масалан вазорати молияи ИМА аз ҳисоби қарзҳои имтиёзии давлатӣ барои фермерҳое, ки техникаи нави кишоварзӣ мехаранд ва ҳамчунин як қисми пардохтҳои лизингии дарозмуддати хоҷагиҳои фермериро ба уҳда мегирад. Танҳо дар соли 2013 дастгирии молиявии КАС-и ИМА аз ҳисоби давлат 130 млн долларро ташкил дод ва аз ин миқдор 96,4% барои молиякунонии барномаҳои марказонидашудаи ба баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ нигаронидашуда, равона карда шуда буданд.[142]

Оиди самаранокии танзими давлатии молиякунонӣ ва сармоягузориҳои кишоварзӣ дар КАС-и ИМА далел он аст, ки ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии дар бозори ҷаҳони фурӯхтаи ин давлат нисбати ҳаҷми экспорти 5 давлат дар якҷоягӣ (Ҷопон, Канада, Австралия, Зеландияи Нав) қариб 2 маротиба зиёд аст.

Дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо низ дар мавриди сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуъ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Масалан, дар стратегияи 2014-2020 Иттиҳоди Аврупо дар нисбати КАС ва маҳсулоти он ва ташкили ҷойҳои нави кори диққати ҷиддӣ дода шуда буд. Танҳо дар 28 давлати Иттиҳоди Аврупо 12 млн нафар дар соҳаи аграрӣ ва 4 млн нафар дар соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият мекунанд, ки дар маҷмуъ 6%-и МУД-и Иттиҳоди Аврупоро истеҳсол менамоянд.[143]

Ҳамчунин, дар стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои то соли 2050 ду маротиба зиёдшавии ин соҳа бо назардошти ҳифзи табиат ва захираҳои он барои наслҳои оянда пешбинӣ шудааст. Мавриди зикр аст, ки хусусиятҳои хоси иқтисодиёти иҷтимоии давлатҳои алоҳидаи аъзои Иттиҳоди Аврупо анъанаҳои миллии онҳо, шароитҳои табиӣ ва дигар

[142] Рамодан Ю.О. Анализ зарубежного опыта государственной поддержки АПК // Основы экономики, управления и права. -2013. -№4(10).
[143] http://ec.europa.eu/budget/figures/fin_fwk0713/fwk0713_en.cfm#cf07_13; http://ec.europa.eu/budget/mff/figures/index_en.cfm.

шароитҳои хоҷагидорӣ ба усулҳои танзими соҳаҳои КАС-и Иттиҳоди Аврупо таъсир мерасонад. Масалан, дар Олмон сармоягузориҳо барои харидкунии техникаи нав ташкили кооперативҳо дар соҳаҳои боғдорию занбурпарварӣ ва дигар соҳаҳои махсус дастгирӣ меёбанд. Барои ин мақсадҳо қарзҳои давлатии имтиёзнок бо 1% ба муҳлати 28 сол дода мешавад. Муҳофизати бозори дохилӣ бо роҳи хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои захираҳои давлатӣ ва маҳдудкунии воридот бо боҷҳои баланди гумрукӣ ба даст оварда мешавад.

Лаҳистон низ яке аз давлатҳои дорои сектори аграрии тараққикарда мебошад. Тараққиёти ин секторро маҳз аз давраи дохил шудан ба Иттиҳоди Аврупо ба даст овардааст. Зеро азнавсозӣ ва таҷдиди истеҳсолоти аграрии ин давлат ба маблағҳои калон ниёз дошт ва ин дастгирии молиявиро ба Лаҳистон аз буҷети Иттиҳоди Аврупо таъмин гардонида шуд.




**Расми 3.3.1.- Низоми дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ дар Лаҳистон.**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси захираҳои электронӣ: Agencja Restrukturyzacji I Modernizacji Rolnictwa [Electronic resource]. URL: http://www.arimr.gov.pl//pomok-unijna.html.*

Яъне сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ҳам аз ҷониби буҷети худи давлати Лаҳистон ва ҳам аз ҷониби буҷети Иттиҳоди Аврупо ва

истифодаи самараноки ин давлат имрӯзҳо иқтисодиёти аграрии ин давлатро ба иқтисодиёти рушдкарда табдил додааст.Дар асоси омӯзиши маводи иттилоотӣ аз захираҳои электронӣ, мо пардохтҳои хусусияти дастгиридоштаи давлати Лаҳистонро дар робита ба маблағгузориҳои Иттиҳоди Аврупо ба соҳаи аграрии ин давлат дар шакли нақшавӣ дар солҳои 2014-2020 дар расми 3.3.1 нишон додаем, (Расми 3.3.1).

Дар асоси маълумотҳои маҷаллаҳои иқтисодӣ ва захираҳои электронӣ мо ҳаҷми молиякунонии сармоягузориҳои соҳаи кишоварзиро дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар диаграммаи зерин коркард намудем, (Диаграммаи 3.3.1.).

**Диаграммаи 3.3.1. -Ҳаҷми умумии маблағгузории минтақаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии давлатҳои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо аз ҳисоби буҷети Иттиҳоди Аврупо барои солҳои 2015-2020 (млн евро)**




**Сарчашма: Таҳияи муаллиф** дар асоси захираҳои электронӣ: Multiannual Financial Framework 2014-2020 and the financing of the CAP.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳамчунин давлатҳои Фаронса, Олмон, Испания, Италия, Лаҳистон, Чехия, Дания ва Финландия дар баробари маблағгузорӣ аз буҷети худи ин давлатҳо ҳамчунин аз буҷети Иттиҳоди Аврупо низ тавассути лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар усулҳои дастгирии соҳаи аграрӣ молиягузорӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки танзими давлатии иқтисоди аграрӣ ва КАС ба воситаи усулҳои

мустақим (дотатсия, субсидияҳо) ҳамчунин бо ёрии фишангҳои ғайримустақим аз қабили андозҳо, боҷҳо, ихтисори воридот, ва ҳифзи бозори озуқавории дохилӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамзамон, ин сиёсат ба рушди интенсификатсияи кишоварзӣ, афзоиши ҳиссаи КАС дар МУД мусоидат намуда ба рушди муътадилу инноватсионии ин давлатҳоро таъмин менамояд.

Дар мавриди ҷалби сармоягузориҳо ба сектори аграрӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин аз аҳамият холӣ нест, зеро ин таҷриба натиҷаҳои воқеӣ ба бор овардааст. Дар замони ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳар як музофот ҳазорҳо хоҷагиҳои хурди деҳқонию фермерӣ ба вуҷуд омадаанд, ки аксаран базаи моддӣ-техникии ҷавобгӯи талабот надошт, давлат барои ҳалли мушкилоти ин хоҷагиҳо дар ҳар як ноҳияи аграрӣ стансияҳои моддӣ-техникии давлатӣ ташкил намуд, ки тавассути онҳо мушкилоти техникӣ ва таъминоти моддии ин хоҷагиҳоро ҳал намуд.[144] Баъдан, ин таҷриба дар давлати Руссия ба таври васеъ истифода шуда буд. Имрӯзҳо дар сектори аграрӣ зиёда аз ду ҳазор стансияҳои моддию техникӣ амал мекунанд, ки онҳо нисбати фаъолияти ташкилотҳои лизингӣ ба ақидаи мутахассисони ин соҳа 25% зиёд аст.[145] Нуқтаҳои муҳими ин усули сармоягузории давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар он зуҳур мекунанд, ки маблағҳои буҷаи давлатӣ самаранок истифода мешаванд, хоҷагиҳои навтаъсиси хурди кишоварзӣ аз нигоҳи моддию техникӣ таъмин мегарданд. Давлат соҳиби фишанги воқеии амалигардонии сиёсати аграрӣ-инноватсионии худро ба даст меорад. Ин таҷрибаҳо намунаи воқеии иштироки давлат дар фаъолияти сармоягузории сектори аграрӣ маҳсуб меёбанд.

Дар мавриди ҳавасмандсозии корхона ва хоҷагиҳои кишоварзӣ оид ба сармоягузориҳо таҷрибаи андозбандии хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ дар баъзе ҳолатҳо лоиқи дастгирист, яке аз ин таҷрибаҳо ҷори намудани андози ягонаи замин мебошад. Масалан, дар таҷрибаи вилояти

[144] Сердюкова О.И., Манкиева А.В. Зарубежный опыт превлечения инвестиций в экономику // Вопросы экономики и права. 2017. №5. С.19-23.
[145] Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозайственных предприятий РТ) –Душанбе.: «Ирфон», 2009. С.105.

Саратови Федератсияи Руссия андози ягонаи хоҷагиҳои кишоварзӣ дар шакли моддӣ баҳисобгирӣ карда мешавад. Яъне кулли андозҳое, ки як хоҷагии кишоварзӣ месупорад ба як тонна ғалла баҳогузорӣ шудааст. Чунин андозбандӣ хоҷагидорро аз чанд ҷиҳат ҳавасманд менамояд:

1. Меъёри андози ягонаи замин тайи даҳсолаҳо бетағйир мемонад;

2. Хоҷагидор бо якборагӣ аз тамоми андозу пардохтҳои ба зиммаи ӯ вогузошташуда озод гардида, ҳамзамон аз тафтишу кашмокашиҳо дур мешавад;

3. Чунин андозбандӣ барои тамоми фермерҳо сода, одӣ ва оммафаҳм мебошад.[146]

Дар бораи сармоягузориҳои кишоварзӣ сухан ронда ҷанбаҳои инноватсионии онро набояд фаромӯш сохт. Зеро, имрӯзҳо давлатҳои рушдкарда бо роҳи амалисозии барномаҳои инноватсионӣ ба содиркунандагони асосии маҳсулотҳои кишоварзӣ табдил ёфтаанд. Дар ҷаҳони имрӯза чор маркази асосии пешрафти илмии инноватсионии сектори аграрӣ ба қайд гирифта шудааст: ИМА бо 35%-и хароҷотҳо барои НИОКР, Иттиҳоди Аврупо бо 24%-и хароҷотҳои НИОКР, Ҷопон ва ЧИН тахминан бо 12%-и хароҷотҳо барои НИОКР.[147]

Дар раванди омӯзиши таҷрибаи давлатҳои рушдкарда дар мавриди фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории онҳо дар сектори аграрӣ як нуқтаро набояд фаромуш кард, ки иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармолягузории соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим ва аҳамияти стратегӣ дорад ва ин сармоягузориҳо дар бунёди обанборҳо, шабакаҳои обрасонии заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, бунёди пулҳо, роҳҳои мунфарш дар деҳот, бунёди хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ ва зотпарварӣ, бунёди эвалаторҳо ва дигар комплексҳои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ дар минтақаҳо ва чорабиниҳои амсоли инҳо зуҳур мекунад. Зеро сохтмони ин объектҳо яъне объектҳои инфрасохтори истеҳсолю иҷтимоии деҳот ниҳоят маблағталаб буда,

---

[146] Дербенева Г. Связи сельскохозяйственных предприятий и государственного бюджета // Экономист. -2001. -№4.-С.87-92.

[147] Колесников А.В. Проблемы и перспективы инновационного рахвития АПК // Вестник сельского развития и социальной политики. 2017. №3. С.14-18.

хоҷагиҳои кишоварзӣ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонию фермерии ҷумҳурии мо имконияти бунёди онҳоро надорад. Аз ин рӯ, агар давлат ба ин самтҳои соҳаи аграрӣ сармоягузориҳои мустақим гузорад, ин ҳолат ҳавасмандию боварии хоҷагиҳои деҳқони фермерии сершумори ҷумҳуриро афзун гардонида, эътиқоди онҳоро барои устувории низоми давлатдорӣ ва ҳукумати кишвар мустаҳкам мегардонад. Аз дигар ҷониб, давлат ба ин восита мустақиман дар фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ иштирок намуда, ҳамзамон самтҳо ва роҳҳои амалигардонии сиёсати аграрии худро поягузорӣ менамояд. Ҳамчунин, чунин амал ба мақсаднок истифода шудани маблағҳои буҷаи давлат, ки ба кишоварзӣ равона карда мешавад, мусоидат менамояд.

Дар таҷрибаи хориҷӣ барои рушди сармоягузориҳо дар ин ё он минтақаи агросаноатӣ аз бунёди минтақаҳои озоди иқтисоди истифода мебаранд, махсусан дар Ҷумҳурии Марудмии Чин, Индонезия ва Сингапур ин таҷриба самараи хуби иқтисодӣ ба бор овардаанд.

Таҳлилу омӯзишҳои таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии рушдкарда нишон дод, ки дар онҳо барои ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ҳавасмандиҳо ва афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ аз роҳу воситаҳои гуногун истифода намуда ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт ноил шудаанд. Мақсад аз омӯзишу арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ низ аз он иборат мебошад, ки мо таҷрибаҳои беҳтарини онҳоро баҳогузорӣ намуда имконияти истифодаи самараноки онҳоро дар иқтисодиёти аграрии ҷумҳуриямон мавриди баррасӣ қарор додем. Қобили қайд аст, ки вобаста ба имкониятҳо ва хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ, шароитҳои табиӣ-иқлимии соҳаи кишоварзӣ ва сиёсати аграрии ҳукумати кишвар, баъзе аз ин таҷрибаҳо дар ҷумҳурии мо низ амалӣ шуда истодаанд. Муҳимтарини онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем:

1. Таҷрибаи ҷалби сармоягузорони хориҷиву ватанӣ дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ аллакай дар ҷумҳурии мо амалӣ гардида,

натиҷаҳои назаррас дода истодаанд. Мисоли ин минтақаи озоди иқтисодии н. Данғара мебошад, ки дар баробари дигар субъектҳои хоҷагидорикунанда ҶСП «Ҷунтай Данғара, Син Силу Текстил» дар шакли корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин фаъолият намуда истодааст, ки аз истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ то маҳсулоти тайёри саноати нассоҷиро фаро гирифта, дар ду бахш фаъолият намуда, 646 коргарро бо ҷои кор таъмин карда истодааст.[148]

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди имтиёзҳои андозӣ низ аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ истифода намуда истодааст. Масалан, имтиёзҳо барои корхонаҳои парандапарварӣ боиси он гардид, ки дар муддати се сол шумораи онҳо 200 адад гардидаанд.[149]

3. Дар бахши кишоварзӣ низ ин имтиёзҳо идома доранд, масалан бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кишоварзон ба муддати 1 сол аз андози замин озод карда шуданд.[150]

4. Имтиёзҳои гумрукӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ, *ки* техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмуи ягонаи технологиро ворид менамоянд, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.[151] Барои корхонаҳои истеҳсолии агросаноатӣ ставкаи фоизи андоз аз даромад то 12% кам ва ААИ то 15% кам карда шудааст.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дуюм аст, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна соҳибкорони ватаниро аз санҷишу тафтишҳои нақшавӣ ба муҳлати 1 сол моротория эълон намудааст.[152]

6. Шумораи андозҳо аз 10 номгӯйи андоз дар Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то 7 номгӯи андоз кам карда шудаанд.[153]

---

[148] Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю муассисаҳои соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017.-С.13.

[149] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021–С.12.

[150] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021–С.15.

[151] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фасли 3, боби 41, моддаи 345.

[152] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ. ш. Душанбе 16.03.22, №362

[153] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Боби 4, моддаи 24.

7. Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ имрӯзҳо барои барқарор кардани базаи моддию техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ ба таври васеъ аз лизинг истифода мебаранд, ки ин низ гувоҳи ҷори намудани таҷрибаи хориҷии рушди сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ҷумла қайд кардан ба маврид аст, ки айни ҳол дар сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати бузурги лизингӣ бо номи Тоҷикагролизинг ба таври густурда фаъолият мекунад. Масалан, дар соли 2020 дар сектори аграрии ҷумҳурӣ зиёда аз 87 адад марказҳои хизматрасонии техникӣ фаъолият мекунанд, ки мувофиқи маълумоти агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 65 адади ин марказҳоро ширкати Тоҷикагролизинг бунёд кардааст.[154]

8. Намуди дигари ҷори намудани таҷрибаи мамолики хориҷӣ дар бахши дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имтиёзҳои гумрукӣ барои ворид намудани технологияи муосири моҳипарварӣ ва маводи озуқа барои ин навъи фаъолият маҳсуб меёбад. Чунин имтиёзҳо боис гардид, ки имрӯзҳо дар шароити ҷумҳурӣ соҳибкории хурд дар бахши моҳипарварӣ рушд карда истодааст.[155]

9. Барои корхонаҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми соддакардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, ки дар ин низом корхонаҳои хурд аз пардохти андози арзиши иловашуда пурра озод карда шудаанд.[156]

10. Агар субъектони соҳибкорӣ дар фаъолияти худ аз ҳисобаробаркуниҳои ғайринакдӣ истифода баранд, меъёри андоз 1% камтар ситонида мешавад.[157]

11. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна имтиёзҳои зеринро пешниҳод намудааст. Масалан, замини тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи

[154] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорати кишоварзии ҶТ дар соли 2020. –С.12. (21 саҳ.)
[155] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2021. С.10.
[156] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, БОБИ 47(1), Моддаи 313.
[157] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, БОБИ 43(1), Моддаи 296.

замин, инчунин, шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда шаванд.[158]

Ҳамин тариқ, аз маводи овардашуда бармеояд, ки тавассути амалигардонии таҷрибаи мамолики рушдкарда дар сектори аграрии кишварамон мо дар баъзе самтҳо ба ҳавасмандгардонии корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои афзунгардонии сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба муваффақиятҳо ноил шудем.

**Ҷадвали 3.3.1.-Матрисаи имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби сармоягузорҳо дар бахши аграрӣ**

| № | Давлат | Таҷрибаи ҳавасмандгардонӣ | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | Канада | Фермерҳое, ки барои беҳтаргардонии сифати заминҳояшон сармоягузорӣ мекунанд. Даромади андозбандишавандаашон ба миқдори сармояи гузоштаашон кам карда мешавад. | Ҳавасмандии фермерҳо барои беҳтаргардонии сифати заминҳо. |
| 2. | ИМА | Барои техникаву таҷҳизоти инноватсионии муҳлати хизматашон аз 4 то 10 сол истеҳлоки суръатфизо дар то 5 сол иҷозат дода шудааст. | Ҳавасмандии фермерҳо барои ҷори намудани инноватсияҳо. |
| 3. | Британияи Кабир | Молҳои озуқаворӣ ба рӯйхати молҳое дохил карда шудаанд, ки аз онҳо андоз аз арзиши иловашуда ситонида намешавад. | Ҳавасмандии агробизнес барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ. |
| 4. | ИМА | Дар ИМА ба ҷои андоз аз арзиши иловашуда андоз аз фурӯш муқаррар гардидааст, ки меъёри миёнаи он ба 4% нархи яклухти мол баробар аст. | Ҳавасмандии фермерҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ. |
| 5. | Олмон | Барои ширкатҳое, ки ба КИТТК машғулбуда, иҷозат дода шудаст, ки техникаву таҷҳизоти худро дар 3-5 сол истеҳлок намоянд. | Ҳавасмандии барои анҷоми КИТТК. |
| 6. | ИМА | Давлат кафолати бозгашти 90%-и суммаи карзҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои хурд медиҳанд, ба уҳда мегирад. | Ҳавасмандии бизнеси хурд барои гирифтани қарзҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ. |
| 7. | Британияи Кабир ва Олмон | Давлат 80%-и кафолати карзҳои бонкҳои хусусиро, ки барои инноватсияҳо сармоягузорӣ мешавад ба мӯҳлати 15 то 23 сол ба зиммаи худ мегирад. | Ҳавасмандии фермерҳо барои ҷори намудани инноватсияҳо. |
| 8. | Ҷумҳурии Мардумии Чин | Ташкили стансияҳои моддӣ-техникии давлатӣ, дар ноҳияҳои кишоварзӣ, ки шумораи зиёди ҳоҷагиҳои фермерии хурду миёна доранд. | Ҳалли мушкилоти таъминоти моддию техникии хочагиҳои хурди кишоварзӣ. |
| 9. | Россия | Ҷори намудани андози ягонаи замин дар шакли натуралӣ ( Кишвари Ставрополь). | Ҳавасмандии фермерҳо дар мавриди босуботии низоми андозбандии ҳоҷагиҳои фермерӣ. |

***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

Аммо ба нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо вуҷуди дастгириҳои ҳамаҷонибаи давлат, амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар

[158] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021–С.13.

кишоварзӣ дар ин самт натиҷаҳо начандон назарасанд. Ба фикри инҷониб, аз таҷрибаи мамолики хориҷӣ, ки дар ин зербоб овардем истифода намуда, амалигардии онҳоро таъмин гардонида, дар ояндаи наздик метавонем дар ин ҷода ба натиҷаҳою муваффақиятҳо комёб шавем, Ба фикри инҷониб, аз таҷрибаи мамолики хориҷӣ, ки дар ин зербоб овардем истифода намуда, амалигардии онҳоро таъмин гардонида, дар ояндаи наздик метавонем дар ин ҷода ба натиҷаҳою муваффақиятҳо комёб шавем, (Ҷадвали 3.3.1.).

Ҳамин тариқ, дар зербоби мазкур таҷрибаи давлатҳои хориҷиро мавриди ҷалбу ҳавасмандии сармоягузориҳои кишоварзӣ таҳлилу баррасӣ намуда, чунин хулосаю натиҷагириҳо намудем:

1.Соҳаи кишоварзӣ-соҳаи аҳамияти стратегӣ доштаи ҳар як кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳар як давлати якпорчагӣ ва соҳибистиқлолии худро қадркунанда кушиш ба харҷ медиҳад, ки ин соҳаи иқтисодиёти кишвараш рушди босубот дошта, талаботи аҳолии кишварро бо маводи озуқаворӣ тамин карда тавонад.

2. Соҳаи кишоварзӣ соҳаи ниҳоят меҳнатталаб ва маблағталаб мебошад. Аз ин рӯ, барои иҷрои вазифаи дар боло номбаршуда, дар шароити имрӯза кишоварзии махсусгардонида ва механиконидашударо бояд ташкил намуд ва нигоҳ дошт. Ин амал дар навбати худ сармоягузориҳои зиёдро тақозо мекунад, ки на ҳама фермерҳо имконияти бардошти чунин маблағгузориҳоро доро мебошанд. Аз ин лиҳоз, давлатҳои рушдкарда бо ҳар роҳу василаҳои муосир истеҳсолоти аграрӣ, бахусус хоҷагиҳои фермерии худро дастгирию ҳавасмандгардонӣ менамоянд.

3. Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як соҳаи муҳими таъминкунандаи ашёи хом барои корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур меояд, ки аз таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо истифода намуда дар ин самт сармоягузориҳоро аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ дар соҳаи кишоварзӣ бештар намоянд. Зеро, аз маълумоҳои оморӣ бар меояд, ки

маблағгузории соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби буҷети мамлакат бениҳоят ташвишовар баназар мерасад ва бо чунин ҳаҷми сармоягузориҳо рушди соҳаи мазкур номумкин аст.

4. Ҳадаф аз омӯзишу арзёбии таҷрибаи мамолики хориҷии дорои сектори аграрии рушдкарда низ аз он иборат мебошад, ки мо дастовардҳои беҳтарини онҳоро баҳогузорӣ намуда, имконияти истифодаи самараноки онҳоро дар иқтисодиёти кишоварзии кишварамон мавриди баррасӣ қарор додем. Мавриди зикр аст, ки вобаста ба имкониятҳо, хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ, шароитҳои табиӣ-иқлимии соҳаи кишоварзӣ ва сиёсати аграрии ҳукумати кишвар баъзе аз ин таҷрибаҳо дар ҷумҳурии мо низ амалӣ шуда истодаанд ва натиҷаҳои назаррас низ додаанд, ки инро мо дар таҳқиқоти худ собит сохтем.

5. Ба фикри инҷониб, матрисаи имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби сармоягузорҳо дар бахши аграрӣ, ки аз омӯзишу таҳқиқи таҷрибаи мамолики хориҷӣ дар ин зербоб овардаем, истифода намуда, амалигардии онҳоро таъмин гардонида, дар ояндаи наздик метавонем дар ин ҷода ба натиҷаҳою муваффақиятҳо комёб шавем.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1.Дар рисола дар натиҷаи мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор додани таҳқиқоти олимони классику муосир оид ба мафҳуми сармоягузориҳо хулосабарорӣ шудааст, ки сармоягузорӣ ин гузориши сармоя ба бизнес ё ягон намуди фаъолият ( агар ба қонуну санадҳои ҳуқуқӣ мухолифат накунанд) бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ мебошад. Маблағгузориҳои асосӣ як навъи сармоягузориҳо ба шумор меравaнд, ки танҳо ба фондҳои асосӣ равона карда мешаванд. Дар адабиёти иқтисодии солҳои охир онҳоро сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ низ меноманд.Моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо дар он зуҳур мекунад, ки онҳо дар рушди иқтисодиёт, саноатикунонии соҳаҳои он нақши “локомотив”-ро мебозанд. Сармоягузориҳо дар доираи макро ва микроиқтисодиёт вазифаҳои ба худ хосро иҷро мекунанд. Дар рисола вазифаҳо ва шаклу усулҳои сармоягузориҳо тавсифу тасниф ва ҳар як навъи сармоягузорӣ, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онҳо шарҳ дода шудаанд, [1-М].

